# Масъалаи шинохт

*Муртазо Мутаҳҳарӣ*

*Баргадон ва таҳия аз:*

***Сайидюнуси Истаравшанӣ***

# Феҳристи матолиб


Феҳристи матолиб........................................................2
Имкони шинохт..........................................................5
Робитаи идеология ва ҷаҳонбинӣ.........................................5
Решаи ихтилофи ҷаҳонбиниҳо.............................................7
Аҳаммият ва қидмати масъалаи шинохт....................................7
Имкони шинохт..........................................................8
Пиррон ва имкони шинохт................................................8
Шакки Ғаззолӣ..........................................................9
Декарт ва масъалаи шинохт..............................................10
Посухи шубҳаи Пиррон...................................................11
Зиёновартарин таҳрифи таърих...........................................13
Қуръон ва достони Одам.................................................15
Даъвати Қуръон ба шинохт...............................................16
Абзорҳои шинохт........................................................19
Ҳис, абзори лозим барои шинохт.........................................20
Нақши қувваи оқила дар шинохт..........................................21
Назари Қуръон дар бораи абзори шинохт...................................22
Луғати "шукр" дар Қуръон...............................................25
Абзори дил (тазкияи нафс)..............................................29
Тамсили Мавлавӣ........................................................29
Манобеи шинохт.........................................................35
Табиат, манбае барои шинохт............................................36
Ақл ва дил ду манбаи дигари шинохт......................................38
Назари Қуръон дар мавриди манбаи "дил"..................................39
Намунаи яке будани муҷоҳидаи дарунӣ ва берунӣ...........................42
Қуръон ва ҷудо набудани дарунгароӣ ва бурунгароӣ........................43
Тавсифи Алӣ аз "ориф"..................................................45
Таърих, манбаи дигари шинохт...........................................47
Фалсафаи таърих дар Қуръон.............................................49
Мароҳил ва дараҷоти шинохт.............................................50
Назариёти мубтанӣ бар якмарҳилаӣ будани шинохт..........................50
Механизми шинохти ирфонӣ...............................................52

Назариёти Кант ва Гегел ........................................ 53
Назарияи Спенсер ........................................ 54
Назарияи тарафдорони материализми диалектик ........................................ 56
Мароҳили шинохт аз назари фалосифаи исломӣ ........................................ 58
Шинохти ҳиссӣ ва вежагиҳои он ........................................ 59
Шинохти ақлӣ ва густурдагии он ........................................ 60
Механизми таъмими шинохти ҳиссӣ ........................................ 64
Табдили шинохти сатҳӣ ба шинохти мантиқӣ ........................................ 65
Назарияи марксизм ва мунтаҳӣ шудани он ба идеализм ........................................ 66
Назари Рассел ........................................ 69
Назари Бӯалӣ ва Хоҷа Насир ........................................ 70
Назари Фелисен Шалли ........................................ 71
Шинохти оятӣ ........................................ 74
Ташбеҳи зеҳн ба ойина ........................................ 74
Таассуб, садди роҳи шинохт ........................................ 75
Тафовутҳои ойина ва зеҳн: ........................................ 78
1) Инъикоси маъонӣ; ........................................ 78
2) Хатоёбӣ: ........................................ 78
3) Худогоҳӣ: ........................................ 79
4) Таъмим; ........................................ 80
5) Таъмиқ: ........................................ 80
Шинохти оятӣ ........................................ 81
Равони нохудогоҳ ва шинохти оятӣ ........................................ 84
Ду хусусияти ҳавзаи равони нохудогоҳ ........................................ 85
“Пинҳонҳои равони инсон” дар Қуръон ва дуои Кумайл ........................................ 86
Назарияи Фрейд ........................................ 88
Назарияи Юнг ........................................ 89
Масъалаи талқин ........................................ 90
Равони нохудогоҳ ва исботи асолати руҳ ........................................ 91
Кашфи равони нохудогоҳ ва “шинохти оятӣ” ........................................ 92
Муқоисаи шинохти Иброҳим (а) ва шинохти равонковон ........................................ 93
Шинохти ҳақиқӣ ........................................ 95
Таърифи “ҳақиқат” аз назари уламои қадим ва ишколоти матраҳшуда ........................................ 96
Таорифи дигари “ҳақиқат” ........................................ 98
Робитаи “ҳаққ” ва “муфид” дар умури ҷузъӣ ва куллӣ ........................................ 99

Назари Қуръон дар бораи талозуми “муфид” ва “ҳақиқат” дар умури куллӣ .................................. 100
Таърифи севвуми ҳақиқат ........................................................................................................ 101
Назарияи чаҳорум ..................................................................................................................... 103
Иттиҳом ба уламои исломӣ........................................................................................................ 105
Оё амал калиди андеша аст ё меъёри он? ................................................................................ 106
Баррасӣ таърифҳои ҳақиқат ...................................................................................................... 108
Монандии “иҷмоъ аз назари аҳли суннат” ва назарияи Огюст Конт.................................... 109
Радди назарияи Огюст Конт ...................................................................................................... 110
Радди назарияи нисбӣ будани ҳақиқат ..................................................................................... 111
Маншаи ин иштибоҳ.................................................................................................................. 112
Фарқи “милоки шинохт” ва “меъёри шинохт”......................................................................... 113
Шинохти “худмеъёр”.................................................................................................................. 114
Назари мантиқи Арасту дар боби таҷриба ............................................................................... 115
Меъёри шинохт аз назари мантиқи ҷадид ............................................................................... 116
Таъсири “мантиқи амал” дар ақоиди мазҳабӣ.......................................................................... 117
Ишколоти ворид бар “мантиқи амал” (1) ................................................................................. 119
Ишколи севвум........................................................................................................................... 120
Сухани Рассел дар бораи “мантиқи амал”................................................................................ 120
Ду мисоли дигар......................................................................................................................... 121
Ишколоти ворид бар “мантиқи амал” (2) ................................................................................. 123
Хулосаи ишколоти мантиқи амал ............................................................................................. 123
Ишколи севвум........................................................................................................................... 125
“Муваффақият дар амал” дар “Наҳҷул-балоға”........................................................................ 125
Оё пешрафти масеҳият далели ҳаққонияти он аст?................................................................. 127
Ҷараёни “амалгароӣ” ва “фоидагароӣ” ..................................................................................... 129
Оё амал танҳо калиди шинохт аст? ........................................................................................... 132
“Инсони фитрӣ” ва “инсони муктасиб” .................................................................................... 134

بسم الله الرحمان الرحيم

# Имкони шинохт

بسم الله الرّحمن الرّحيم

الحمد لله ربّ العالمين بارئ الخلائق أجمعين والصلوة على سيّدنا ونبيّنا محمد وآله الطاهرين

Мавзӯи баҳси мо “масъалаи шинохт аз назари Қуръон” аст. Масъалаи шинохт ё назарияи шинохт ва ба таъбири уламои имрӯзи арабизабон “*назариятул-маърифа*” (*epistemología* = *эпистемология*) имрӯз аҳаммияти фавқулъодае пайдо кардааст ва камтар масъалае ба андозаи масоили марбут ба масъалаи шинохт, имрӯз муҳим шинохта мешавад. Чаро?

Аввал ман бояд иллати аҳаммияти ин масъаларо баён кунам, баъд вориди худи масъала шавам. Имрӯз фалсафаҳои иҷтимоӣ, мактабҳо, идеологияҳо ва “-изм”-ҳо аҳаммияти фавқулъодае пайдо кардааст ва ҳар касе, ки мехоҳад навъе тафаккур дошта бошад ва зиндагии худашро бар асоси як мантиқ мунтабиқ карда бошад, дам аз мактаб ва идеология мезанад. Мактабҳо ва идеологияҳо ва “-изм”-ҳо имрӯз бо якдигар дар набард ва ситез ҳастанд, ҳар мактабе барои худ ҳомӣ мехоҳад ва ба ҳимояти ҳомиёни худаш бармехезад.

Ҷанги афкору ақоид ҳамеша дар дунё будааст, вале дар даврони собиқ чун ғолибан афкору ақоид дар атрофи масоили назарии маҳз буд, аз миёни хавосс, он ҳам хоссулхоссҳо таҷовуз намекард, вале имрӯз чун фалсафаҳои иҷтимоӣ по ба майдон гузоштаанд, бозори ҷанги ақоид, яъне ҷанги мактабҳо ва идеологияҳо ва “-изм”-ҳо доғтар ва гармтар аст.

## Робитаи идеология ва ҷаҳонбинӣ

Чаро идеологияҳо бо якдигар мутафовитанд? Чаро як фард ё як гурӯҳ аз як идеология дифоъ мекунад ва фард ё гурӯҳи дигар аз идеология дигар? Агар аз шахсе, ки ба як идеология мӯътақид аст бипурсед, ки чаро ту ба ин идеология пайвастӣ ва ба он дигаре напайвастӣ, мебинед фавран масъалаи дигареро матраҳ мекунад ва он масъалаи ҷаҳонбинӣ аст. Идеологияҳо ва мактабҳо зодаи ҷаҳонбиниҳо ҳастанд. Такягоҳи идеологияҳо ҷаҳонбиниҳо

ҳастанд. Ҷаҳонбинӣ яъне навъи бардошт, тафсир ва навъи таҳлиле, ки як инсон дар бораи ҳастӣ ва ҷаҳон ва дар бораи инсон ва ҷомеа ва таърих дорад.

Афрод ва гурӯҳҳо ҷаҳонбиниҳояшон мухталиф аст, яъне як гурӯҳ ҷаҳонро як гуна тафсир мекунад ва гурӯҳи дигар ба гунаи дигар. Агар ҷаҳонбинӣ мухталиф бошад, идеология мухталиф аст, чун такягоҳ ва пояе, ки идеология аз ҷанбаи фикрӣ бар он устувор аст ҷаҳонбинӣ аст, зеро идеология яъне мактабе, ки “боядҳо ва набояд”-ҳоро мушаххас мекунад; мактабе, ки инсонро ба як ҳадафе даъват мекунад ва барои расидан ба он ҳадаф роҳе ироа медиҳад. Идеология мегӯяд: чӣ гуна бояд буд, чӣ гуна бояд зист, чӣ гуна бояд шуд, чӣ гуна бояд сохт, яъне худро чӣ гуна бояд бисозем, тибқи чӣ улгуе бояд бисозем, ҷомеаи худамонро чӣ гуна бояд бисозем. Идеология ба ин умур посух медиҳад, мегӯяд: инчунин бош, инчунин зиндагӣ кун, инчунин бишав, инчунин худро бисоз, инчунин ҷомеаи худро бисоз.

Инҳо ҳама “чаро” дорад; ту мегӯӣ инчунин бош, чаро бояд инчунин бошам ва ончунон набошам? Мегӯӣ инчунин зиндагӣ кун, чаро инчунин зиндагӣ кунам? Чаро ончунон зиндагӣ накунам? Мегӯӣ инчунин бишав, инчунин худро бисоз, инчунин ҳадаф интихоб кун. Ин чароҳоро “ҷаҳонбинӣ” посух медиҳад, мегӯяд: вақте ман мегӯям инчунин бош, чун ҳастӣ инчунин аст, сохтмони ҷаҳон инчунин аст, инсон чунин мавҷуде аст, ҷомеа чунин ҳақиқат ва моҳияте дорад, чунин қонунҳо ва сунане дорад, равони инсон чунин ҳувият ва чунин қонунҳо ва сунане дорад, ҷаҳон инчунин ё ончунон аст. Ҷаҳонбинӣ ба мо хабар медиҳад аз (ин ки) чӣ ҳаст, чӣ нест, чӣ қонуне бар ҷаҳон ва бар инсон ҳоким аст, чӣ қонуне бар ҷомеа ҳоким аст, ҳаракатҳо ба сӯи чӣ ҷиҳате аст, табиат чӣ гуна ҳаракат дорад ва аслан ҳастӣ чист.

Ҳар тавр, ки мо дар мавриди ҷаҳонбинӣ фикр кунем, ночор идеологияи мо тобеъи ҷаҳонбинии мо хоҳад буд. Масалан, имкон надорад, ки инсон ҷаҳонро моддаи маҳз бидонад ва инсонро моддии маҳз, вале барои зиндагӣ дар ҷаҳони ҷовид ҳам фикр кунад, ки агар мехоҳӣ саодати ҷовид дошта бошӣ, чунину чунон бош; дигар саодати ҷовиде дар кор нест. Ин аст, ки мегӯянд, идеология зодаи ҷаҳонбинӣ аст. Ҷаҳонбинӣ ба манзилаи зербинои фикр аст ва идеология ба манзилаи рӯбно. Яъне дар як дастгоҳи фикру андеша, **ҷаҳонбинӣ ҳукми табақаи зерин ва идеология ҳукми табақаи рӯинро дорад, ки бар асоси он ва бино бар иқтизооти он сохта шудааст**. Агар бихоҳем ба таъбири уламои қадими худамон

баён кунем, бояд ин тавр бигӯем, ки идеология ҳикмати амалӣ аст ва ҷаҳонбинӣ ҳикмати назарӣ; ҳикмати амалӣ зодаи ҳикмати назарӣ аст, на ҳикмати назарӣ зодаи ҳикмати амалӣ.

## Решаи ихтилофи ҷаҳонбиниҳо

Пас то инҷо ба ин натиҷа расидем, ки идеология зодаи ҷаҳонбинӣ аст. Инҷо фавран як суоли дигар матраҳ мешавад: чаро ҷаҳонбиниҳо мухталиф аст? Чаро яке моддӣ фикр мекунад ва дигаре илоҳӣ? Яке як пора истидлолот ва далоил тартиб медиҳад ва он ҷаҳонбиниро натиҷагирӣ мекунад ва дигаре далоили дигаре тартиб медиҳад ва ҷаҳонбинии дигареро натиҷагирӣ мекунад?

Ҷавоб ин аст, ки ӯ ҷаҳонро ба гунае мешиносад ва ин ба гунаи дигар, шинохти ӯ аз ҷаҳон ин гуна аст ва шинохти ин аз ҷаҳон ба гунаи дигар; ва намешавад ҳам шинохти ин саҳеҳ бошад ва ҳам шинохти он; аз ин ду лоақал яке иштибоҳ аст ва яке саҳеҳ. Ҳамин ҷост, ки масъалаи шинохти саҳеҳ ва шинохти ғалат матраҳ мешавад. Пас, аввал биравем суроғи масъалаи шинохт ва бибинем, ки шинохти саҳеҳ чӣ шинохтӣ аст; яъне қабл аз он ки биравем суроғи ҷаҳон ва бигӯем ҷаҳон ин гуна аст ё он гуна ва қабл аз он ки биравем суроғи идеология ва бигӯем ин идеология саҳеҳ аст ё он идеология, бояд биравем суроғи шинохт, бибинем кадом шинохт саҳеҳ аст ва кадом ғалат ва аслан шинохти саҳеҳ яъне чӣ ва шинохти ғалат яъне чӣ.

## Аҳаммият ва қидмати масъалаи шинохт

Дунё, дунёи мактаб ва идеология аст. Мактаб ва идеология бар пояи ҷаҳонбинӣ аст ва ҷаҳонбинӣ бар пояи шинохт. Аз инҷо инсон ба аҳаммияти масъалаи шинохт пай мебарад. Он ки идеологияаш масалан бар асоси ҷаҳонбинии моддӣ аст, ҷаҳонбинии моддиаш бар асоси назарияи хоссе дар боби шинохт аст. Он дигаре идеология дигаре дорад бар асоси ҷаҳонбинии дигаре ва он ҷаҳонбинӣ бар асоси назарияе аст, ки дар боби шинохт дорад. Ин аст, ки мо қабл аз баҳс дар бораи идеологияҳо, мактабҳо ва ҷаҳонбиниҳо, бояд таклифи масъалаи шинохтро равшан кунем.

Арз кардам, ба он андоза, ки имрӯз ин масъала аҳаммият пайдо кардааст, дар ҷаҳони дирӯз ба аҳаммияти ин масъала пай набурда буданд. Вале масъалаи шинохт як масъалаи бисёр қадимӣ аст ва беш аз ду ҳазор сол аз умри он мегузарад. Дар фалсафа ва ҳикмати исломӣ, мо бобе таҳти унвони “назариятул-маърифа” яъне “назарияи шинохт” надорем, вале ағлаби

масоиле, ки дар боби шинохт матраҳ аст, ба таври мутафарриқа дар масоили марбут ба илм ва идрок ва ақл ва маъқул, масоили марбут ба вуҷуди зеҳнӣ ва масоили марбут ба нафс ва кайфиёти нафсонӣ матраҳ шудааст. Бинобар ин аз қадим ба аҳаммияти ин масъала каму беш пай барда буданд, вале имрӯз фалсафаҳои дунёи ҷадид бештар ва бештар дар атрофи назарияи шинохт давр мезанад.

Мо намехоҳем ҳамаи масоили марбут ба шинохтро матраҳ кунем, зарурат ҳам надорад, лоақал масоили муҳиммашро тарҳ мекунем.

## Имкони шинохт

Аввалин сухан дар боби шинохт, ки аз қадим матраҳ буда ва имрӯз ҳам матраҳ аст ин аст, ки аслан оё шинохт мумкин аст? Оё мешавад ҷаҳонро шинохт? Оё мешавад инсонро шинохт? Оё мешавад ҳастиро шинохт? Иддае аз бех мункиранд; мегӯянд, шинохт барои башар ғайримумкин аст, яъне як шинохти қобили эътимоду итминон барои башар як амри номумкин аст, "лоадригарӣ" яъне "намедонамгарӣ" сарнавишти маҳтуми башар аст. Ибтидо ба назар мерасад, ки ин мактаб хеле мактаби сусте аст ва асосан қобили таваҷҷӯҳ нест, вале аз қазо тарафдорони ин мактаб далоили бисёр қавӣ иқома кардаанд, ки ҷавобгӯӣ ба онҳо кори соддае нест; намехоҳам бигӯям ғайримумкин аст, мехоҳам бигӯям кори соддае нест.

## Пиррон ва имкони шинохт

Дар даврони баъд аз Суқрот, гурӯҳе ҳастанд, ки онҳоро "шаккокон" меноманд ва маъруфтарин шахсияти онон марде аст ба номи *Пиррон* (*Pyrrho*). Ӯ даҳ далел бар адами имкони шинохт иқома кардааст, мегӯяд: шинохтан амри номумкине аст, "шак" ва "намедонам" сарнавишти маҳтуми башар аст. Як далели бисёр соддааш ин аст: инсон агар бихоҳад бишносад, абзори шинохташ чист? Мо ду абзор, ки бештар надорем: яке ҳис аст ва дигаре ақл.

Аз шумо мепурсам: оё ҳис хато мекунад ё на? Ҳама мегӯянд: ило мошоаллоҳ (яъне зиёд): хатои сомеа, босира, ломиса, шомма ва зоиқа, ки ҳамаи инҳо мисолҳои фаровон дорад ва баъзе иддао кардаанд, ки танҳо босира чандсад навъ хато дорад. Мегӯяд: чизе, ки хато мекунад ва қобили хатост, қобили эътимод нест. Вақте як ҷо мебинам ва мебинам, ки иштибоҳ аст, ҷои дигар, ки мебинам, наметавонам ба он эътимод кунам.

Ақл чӣ тавр? Мегӯяд, он ки аз ҳис бештар хато мекунад. Дар истидлолҳои ақлии уламо ва фалосифа доиман иштибоҳ рух медиҳад.
Пас ҳис хато мекунад, ақл ҳам хато мекунад ва мо ғайр аз ин ду чизи дигаре надорем. Пас ҳар чиро, ки фикр мекунем ва дар бораи ҳар чи, ки меандешем, ё ҳавосси мо дахолат дорад ё ақли мо ва ё ҳар ду ва ин ҳар ду ҷоизулхато ҳастанд, пас ба ҳеч кадом аз инҳо наметавон эътимод кард.

## Шакки Ғаззолӣ

Медонед, дар миёни уламои исломӣ он касе, ки фикри худашро ва фалсафа ва мактаби худашро аз шак шурӯъ кардааст, Ғаззолӣ аст. Ғаззолӣ кори худашро аз шак шурӯъ кардааст, монанди кори маъруфи Декарт. Ҳар ду нафар аз як нуқта азимат кардаанд. Ҳар ду корашонро аз шак шурӯъ кардаанд ва ҳар ду муддаӣ ҳастанд, ки ба яқин даст ёфтаанд, вале ҳастанд афроде, ки аз шак шурӯъ кардаанд ва дар шак ҳам мондаанд, чӣ дар дунёи ислом ва чӣ дар дунёи ғарб, ки ин таърихчаро шояд вақти дигаре арз кунам.
Ғаззолӣ вақте мехост, илми худашро шурӯъ кунад, дар ҳама чиз шак кард, яъне ба ҳар ҷое, ки даст андохт, дид қобили шак кардан аст.
(Аввал) суроғи ҳавос омад, гуфт, ман алъон инҷо нишастаам, китоб ҷилавам ҳаст ва ин қалам ва коғаз дар дастам ҳаст ва ин фазоро дорам мебинам ва ин садоҳоро дорам мешунавам. Охир ман дар ҳар чи шак кунам, дар ин, ки наметавонам шак кунам. Баъд худаш ба худаш ҷавоб дод. (Инҷо ҳам натавонист биистад ва пояш лағзид). Гуфт: оқои Ғаззолӣ! Чӣ қадр то ҳоло хоб дидаӣ, ки дар олами хоб масалан нишастаӣ китоб менависӣ, дорӣ бо фалон рафиқат ҳарф мезанӣ, суханашро бо гӯши худат мешунавӣ; бо чашмат дар олами хоб мебинӣ, ки дорӣ мебинӣ, дорӣ ғизои лазиз мехӯрӣ. Оқои Насими Шимол аз забони фақири мафлуки бечорае гуфт:
*Шабе дар хоб медидам либоси тозае дорам,*
*Миёни рахтхоби гарму нарм овозае дорам.*
*Миёни ҷайбҳоям пули беандозае дорам,*
*Шудам бедору дидам, боз урён ҷумла аъзоро.*
Гуфт: оқои Ғаззолӣ! Ту чӣ қадр дар олами руъё ва хоб айнан ҳамин ҷур дидаӣ? Ҳамон тавр, ки алъон шак намекунӣ, ки ҳақиқат аст, дар олами хоб ҳам он чиро, ки мебинӣ, магар шак мекунӣ, ки ҳақиқат аст? Оё шумо дидаед касе дар олами хоб чизеро бибинад ва дар олами

хоб шак кунад, ки он чизе, ки мебинам, дуруст аст ё хато? Дар олами хоб инсон шак надорад, ки ҳар чиро, ки мебинад, дуруст мебинад. Вақте бедор мешавад, мебинад ҳамааш ваҳму хаёл буда ва чизе набудааст. (*Шудам бедору дидам боз урён ҷумла аъзоро.*) Аз куҷо, ки тамоми зиндагии ман алъон як хоби бузург набошад? Аз куҷо, ки мани Ғаззолӣ, ки мегӯям панҷоҳ сол пеш, аз фалон зан, ки модарам бошад мутаваллид шудам, падарам, ки буд, мадраса рафтам, издивоҷ кардам, чандин сол дарс хондам, чанд сол риёзат кашидам ва имрӯз ҳам дар инҷо нишастаам, якдафъа бедор шавам ва бибинам, тамоми инҳо хоб буда; аз куҷо, ки хоб набудааст? Чӣ далеле дорам, ки тамоми ин зиндагии феълии ман, ҳамин, ки алъон ба унвони як файласуф нишастаам ва мехоҳам барои худам мабдаи фикр пайдо кунам, идомаи як хоби тӯлонӣ набошад? Инҳо ҳама мерасонад, ки башар роҷеъ ба масъалаи шинохт чӣ гуна сари як бизангоҳҳое гир мекунад.

## Декарт ва масъалаи шинохт

Магар Декарт (*Descartes*) ин тавр набуд? Декарт ҳам ҷаҳонбинии худашро арзёбӣ кард, ақоиди мазҳабӣ ва фикру ахлоқу эътиқодоту фалсафаи хешро бознигарӣ кард, якдафъа рӯи масъалаи шинохт лағзид, гуфт: ин, ки ман мегӯям олам чунин аст, Худо вуҷуд дорад, нафс вуҷуд дорад, рух вуҷуд дорад, дунё вуҷуд дорад, Париж вуҷуд дорад, мазҳаби Масеҳ чунин аст, ба чӣ далел мегӯям? Рафт суроғи абзорҳои шинохт, дид, ҳама қобили муноқиша аст. Хост, рӯи ҳавос такя кунад, дид, ки ҳавос аз ҳама чиз пояш ларзонтар аст. Хост, рӯи ақл такя кунад, дид, ақл низ ларзон аст, якдафъа дид, зери пояш холӣ аст, дар ҳама чиз шак мекунад ва аслан ҳеч чиз барояш боқӣ намонд. Дар ҳамин ҳол, ки дар фазо муаллақ шуда буд ва зери пояш ҳеч чиз намонда буд ва дар ҳама чиз шак мекард, якмартиба мутанаббеҳи ин нукта шуд, гуфт: вале агар дар ҳама чиз шак мекунам, дар ин ки шак мекунам, шак намекунам. Дар васати замину осмон рӯи як сахра истод, гуфт: як ҷо пайдо кардам: (ин ки) дар ҳавосси худам шак мекунам, рост аст, дар маъқулоти худам шак мекунам, рост аст, ҳатто дар вуҷуди худам шак мекунам, рост аст, дар Худо шак мекунам рост аст, дар ҷаҳон ва дар мазҳаб ва зиндагӣ шак мекунам рост аст, вале дар як чиз ҳар чи бихоҳам шак кунам, шак намекунам ва он ин аст, ки дар ин ки шак мекунам, шак намекунам, чун агар шак кунам, боз медонам, ки дорам шак мекунам. Дар васати замину осмон рӯи ин нуқта истод, яъне як марказ ва як пойгоҳ барои шинохт пайдо кард. То ин пойгоҳро пайдо кард, фавран рӯи ин пойгоҳ як хишт гузошт ва гуфт: ман шак мекунам ва чун шак мекунам, пас вуҷуд дорам, ки

шак мекунам, пас, ман ҳастам. Рӯи сахраи аввале, ки пайдо кард як санг гузошт ва он ин ки “ман вуҷуд дорам”; дар ин ки шак мекунам шак намекунам ва дар ин ки худам вуҷуд дорам шак намекунам. Аз инҷо шурӯъ ба ҳаракат кард.

Ҳол оё ҳарфи Декарт дуруст аст ё на? Мучи Декартро инҷо гирифтаанд. Бӯалӣ ҳафтсад сол қабл аз Декарт ҳамин ҳарфи Декартро матраҳ карда ва мучи ӯро гирифтааст, ки ҳол намехоҳем онро тарҳ кунем.

## Посухи шубҳаи Пиррон

Пас, масъалаи аввали шинохт, масъалаи имкони шинохт аст, ки оё барои башар шинохтан мумкин аст?[1] Оқои Пиррон гуфт: шинохт ва маърифат ғайримумкин аст (ба ҳамон далеле, ки арз кардам). Албатта мучи оқои Пирронро дигарон гирифтаанд. Худи мо дар поварақиҳои “*Усули фалсафа*” як ҷо ин мучро гирифтаем. Ба оқои Пиррон чунин мегӯянд: ту мегӯӣ ҳис хато мекунад, ба далели ин ки ман гоҳе мебинам чашмам луч (олус) мешавад, як одамро дукалла мебинам, чӯбро дар зарфи об шикаста мебинам ва аз ин қабил. Ту, ки мегӯӣ ман мебинам, ки ҳис хато мекунад, он ҷо, ки мебинӣ ҳис хато мекунад, оё медонӣ, ки ҳис хато мекунад ё боз ҳам шак дорӣ, ки ҳис хато мекунад? Онҷо, ки мегӯӣ вақте аз хоб баланд мешавам ва чашмамро мемолам, бинии касеро, ки муқобили ман истода дуто мебинам, чашмашро чаҳорто мебинам ва мегӯӣ ин иштибоҳ аст, оё медонӣ, ки иштибоҳ аст ё эҳтимол медиҳӣ, ки иштибоҳ аст? Мегӯяд: на, медонам, ки иштибоҳ аст; ӯ, ки дуто калла ё дуто бинӣ надорад. **Пас, ту худат ин хаторо бо як яқин пайдо кардӣ, ту чӣ тавр мегӯӣ ман ба маърифат даст наёфтам?** Ин худаш як маърифат аст. Вақте мегӯӣ ақл дар фалон ҷо иштибоҳ кардааст, бо ҷазм мегӯӣ иштибоҳ карда, яъне медонам, ки иштибоҳ кардааст, пас ба ҳақиқат расидаӣ. Инсон то ба як ҳақиқат нарасида бошад, иштибоҳ будани нуқтаи муқобилро намефаҳмад.

---

[1] *Ин шинохтан мусовӣ бо яқин аст, вагарна шак, ки шинохтан нест. Шинохт яъне ба нуқтае бирасам, ки фикр кунам чунин аст ва шак накунам дар ин ки он чи ки фикр мекунам чунин аст, дуруст аст; дар дуруст будани он шак накунам, зеро агар шак кунам, дигар барои ман шинохт нест, “оё” аст. “оё чунин аст?”, “намедонам”, “шояд ҳаст”, “шояд нест”, ҳарфи лоадриҳост. Шинохт он вақт шинохт аст, ки шак дар он набошад, агар шак бошад, “лоадрӣ” мешавад.*

Бинобар ин, чунин бояд гуфт: инсон дар баъзе аз идрокоти худ иштибоҳ мекунад ва ҳол он ки ҷазман дар баъзе аз идрокоти худ иштибоҳ надорад. Пас, бояд масъаларо тақсим кунем, бояд дунболи як меъёр биравем, бибинем оё метавонем бо як меъёре он мавоуридеро, ки иштибоҳ мекунем, ба як шакл ислоҳ кунем ё на? Чаро ба далели ин ки дар баъзе мавориd хато мекунем, мункир асли шинохт бишавем? Чаро он мавориде, ки хато мекунем ва мавориде, ки шак надорем, ки хато намекунем (мисли ҳамон ҷое, ки мефаҳмем хато кардаем) ҳар дуро яксон бидонем? Ин ҳарфи оқои Пиррон назири шеъри Саъди мешавад:

*Чу аз қавме яке бедонишӣ кард,*

*На кеҳро манзалат монад, на меҳро.*

*Шунидастӣ, ки гове дар алафхор*

*Биёлояд ҳама говони деҳро*.

Инҳо дар масоили иҷтимоӣ дуруст аст, ки агар чанд нафар аз як ҷомеае, аз як синфе — масалан синфи руҳонӣ — ашхоси бадкору бадамал даромаданд, обрӯи дигарон ҳам меравад, вагарна маънӣ надорад, ки Зайд гуноҳ кунад ва мо яқаи Амрро бигирем:

*Гунаҳ кард дар Балх оҳангаре,*

*Ба Шуштар заданд гардани мисгаре.*

Порае аз идрокоти мо иштибоҳ аст, порае дигар қатъан дуруст аст; биравем суроғи чораи идрокоти ғалат. Ин ҷост, ки илми мантиқ ба вуҷуд омад. Илми мантиқ, илме аст пояи назарияи шинохт. Дар ҳамин назарияи имкони шинохт ва адами имкони шинохт, он ки гуфт шинохт номумкин аст, ҳисобашро яксара кард ва он ки гуфт шинохт мумкин аст, дунболи як меъёр рафт барои ин ки шинохти ғалатро аз шинохти саҳеҳ ташхис диҳад ва меъёре барои тамйиз додани шинохти ғалат аз шинохти саҳеҳ дар кор бошад. Ҳол, мантиқ то чӣ андоза аз ӯҳдаи ин масъулият ва ин вазифаи худ баромадааст, масъалае аст, ки агар бихоҳем вориди он шавем, аз масоили муҳимтар бозмемонем.[2]

[2] *Чун мо мехоҳем ба ин матлаб бирасем, ки оё ин мактаби илоҳӣ, ин ҷаҳонбинии илоҳӣ, ки ҷаҳонбинии мост ва идеологияи мо бар пояи ин ҷаҳонбинӣ бино шудааст, бар асоси чӣ меъёрҳое аз масъалаи шинохт бино шудааст? Масъалаи умдаи мо ин аст; масоили дигар барои мо бештар ҷанбаи муқаддамотӣ дорад, яъне онҳоро то он ҳадд матраҳ мекунем, ки барои мо лозим бошад, вагарна агар бихоҳем масъалаи мантиқро матраҳ кунем, "мантиқи сурат" дорем, "мантиқи модда" дорем ва мантиқи Арасту муддаӣ аст, ки ман мантиқи*

Мо бояд бибинем, ки Қуръон дар ин бора чӣ мегӯяд? Оё Қуръон мӯътақид аст, ки шинохт мумкин аст ё Қуръон ҳам мегӯяд шинохт мумкин нест? Тоза, вақте, ки шинохт мумкин бошад, чун Қуръон аст ва мазҳаб аст, худи шинохт дар идеология мумкин аст ҳукме дошта бошад ва он ҳукм ин аст, ки оё шинохт машрӯъ аст ё мамнӯъ? Оё шинохт ҷоиз аст ё ноҷоиз? Ду масъала аст (яке ин ки оё шинохт мумкин аст ё номумкин? Ва дигар ин ки оё шинохт ҷоиз аст ё ноҷоиз?) Медонед, ки дар Таврот масъала ба шакли хоссе матраҳ шудааст ва аз назари мо Таврот як китоби таҳрифшуда аст. Яъне мо бо меъёри Қуръон месанҷем, як масъаларо, ки ҳам Қуръон нақл кардааст ва ҳам Таврот, вақте нақли Тавротро мухолифи Қуръон мебинем, барои мо тардиде нест, ки баёни Таврот таҳриф шудааст. Дар Қуръон ба унвони як китоби мазҳабӣ ҳеч вақт масъала ба ин шакли фалсафӣ матраҳ намешавад, ки оё шинохт мумкин аст ё маҳол? Балки бояд бибинем бардоштҳои Қуръон аз масоил, оё бар асоси имкони шинохт аст ё бар асоси имтинои шинохт? Оё дастурҳои Қуръон бар асоси имкони шинохт қобили тавҷеҳ аст ё бар асоси адами имкони шинохт? Ва масъалаи дигар ин аст, ки оё шинохт ҷоиз аст ё ноҷоиз?

## Зиёновартарин таҳрифи таърих

Дар Таврот таҳрифе воқеъ шудааст, ки ман хаёл намекунам дар ҷаҳон таҳрифе ба андозаи ин таҳриф ба башарият зиён ворид карда бошад. Медонем, ки ҳам дар Қуръон ва ҳам дар Таврот достони Одам ва биҳишт ба ин сурат матраҳ аст, ки Одам ва ҳамсараш дар биҳишт ҳақ доранд аз неъматҳо ва самароти он истифода кунанд ва як дарахт ҳаст, ки набояд ба он дарахт наздик шаванд ва аз меваи он бихӯранд. Одам аз меваи он дарахт хӯрд ва ба ҳамин далел аз биҳишт ронда шуд. Ин миқдор дар Қуръон ва Таврот ҳаст.

Масъала ин аст, ки он дарахт чӣ гуна дарахте аст? Аз худи Қуръон ва қароини қуръонӣ ва аз мусалламоти ривоятҳои исломӣ бармеояд, ки он меваи мамнӯъ, ба ҷанбаи ҳайвонияти инсон марбут мешавад, на ба ҷанбаи инсонияти инсон, яъне як амре буда аз мақулаи шаҳавот, аз мақулаи ҳирс, аз мақулаи ҳасад ва ба истилоҳ, аз мақулаи зидди инсонӣ. Ба дарахти тамаъ наздик машав, яъне аҳли тамаъ набош; ба дарахти ҳирс наздик машав, яъне

---

*сурат ҳастам ва оё мантиқи Арасту аз ӯҳдаи кори худаш баромадааст ё барнаёмадааст, худаш чандин ҷаласа вақт мехоҳад ва зарурате барои баҳси мо надорад, зеро ин баҳсҳо феълан байни моддигароён ва илоҳиюн матраҳ нест.*

ҳарис набош; ба дарахти ҳасад наздик машав, яъне ҳасодат наварз. Вале Одам аз одамияти худаш таназзул кард ва ба онҳо наздик шуд; ба ҳирс, ба тамаъ, ба ҳасад, ба такаббур, ба ин чизҳое, ки суқути инсоният аст наздик шуд. Ба ӯ гуфтанд, бояд биравӣ берун, баъд аз он ки

وَعَلَّمَ آدَمَ الْأَسْمَاءَ كُلَّهَا

(*Сураи Бақара, ояти 31*) Ҳамаи ҳақоиқ ба ӯ омӯхта шудааст, гуфтанд инҷо ҷойи ту нест, бирав берун! Дар Таврот дасти ҷинояткорони таҳриф омадааст қазияро ба ин шакл ҷилва додааст, ки он дарахте, ки Худо ба Одам дастур дод, ки наздики он нашав, марбут аст ба ҷанбаи инсонияти Одам, на ҷанбаи ҳайвонияти Одам, ба ҷанбаи эътилои Одам, на ҷанбаи тасаффули (суқути) Одам. Ду камол барои Одам вуҷуд дошт ва Худо мехост он ду камолро аз ӯ дареғ кунад: яке, камоли маърифат ва дигаре камоли ҷовидона будан; Худо намехост ин дуро ба Одам бидиҳад; Одам аз "дарахт" яъне дарахти шиносоӣ (дарахти шинохт) чашид ва чашмаш боз шуд (ва бо худ гуфт) то ба ҳол кӯр будем, тоза чашмамон боз шуд, тоза мефаҳмем хуб яъне чӣ, бад яъне чӣ. Худо ба фариштагон гуфт: дидед! Мо намехостем ӯ аз шаҷараи маърифат ва шинохт баҳраманд шавад, аммо хӯрд ва чашмаш боз шуд, ҳоло, ки чашмҳояш боз шуд, хатари ин ки аз дарахти ҷовидонагӣ ҳам бихӯрад ва ҷовидона низ бимонад ҳаст, пас беҳтар аст ӯро аз биҳишт берун кунем.

Ин фикр ва ин таҳриф барои дину мазҳаб ба таври умум бисёр гарон тамом шуд (мазҳаб яъне дини Худо, яъне дастури Худо); гуфтанд: пас маълум мешавад, миёни дин ва маърифат тазодд аст: ё Одам бояд дин дошта бошад, амри Худоро бипазирад ва ё бояд аз дарахти маърифат бихӯрад, чашмҳояш боз шавад; ё бояд дину мазҳаб дошт, амри Худоро пазируфт ва кӯр буд ва нашинохт ва ё бояд шинохт, исён кард, зери амри Худо зад, динро канор гузошт ва рафт ин маъсиятро муртакиб шуд, то чашмҳо боз шавад. Кам-кам масалҳое дар Урупо роиҷ шуд, ки мегуфт: "*Инсон агар Суқроте бошад мафлуку гурусна, беҳтар аз ин аст, ки хуке бошад барда*", "*Ман як рӯз зиндагӣ кунам чашмҳоям боз бошад, беҳтар аст аз ин ки як умр чашмҳоям баста бошад ва кӯр бошам, ки баъд мехоҳам дар биҳишт зиндагӣ кунам*", "*Ман ҷаҳаннам бо чашми бозро тарҷеҳ медиҳам бар биҳишт бо чашми баста*".

Ин аст, ки шумо мебинед дар дунёи Урупо як масъалаи фавқулъода муҳим, масъалаи тазодди илм ва дин аст. Хаёл накунед, ки ин масъала масъалае буда, ки чаҳорто донишманд аз худ даровардаанд, решаи он дар ақоиди мазҳабии масеҳият ва яҳудият — ки ҳар ду Тавротро ба унвони Аҳди атиқ китоби осмонӣ медонанд — вуҷуд дорад, ки ё бояд дин дошт

ва ба биҳишти неъматҳо рафт, хӯрд, хобид, аз ин сар тохт ба он сар ва аз он сар ба ин сар, аммо чашмҳоят баста бошад ва ё агар чашмҳоят боз шуд, бояд биравӣ дар фалокат зиндагӣ кунӣ ва мафлук бор биёӣ.

## Қуръон ва достони Одам

Аммо Қуръон ҳаргиз чунин ҳарфе намезанад. Қуръон достони наздик шудани Одам ба он дарахтро баъд аз достони

وَعَلَّمَ آدَمَ الْأَسْمَاءَ كُلَّهَا ثُمَّ عَرَضَهُمْ عَلَى الْمَلَائِكَةِ فَقَالَ أَنْبِئُونِي بِأَسْمَاءِ هَؤُلَاءِ إِنْ كُنْتُمْ صَادِقِينَ

(*“Сипас илми асмо (илми асрори офариниш ва номгузории мавҷудот)-ро ҳамагӣ ба Одам омӯхт, баъд онҳоро ба фариштагон арза дошт ва фармуд: агар рост мегӯед, асомии инҳоро баршуморед.” (Сураи Бақара, ояти 31)*) зикр кардааст, яъне Одам пеш аз он ки ба биҳишт биравад ва ба ӯ бигӯянд инҷо бимон, чашмаш боз шуда буд ва ҳамаи ҳақоиқи оламро омӯхта буд, одам буд ва дар биҳишт буд, на як ҳайвони чашмбастае дар биҳишт буд, ки бо хӯрдани он мева чашмаш боз шуд; одам буд, ки рафт ба биҳишт; чун одам буд, ориф буд, шинохт дошт, шиносой дошт ва ҳақоиқро медонист. Одамро аз ин ҷиҳат берун карданд, ки аз одамият хориҷ шуд, бо он ҳама илму маърифат асири ҳавову ҳавасаш шуд, асири як ҳирс шуд, асири як васваса ва тамаъ шуд. Ба ӯ гуфтанд, инҷо ҷойи одам аст. Одам ноодам шуд, ки аз биҳишт суқут кард. Одам ба лавозими шинохти худ, ба лавозими шиносоии худ амал накард. Шинохт, ҷаҳонбинӣ медиҳад ва ҷаҳонбинӣ идеология медиҳад ва идеология амал мехоҳад. Ман одам ҳастам, ҳамаи ҳақоиқро медонам, ин “медонам” ба ман ҷаҳонро ба шакли хосс нишон медиҳад ва чун ҷаҳонро ин гуна мебинам, пас “бояд ва набояд” дорам. Вале ман ба “бояд ва набояд” нигоҳ накунам, масъулият эҳсос накунам, як васвасагар биёяд ва бигӯяд, “он дарахт, дарахти ҷовидонагӣ аст, Худо ҳасудияш шуд, ки ба ту гуфт нахӯр, на, бирав аз ин дарахт бихӯр.” (Онҳо гуфтаанд, одам ба ин сурат васваса шуд) ва ман бихӯрам, вале баъд он дарахт, дарахти маърифат аз кор дарояд.

На, эй одам! Ту одаме, ту шинохт дорӣ, ту ҷаҳонбинӣ дорӣ, ту идеология дорӣ; идеология дар ниҳояти амр амал мехоҳад (амал ҳам ду ҷанба дорад: ҷанбаи манфӣ ва ҷанбаи мусбат), тақво ва худнигаҳдорӣ мехоҳад; магар мешавад инсон идеология дошта бошад, вале тоби таҳаммули кучактарин маҳрумиятро надошта бошад? Ҳам идеология дошта бошам ва ҳам

ҳар ҷо ҳар чи дидам дунболаш биравам, масалан чашмам ба як хӯроке биафтад, оби даҳонам роҳ биафтад ва дигар натавонам нахӯрам. Одам будан тақво ва худнигаҳдорӣ мехоҳад.

Ин аст, ки дар мантиқи ислом Одам ба ин далел аз биҳишт ронда шуд, ки ба он дараҷаи чаҳоруми шинохти худ амал накард, яъне шинохт, баъд ҷаҳонбинӣ пайдо кард, баъд идеология пайдо кард ва баъд идеология ӯро ба амал мултазам кард; ба инҷо, ки расид, пояш лағзид, гуфтанд: бирав берун! Вале Таврот мегӯяд, аз аввал ба ӯ гуфтанд, шинохт пайдо накун, чун шинохт пайдо кард ва чашмҳояш боз шуд, ба ӯ гуфтанд, бирав берун ва он дарахт, дарахти маърифат буд.

Ин аст, ки арз мекунам камтар андешае, фикре, назарияи таҳрифшудае ба андозаи ин тахрифе, ки дар Таврот ворид шудааст, ба башарият ва ба олами дин зарар задааст. Ҳанӯз, ки ҳанӯз аст, дар дунё ин мавҷ матраҳ аст, ки ё илм ё дин, яке аз инҳо.

Пас Қуръон қоил ба мамнӯияти шинохт нест, балки қоил ба имкони шинохт аст. Ба чӣ далел Қуръон қоил ба имкони шинохт аст? Возеҳ аст: вақте Қуръон даъват ба шинохт мекунад, даъват ба як амри номумкин намекунад. Вақте, ки Қуръон роҷеъ ба одами аввал, дараҷаи шинохташро то ҳадди бениҳоят боло мебарад, чӣ мехоҳад бигӯяд? Мехоҳад бигӯяд: эй башар! Ту имкони шинохти бениҳоят дорӣ:

وَعَلَّمَ آدَمَ الْأَسْمَاءَ كُلَّهَا

Имом Содиқ рӯи як тахтапӯсте нишаста буданд; даст заданд ба он ва фармуданд: “Ва ҳатто ин, ки зери пойи ман аст”, яъне чунин шинохти бениҳояте барои одам ҳосил шуд.

Пас Қуръон қоил ба имкони шинохт аст. Достони Одам пур аз ҳикмат аст. Яке аз ҳикматҳо ва дарсҳо ва рамзҳои достони Одам, масъалаи имкони шинохт аст. Яъне мехоҳад ба ҳамаи мо бигӯяд: эй инсонҳо! Шумо баччаи он одаме ҳастед, ки шинохташ то ин ҳадд буд, “баччаи Одам” ҳастед, баччаи Одаме ҳастед, ки шинохти бениҳоят пайдо кард, пас ба сӯи шинохти бениҳоят биравед. Баччаи Одам будан аз назари Қуръон мусовӣ аст бо баччаи шиносо будан; шумо баччаи шинохт ҳастед.

## Даъвати Қуръон ба шинохт

Ба илова, Қуръон расман банӣ Одамро даъват ба шинохт мекунад. Ин ҳама дар Қуръон амр ба назар ҳаст, амр ба тафаккур ва тадаббур ҳаст ва таъбироте аз ин қабили:

قُلِ انْظُرُوا مَاذَا فِي السَّمَاوَاتِ وَالْأَرْضِ

(*Сураи Юнус, ояти 101*) Ба ин мардум бигӯ, назар кунед (назар яъне фикр кардан), фикр кунед дар ин осмонҳо ва замин чӣ чизҳое ҳаст, бишносед. Қуръон мегӯяд, дар ин осмонҳо ва замин назар кунед, бiравед ҳар чи ҳаст бишносед! Эй инсон! Худатро бишнос, ҷаҳонатро бишнос, Худоятро бишнос, замонатро бишнос, ҷомеа ва таърихи худатро бишнос. Ҳатто ояти

يَا أَيُّهَا الَّذِينَ آمَنُوا عَلَيْكُمْ أَنْفُسَكُمْ

(*Сураи Моида, ояти 105*) Эй аҳли имон! Бар шумо бод худатон!, он тавр, ки алъон дар зеҳнам ҳаст, муфассироне аз қабили Аллома Таботабоӣ (Мудда зиллуҳ!) мегӯянд яъне худатро бишнос.
Дар ояти маъруфи “Зарр” (*Сураи Аъроф, ояти 172*) нуктаи аҷибе дар боби шинохти худ ва худшиносӣ ҳаст, агарчӣ ба сурати рамзмонанд баён шудааст; мегӯяд:

وَأَشْهَدَهُمْ عَلَى أَنْفُسِهِمْ

(Мардумро шоҳид бар нафасҳои худ гирифт.) Шаҳодат як вақт адои шаҳодат аст, ки аввал инсон чизеро дида, баъд мехоҳад барои дигарон нақл кунад ва шаҳодат бидиҳад. Ва як вақт якеро меоваранд барои ин ки аввал бибинад ва баъд шаҳодат бидиҳад. Онро мегӯянд “адои шаҳодат” ва инро мегӯянд “таҳаммули шаҳодат”. Қуръон мегӯяд, Худо худи башарро ба худаш ироа дод (албатта ин оят аз оятҳои фитрат аст), худашро шоҳид бар худаш гирифт, яъне гуфт, худатро бибин!

وَأَشْهَدَهُمْ عَلَى أَنْفُسِهِمْ

То башар худашро дид, Худо гуфт:

أَلَسْتُ بِرَبِّكُمْ

Оё ман парвардигори шумо нестам? Гуфтанд: бале. Намегӯяд, Худо худашро ба башар ироа дод, баъд гуфт, оё ман парвардигори шумо нестам; мегӯяд, башарро ба башар ироа дод ва баъд гуфт, оё ман парвардигори шумо нестам? Ба чӣ муносибат ин тавр гуфт? Оё ин мисли

ин аст, ки оқои Зайдро ба касе нишон бидиҳанд, баъд бигӯянд, оё Амрро намебинӣ? На. Ин ҳисоби дигар аст. Дар мақоми масал, масали ин аст, ки касе ба дӯсташ мегӯяд, он ойинаро нигоҳ кун, ӯ дар ойина нигоҳ мекунад, сурати рафиқашро мебинад Ва то ба ойина нигоҳ кард, мегӯяд, ман зебо ҳастам ё на? Чаро? Чун ба ойина нигоҳ кардааст. Агар ба девор нигоҳ карда буд, ин тавр набуд.

Ин қадр Худо бо башар наздик аст! Ин қадр худшиносӣ ва Худошиносӣ бо якдигар омехтааст! Мегӯяд: башар! Худатро бибин. Ва то худашро мебинад, мегӯяд, оё ман парвардигори ту нестам? Ту худатро бибинӣ, маро дидаӣ, худатро бишносӣ, маро шинохтаӣ. Ҷумлаи

من عرف نفسه فقد عرف ربّه

(“Ҳар кас худашро бишносад, Худоро шинохтааст.”) аз ҷумалоти маъруфи ҷаҳон аст, қабл аз ислом ҳам ин ҷумла гуфта шудааст, Сукрот ҳам гуфтааст, дар Ҳинд ҳам хелеҳо гуфтаанд, вале аҳаде ба зебоии Қуръон баён накардааст. Амирулмӯъминин аз ин таъбирот, зиёд дар калимоташ ҳаст, дар калимоти Пайғамбари Акрам (с) низ ҳаст, вале ба ин зебоӣ, ки дар ин ояти Қуръон омада аҳаде баён накардааст, бо он лисони рамзомези Қуръон: башарро ба башар ироа дод ва гуфт, худатро бибин ва то худашро дид, гуфт, маро хуб мебинӣ? Гуфт: оре, туро хуб мебинам. Намегӯяд:

من عرف نفسه فقد عرف ربّه

Дуто маърифат радиф намекунад: маърифати худат, то баъд, аз он мунтақил бишавӣ ба маърифати Худо. Ин қадр ин ду маърифат ба ҳам наздик аст, ки агар инро бибинӣ, онро дидаӣ. Дигарон дуто маърифат дар канори ҳам қарор додаанд, Қуръон ба як таъбир мегӯяд, ҳамон ирфони нафс кофӣ аст, агар ирфони нафс бошад, ирфони Рабб ҳам ҳаст. Ин қадр ирфони нафс бо ирфони Рабб яке аст! Мисли нигоҳ кардан ба ойина аст. Дар айни ин ки ойина ғайр аз сурате аст, ки дар он аст, аммо агар ойинаро бибинӣ, наметавонӣ сурати даруни онро набинӣ.

Вақте инсон ин нукоти Қуръонро тадаббур мекунад, воқеан ҳайрат мекунад. Оят будан яъне ин. Шумо ҳисоб кунед, пайғамбар як марди араби уммӣ, як деҳотӣ, дар Макка, ки масалан ба андозаи Силқони мо (деҳе кучак дар атрофи Теҳрон) будааст ва чаҳорто тоҷири рибохӯр дар онҷо буда, мактаб надидааст, устоду муаллим надидааст, босаводҳои ҷомеааш дар сатҳи

килоси севвуми имрӯз будаанд, фақат як хатте мехондаанд ва каҷу кулае менавиштаанд; оё ба забони чунин марде инчунин суханони латиф ва зариф ҷорӣ бишавад боваре аст бидуни ин ки як иртиботи маънавӣ бо олами дигар дар кор бошад? Сухане бигӯяд, ки Суқротҳо ҳаргиз натавонистаанд ба ин латофат сухан бигӯянд? Ин қадр диди васеъ дошта бошад? Як марди араби уммӣ, ки маълумоти худаш (маълумоти башариаш) аз як чӯпони мо камтар будааст, бигӯяд:

قُلِ انْظُرُوا مَاذَا فِي السَّمَاوَاتِ وَالْأَرْضِ

Назар кунед дар ин осмонҳо ва замин (ба замин ҳам қаноат намекунад), бибинед дар тамоми ин ҷаҳон чист, тамоми ҷаҳонро бишносед. Пас Қуръон, ки даъват ба шинохт мекунад, имкони шинохт барояш матраҳ нест, яъне имкони шинохт аз назари ӯ мусаллам аст.

Албатта роҷеъ ба имкони шинохт, бархе масоили ҷузъӣ ҳаст, ки агар лозим бошад баъд арз мекунам.

## Абзорҳои шинохт

Дар масъалаи шинохт, масоиле матраҳ аст, ки мо дар ҷаласаи гузашта ду масъала аз он масоилро баён кардем. Аҳаммият ва арзиши шинохт дар ҷаласаи гузашта арз шуд ва махсусан аз ин роҳ ворид шудем, ки чаро дар дунёи имрӯз масъалаи шинохт ин ҳама аҳаммият пайдо кардааст, ки иддае гуфтаанд, фалсафа ҷаҳоншиносӣ нест, шинохтшиносӣ аст ва ба истилоҳи фарангиаш *онтология* (*ontology*) нест, *эпистемология* (*epistemology*) аст. Арз кардем, ки чун дунёи имрӯз дунёи мактаб ва идеология аст ва идеологияҳо зодаи ҷаҳонбиниҳо ҳастанд ва ҷаҳоншиносиҳо зодаи шинохтшиносиҳо ҳастанд, пас бояд қабл аз ҳар чиз шинохтшинос буд, то ҷаҳоншинос шуд, то таклифи худро дар пайвастан ба як мактаб ва идеология равшан дид. Масъалаи дигар имкони шинохт аст, ки дар ин бора низ баҳс шуд.

Масъалаи дигар **абзори шинохт** аст. Василаи инсон барои шинохт чист? **Манобеи шинохт** ва **дараҷоти шинохт** ва анвоъу ақсоми шинохт, аз масоили дигар аст, ки анвоъу ақсоми шинохт бо дараҷоти шинохт фарқ мекунад. Масъалаи дигар **мавзӯоти шинохт** аст; он мавзӯоте, ки инсон бояд бишносад ва зарурат дорад, чӣ мавзӯоте аст? Масъалаи дигар, ки аз як назар шояд аз ҳамаи ин масоил муҳимтар бошад, **меъёри шинохт** аст. Бо чӣ меъёре метавон як шинохтро саҳеҳ ва ё носаҳеҳ донист? Меъёри беҳтарини шинохтҳо чист?

Ва **мухтавои шинохт**, масъалаи дигари мост. Шояд мо дар зимни баррасии инҳо, ба баъзе масоили дигар барбихӯрем, вале феълан сутуни фақароти баҳсҳои моро инҳо ташкил медиҳанд.
Мухтасаре дар бораи таърифи шинохт баҳс кунем, вале шояд беҳтар бошад, ки ибтидо миқдоре дар бораи шинохт баҳс бишавад, баъд таъриф гардад. Баъзеҳо вақте мехоҳанд шинохтро таъриф кунанд, ки шинохтани ҷаҳон яъне чӣ, мегӯянд, шинохт яъне инъикоси ҷаҳони айнӣ дар зеҳн. Ҳол ин дуруст аст ё на, баъд бояд рӯи он баҳс кунем. Баъзе дигар аз як назар муддаӣ ҳастанд, ки ҳар чизеро инсон бо шинохт таъриф мекунад, худи шинохт ниёзе ба таъриф надорад, шинохтро фақат бояд бо як алфози равшантаре тавзеҳ дод; шинохт яъне огоҳӣ ва огоҳӣ эҳтиёҷ ба таъриф надорад. Ин иҷмоли сухан дар боби таърифи шинохт аст, ки то мавқеъе, ки мухтавои шинохт комилан диниста нашавад, намешавад рӯи таърифаш баҳс кард.

## Ҳис, абзори лозим барои шинохт

Абзори шинохт чист? Яке аз васоил ва абзорҳои шинохт барои инсон "ҳавос" аст. Инсон дорои ҳоссаҳои мутаъаддид аст: ҳисси босира, ҳисси сомеа, ҳисси зоиқа… Агар фарз кунем инсон фоқиди ҳамаи ҳавос бошад, фоқиди ҳамаи шинохтҳо хоҳад буд. Ҷумлае аст, ки аз қадимулайём маъруф аст ва шояд аз Арасту бошад:

من فقد حسّا فقد علما

"Ҳар кас, ки фоқиди як навъ ҳис бошад, фоқиди як навъ шинохт аст". Агар инсон кӯри модарзод ба дунё биёяд, имкон надорад, ки аз яке аз рангҳо, шаклҳо ё фосилаҳо тасаввуре дошта бошад. Бо ҳар лафзе ё луғате бихоҳед барои як кӯри модарзод як рангро таъриф кунед ва онро ба ӯ бишносонед, ё бихоҳед ранги чизеро барои ӯ баён кунед, барои шумо имкон надорад.
Масали маъруфе аст, ки як кӯри модарзод ба умраш ширбиринҷ нахӯрда буд ва фақат номи онро шунида буд. Аз касе пурсид, ки ширбиринҷ чист? Ӯ ширбиринҷро ба рангаш таъриф кард, фикр накард, ки кӯри модарзод, ки ранг сараш намешавад. Ширбиринҷро агар хостӣ таъриф кунӣ, ба мазааш таъриф кун; аз он маззаҳое, ки ӯ чашида, масалан бигӯ, агар таъми ширро бо таъми биринҷ ва таъми шакар махлут кунанд, мешавад таъми ширбиринҷ. Пурсид ширбиринҷ мисли чист? Гуфт: мисли гардани ғоз. (Чун гардани ғоз сафед аст, ба гардани

ғоз таъриф кард). Гуфт: гардани ғоз чӣ гуна аст? Дасти худашро пеш кашид ва гуфт: гардани ғоз чунин чизе аст. Гуфт: фаҳмидам, пас ширбиринҷ як чунин чизе аст.
Ба кӯри модарзод маҳол аст инсон битавонад баъзе чизҳоро бишносонад, чун:

من فقد حسّا فقد علما

Ба кари модарзод маҳол аст инсон битавонад савт, мусиқӣ ё оҳангро бишносонад ва ҳамчунин ҳар касе, ки фоқиди ҳар ҳиссе бошад. Бинобар ин, дар ин ки ҳис яке аз мабодии шинохт аст, шакку тардиде нест, вале оё ҳис барои шинохт кофӣ аст? На. Вақте, ки мо дараҷоти шинохтро баён мекунем, хоҳем гуфт, ки чаро ҳис кофӣ нест. Яъне ҳис шарти лозими шинохт ҳаст, аммо шарти кофӣ барои шинохт нест.

## Нақши қувваи оқила дар шинохт

Илова бар ҳавос, инсон ниёз ба як амр ва ё умури дигаре дорад. Инсон барои шинохтан, ба навъе таҷзия ва таҳлил ва гоҳе ба анвоъи таҷзия ва таҳлил ниёз дорад. Таҷзия ва таҳлил, кори ақл аст. Таҷзия ва таҳлилҳои ақлӣ, дастабандӣ кардани ашё дар мақулаҳои мухталиф аст. Ин кор ба истилоҳ бо таҷзия сурат мегирад; ва ҳамчунин аст таркиб кардан ба шакли хоссе, ки мантиқ ӯҳдадори корҳои таҳлилӣ ва корҳои таркибӣ аст ва худи ин достонҳое дорад. Масалан, агар мо филҷумла бо масоили илмӣ ошноӣ дошта бошем, ба мо ин тавр мегӯянд, ки фалон чиз аз мақулаи каммият аст, фалон чиз аз мақулаи кайфият аст, дар инҷо тағйири каммӣ табдил ба тағйири кайфӣ шудааст ва аз ин навъ ҳарфҳо. Ин каммият ва кайфият ва амсоли инҳо яъне чӣ? Мо ашёро дар мақулаҳои мухталиф дастабандӣ кардаем; масалан, фосилаҳоро бар ҳасби метр, вазнҳоро бар ҳасби килограмм ва масоҳатҳоро бар ҳасби метр таъйин мекунем ва инҳоро "каммият" мегӯем. Садҳо ҳазор ашёро дохил дар мақулаи каммият мекунем. Ҳамчунин садҳо ҳазор ашёи дигарро дар мақулаи кайфият дастабандӣ мекунем. Садҳо ҳазор ашёи дигарро дар мақулаи изофа (ё мақулаи нисбатҳо) дохил мекунем ва мегӯем, на каммият аст на кайфият. Садҳо ҳазор шайъи дигарро мегӯем, на каммият аст, на кайфият ва на изофа, ҷавҳар аст ва ё ба таъбири ғалати баъзе афрод, зот аст.
Инҳо дастабандиҳост. Инсон то ашёро дастабандӣ накунад, наметавонад онҳоро бишносад. Ҳеҷ мактабе нест, ки қоил ба мақулоти ашё ва қоил ба дастабандӣ кардани ашё барои шиносоӣ набошад. Албатта, гоҳе дар бораи теъдоди мақулаҳо ихтилофи назар аст, яке

мегӯяд, даҳ тост, дигаре мегӯяд, панҷ тост, Арасту барои худаш мақулоте дорад, Шайхи Ишроқ барои худаш макулоте дорад, Кант барои худаш мақулоте дорад, Гегел ҳамин тавр ва дигарон. Вале он чи мусаллам аст ин аст, ки мақулот барои шинохт, як амри зарурӣ аст. Агар ашё мақула-мақула нашаванд, барои мо қобили шинохт нестанд. Ин мақула-мақула шудан, як кори ақлонӣ ва фикрӣ ва як таҷзия ва таҳлили ақлӣ аст.

Ашёро ба сурати ҷузъӣ эҳсос мекунем, баъд ба онҳо таъмим ва куллият медиҳем. “Таъмим” як амали ақлӣ аст, кори ақл аст, кори ҳис нест.

Яке аз корҳои фавқулъодаи зеҳни инсон амали “таҷрид” аст. Таҷрид яъне чӣ? Таҷрид ғайр аз таҷзия аст. “Таҷрид мекунем” яъне зеҳни мо ду амреро, ки дар олам айни яке ҳастанд, ҳаргиз ҷудо намешаванд ва имкони ҷудо шудан надоранд, аз якдигар ҷудо мекунад, таҷрид ва муҷаррад мекунад. Масалан, шумо ҳаргиз адади муҷаррад дар хориҷ надоред. Шумо дар олами айн як панҷто надоред, ки фақат панҷто бошад, на панҷто гирду бошад, на панҷто дарахт бошад ва на панҷто чизи дигар бошад. Намешавад дар олами айн “панҷто” вуҷуд дошта бошад, бидуни ин ки “панҷ чиз” бошад. Агар панҷтоӣ бошад, ашёе ҳастанд, ки панҷто ҳастанд, масалан ангушт вуҷуд дорад, ки мегӯем панҷто ангушт. Вале зеҳн дар олами худаш, дар олами ҳисобу аъдод, он ҷо, ки мегӯяд, 5×5=25, ҳеҷ зарурате надорад, ки аввал гирдуро дар назар бигирад, баъд бигӯяд, панҷто панҷ гирду, балки мегӯяд, панҷ панҷто мешавад бисту панҷто. Яъне зеҳн таҷрид мекунад ва чун таҷрид мекунад, қодир бар тафаккур ва қодир бар шиносоӣ аст. Агар зеҳн қудрати таҷрид намедошт, наметавонист тафаккур кунад.

Ин аст, ки барои шиносоӣ, абзори ҳис шарти лозим аст, вале шарти кофӣ нест, як нерӯ ва қувваи дигаре ҳам ҳаст; исми он қувваро ҳар чи мехоҳед бигузоред: қувваи фикр, қувваи тафаккур, қувваи андеша, қувваи оқила, он қуввае, ки таҷрид мекунад, он қуввае, ки таъмим медиҳад, он қуввае, ки таҷзия ва таркиб мекунад, он қуввае, ки ҳатто куллиётро таҷзия ва таркиб мекунад; мо ба он “қувваи оқила” мегӯем, шумо мехоҳӣ исми дигаре рӯи он бигузорӣ, бигузор! (Гуфт: ман ошро мепазам, ту исмашро ҳар чи мехоҳӣ бигузор.)

Бинобар ин, ҳис яке аз абзорҳост, он қувваи дигаре, ки исмаш ақл, андеша, фикр, фокира ё ҳар номи дигаре аст, абзори дигаре аст; ин ҳар ду барои шинохтан зарурат дорад ва мо аз инҳо бениёз нестем.

## Назари Қуръон дар бораи абзори шинохт

Қуръон дар боби шинохт чӣ назарияе дорад?[3] Қуръон ба чӣ абзоре барои шинохт мӯътақид аст? Оё ҳисро абзори шинохт мешиносад? Оё ақлро абзори шинохт мешиносад? Оё ҳам ҳис ва ҳам ақл, ҳар дуро барои шинохт лозим медонад? Оё ба абзори дигаре ҳам ғайр аз ҳиссу ақл қоил аст ва агар қоил аст, оё мавзӯи он шинохтҳо бо мавзӯи ин шинохт яке аст? Қуръон дар яке аз оятҳояш дар сураи муборакаи Наҳл, ба сароҳат матлаберо баён мекунад, ки назараш дар мавриди абзори шинохт маълум мешавад. Дар сураи муборакаи Наҳл мефармояд:

---

[3] *Аз суоле, ки яке аз дӯстон дар поёни ҷаласаи қабл карданд, фаҳмидам, ки инро бояд тазаккур диҳам, ки агар мо дар лобалои сухан, аз Қуръон ҳам баҳсе мекунем, на ин аст, ки аз аввал мехоҳем ба истиноди Қуръон бигӯем шинохти саҳеҳ яъне чӣ. На. Мо дорем баҳси илмӣ мекунем, баҳси шинохтшиносӣ мекунем, вале дар канори ин, ҳамон тавр, ки назариёти соҳибназаронро баён мекунем, назари Қуръонро ҳам баён мекунем, ки иҷмолан огоҳ бошем ва агар касе аз мо бипурсад: Афлотун дар боби шинохт ба чӣ абзоре мӯътақид буд? Мегӯем, ӯ дар ин боб, мактаби инҳисорӣ дорад ва мегӯяд, ягона абзори шинохт, ақл аст ва бо ақл мешавад шинохт ва мавзӯи шинохт ҳам (ки баъдан дар бораи он баҳс мекунем) аз назари Афлотун "куллӣ" аст, на "ҷузъӣ". Аслан, ҷузъӣ аз назари ӯ ҳақиқат нест, чизе нест, то мавзӯи шинохт воқеъ шавад. Пас ӯ ба як навъ шинохти ақлонӣ қоил аст, ки он шинохти ақлониро "диалектик" ном гузошт. Ба як навъ диалектик дар шинохт қоил буд, ки дар диалектики Афлотун абзори шинохт ақл аст ва мавзӯи шинохт — яъне он чи, ки ҳақиқат аст — куллиёт аст, на ҷузъиёт. Пас мо назари Афлотунро иҷмолан донистем. Ё агар касе бипурсад, назари Арасту дар ин бора чист, мегӯем: Арасту мӯътақид аст, ки хайр, он ки қобили шинохт аст, ҳам куллиёт аст ва ҳам ҷузъиёт. Ҷузъӣ ҳақиқат аст ва куллӣ ҳам ба навъе ҳақиқат аст, ҳар ду ҳақиқат аст ва ҳис абзори шинохт аст. Арасту барои ақл ҳам арзиш қоил аст.*

*Бинобар ин, мо назария нақл мекунем ва агар аз Қуръон чизе гуфтем, нагӯед шумо доред ҳарфатонро бар асоси Қуръон мезанед ва аз ҳамон ҳарфҳои Қуръон ҳам мехоҳед натиҷа бигиред. Мо мехоҳем баҳси шинохт кунем ва агар назари Қуръонро ҳам мегӯем, мехоҳем бидонем назари Қуръон чист; дар зимни ин ки бо назари фалон файласуф ё фалон мактаб ошно мешавем, мехоҳем бо назарияи Қуръон ҳам ошно шавем.*

وَاللَّهُ أَخْرَجَكُمْ مِنْ بُطُونِ أُمَّهَاتِكُمْ لَا تَعْلَمُونَ شَيْئًا

(*Сураи Наҳл, ояти 78*) Ӯст Худое, ки шуморо аз шикамҳои модаронатон берун овард, дар ҳоле, ки шумо ҳеч чиз намедонистед, яъне аз назари шинохт ҳеч чизро намешинохтед, бешинохт будед.[4] (Алъон баҳси фитратро намехоҳам тарҳ кунам. Баҳси фитрат мисли баҳси шинохт чандин ҷаласа вақт аз мо мегирад. Ҳамин қадр арз мекунам, ки ин оят мунофоте бо масъалаи фитрат надорад.)

وَجَعَلَ لَكُمُ السَّمْعَ وَالْأَبْصَارَ

Ва барои шумо гӯш ва чашмҳо ва дидаҳо қарор дод.

Медонед, ки дар миёни ҳавосси инсон, он ҳавоссе, ки беш аз ҳама дар шиносоӣ таъсир дорад, чашм ва гӯш аст. Ломиса ва зоиқа ва шомма ҳар кадом мешиносад, вале чанд қалами кучакро. Бӯалӣ меъёри хубе ба даст медиҳад, мегӯяд: шумо луғатҳое, ки марбут ба машмумот (бӯиданиҳо) аст пайдо кунед, луғатҳои марбут ба музаввақот (чашиданиҳо)-ро

---

[4] *Ин оят зимнан радди назарияи маъруфи Афлотун ҳам ҳаст. Афлотун мӯътақид буд, ки руҳи инсон қабл аз омадан ба ин дунё, дар олами куллиёт ва идеяҳо будааст (ки исми он куллиёти маъқулро “мисол” ё “идея” мегузорад. Калимаи “идея”-ро барои аввалин бор Афлотун дар фалсафа ворид кард) ва чун ҳар чи ҷузъӣ дар ин олам ҳаст, дар олами дигар идеяе дорад, пас руҳ, тамоми ин идеяҳо ва куллиётро огоҳ буда ва мешинохтааст, баъд ба дунё омадааст. Вақте ба дунё омада, омадан ба дунё ва бо бадан яке шудан, ҳукми пардаеро пайдо карда, ки рӯи маълумоташ афтодааст. Руҳ вақте ба дунё меояд, ҳама чизро мешиносад ва медонад, аммо феълан ёдаш нест; мисли он вақте, ки шумо дар худатон эҳсос мекунед, ки як матлаберо медонед, вале ёдатон нест ва мунтазир ҳастед, ки ба як муносибате ёдатон биафтад ва агар касе ишорае кунад, фавран мегӯед, ёдам афтод. Ин “ёдам афтод” яъне дар махзани зеҳни ман будааст. Ба қавли Бергсон* (Henri Bergson), *зокира қудрат надошт; дар ҳофиза вуҷуд дошт, вале зокира, ки бояд онро аз махзани ботин ба зоҳир биёварад, робитааш қатъ шуда буд; ин робитаи овардан ва бурдан қатъ шуда буд. Афлотун чунин назаре дорад. Ҳар чи инсон дар ин дунё бишиносад ва ёд бигирад, аз назари Афлотун ёдгирӣ нест, балки ёдоварӣ аст. Ин аст, ки ӯ мегӯяд, илм “тазаккур” аст.*

пайдо кунед, луғоти марбут ба малмусот (ламскарданиҳо, қаппиданиҳо)-ро ҳам пайдо кунед, баъд луғоти марбут ба мубсирот (диданиҳо) ва масмуот (шуниданӣ)-ро пайдо кунед, мебинед, дар боби мубсирот ва масмуот ҳазорон луғат аст, балки ағлаби маҳсусоти мо маҳсусоти басарӣ ва самъӣ аст.

Қуръон ҳам инҷо он ду ҳоссаи муҳимро зикр карда; баъд аз ин ки мегӯяд шумо омадед ба ин дунё дар ҳоле, ки ҳеч чиз намедонистед, мегӯяд:

وَجَعَلَ لَكُمُ السَّمْعَ وَالْأَبْصَارَ

Ба шумо чашм ва гӯш дод, ҳавос дод, яъне абзори донистан дод; намедонистед, намешинохтед, ин абзорро дод, ки бишносед,

وَالْأَفْئِدَةَ لَعَلَّكُمْ تَشْكُرُونَ

Оё Қуръон фақат ба ҳавос қаноат кард? На. Пушти сараш он чизеро зикр мекунад, ки дар истилоҳи Қуръон ба он "лубб" гуфта мешавад (ва ҳар забоне ҳақ дорад ҳар луғатеро ба ҷойи он ба кор бибарад), он чизе, ки маркази тафаккур аст. Гоҳе мегӯяд, афроде дил надоранд, маълум аст, ки манзур ин қалби тиббӣ ва гӯштӣ нест. "Ва Худо барои шумо дилҳо қарор дод" баъд аз чашм ва гӯш, дилро зикр мекунад,[5] яъне ҳамон қуввае, ки таҷзия ва таркиб мекунад, таъмим медиҳад, таҷрид мекунад; қуввае, ки нақши бисёр асосӣ дар шинохт дорад.

## Луғати "шукр" дар Қуръон

لَعَلَّكُمْ تَشْكُرُونَ

Ин хеле муҳим аст: бошад, ки шумо сипосгузорӣ кунед. Яъне чӣ? Мумкин аст бигӯед, яъне "Худоё! Шукрат, ки ба мо чашму гӯш додӣ". На. Иттифоқан яке аз луғоти Қуръон, ки шинохтани он хеле лозим аст, луғати "шукр" аст. Аслан луғати "шукр" маънояш тақдир аст, яъне қадрдонӣ кардан; шукр яъне қадрдонӣ. Ба ҳамин далел ба Худо "шакур" гуфта мешавад. Чаро ба Худо "шакур" мегӯянд? Оё яъне Худо худашро шукр мекунад? Ин ки

[5] *Дар бораи мафҳуми дил ба истилоҳи қуръонӣ ва истилоҳи ирфонӣ, устод дар чанд сафҳаи баъд таҳти унвони абзори дил тавзеҳ медиҳанд.*

ғалат аст ва маъно надорад. Ё масалан ба бандагонаш мегӯяд, ман аз шумо ташаккур мекунам? На. Худоро, ба ҳукми ин ки тақдир ва қадрдонӣ мекунад,

إِنَّ اللَّهَ لَا يُضِيعُ أَجْرَ الْمُحْسِنِينَ

(*“Худованд подоши некӯкоронро зойеъ намекунад.”* (*Сураи Тавба, ояти 120*)), арзишшиносӣ мекунад, “шакур” мегӯянд, яъне аъмоли неку бад, амали солеҳу фоҷирро дар як мизон намегузорад:

أَمْ نَجْعَلُ الَّذِينَ آمَنُوا وَعَمِلُوا الصَّالِحَاتِ كَالْمُفْسِدِينَ فِي الْأَرْضِ أَمْ نَجْعَلُ الْمُتَّقِينَ كَالْفُجَّارِ

(*“Оё касонеро, ки имон овардаанд ва амали солеҳ анҷом додаанд ҳамчун муфсидон дар замин қарор диҳем, ё парҳезгоронро ҳамчун фоҷирон?”* (*Сураи Сод, ояти 28*)) Оё мо чунин ҳастем, ки ҳар дуро як ҷур ҳисоб кунем?

هَلْ يَسْتَوِي الَّذِينَ يَعْلَمُونَ وَالَّذِينَ لَا يَعْلَمُونَ

(*“Оё касоне, ки илм доранд (медонанд) бо касоне, ки илм надоранд (намедонанд) яксонанд?” (Сураи Зумар, ояти 9*)) На. Чунин чизе нест. Аз ин ҷиҳат, ки Худо фазилату кӯшишу ҳаракати башарро, ҳусни ният ва хулуси башарро қадрдонӣ мекунад, ба Худо “шакур” мегӯянд.

Бандаи шакур яъне чӣ? Яъне бандае, ки Худо неъматеро ба ӯ додааст ва ӯ он неъматро тақдир мекунад. Тақдири неъмат яъне чӣ? Қадри неъматро бишносад яъне чӣ? Ин масъалае аст, ки аз қадим матраҳ буда ва ҳама ин тавр таъриф кардаанд ва таърифаш ҳам хеле равшан аст; яъне он неъматро дар масире, ки барои он офарида шудааст, ба кор барад. “Шукр” яъне ба кор бурдани неъмати Ҳақ дар масире, ки Худои Мутаъол он неъматро барои он офаридааст. Шукри неъмати даст, гуфтани “илоҳӣ шукр” нест. Илоҳӣ шукр хабар аз шукр аст, на худи шукр. Мисли ин ки

أستغفر الله ربّي وأتوب اليه

(Астағфируллоҳа раббӣ ва атубу илайҳ) сиғаи тавба аст, на худи тавба. Бархе миёни сиғаи тавба ва худи тавба иштибоҳ мекунанд. Тавба яъне пушаймонии шадид аз гуноҳ, тасмими

акид бар такрор накардани гуноҳ ва бозгашт ба сӯи ҳақиқат. Ин, як лафзи баёнгаре дорад, ки мегӯем:

أستغفر الله ربّي وأتوب اليه

(Астағфируллоҳа раббӣ ва атубу илайҳ), вале худи ин ки тавба нест. Ман агар як тасбеҳ дастам бигирам, на сад бор, балки ҳазор бор ин ҷумларо бигӯям дар ҳоле, ки пушаймон аз гуноҳ нестам ва тасмим ба ин ки дигар гуноҳ накунам надорам ва агар боз ҳам гуноҳ пеш биёяд анҷом медиҳам, ин сад ҳазор бор гуфтан, тавба нест, ин нагуфтанаш беҳтар аз гуфтанаш аст, ин сиғаи тавба аст, на худ тавба.
“Илоҳӣ шукр” сиғаи шукр аст, на худи шукр. Худи шукр яъне ҳаракат кардан, амал кардан, ба кор андохтани неъмат дар масире, ки Худо ин неъматро барои он масир офаридааст. Дастро Худо барои чӣ офаридааст? Поро барои чӣ офарида? Мағзро барои чӣ офарида? Гӯшро барои чӣ офарида? Ақлро барои чӣ офарида? Ба кор андохтани ҳамаи инҳо дар масири худ, шукр аст.
Пас, шукри самъу басар чист?

قُلِ انْظُرُوا مَاذَا فِي السَّمَاوَاتِ وَالْأَرْضِ

(*“Бигӯ: нигоҳ кунед он чиро дар осмонҳо ва замин аст…” (Сураи Юнус, ояти 101)*) Шукри чашм, мутолеаи олам аст; шукри гӯш, ҳақоиқро шунидан; шукри дил, фикр кардан, андеша кардан, таҷзия ва таҳлил кардан, таҷрид кардан, таъмим додан ва истидлол кардан аст.
Пас маънии оят чӣ шуд?

وَاللَّهُ أَخْرَجَكُمْ مِنْ بُطُونِ أُمَّهَاتِكُمْ لَا تَعْلَمُونَ شَيْئًا

(*Сураи Наҳл, ояти 78*) Башар! Масири худатро бидон, Худо туро дар ин масир ҳаракат додааст, яъне инҳо низоми илоҳӣ аст, суннат ва машиати илоҳӣ аст, мазоҳири иродаи ӯст, ки ту омадӣ; вақте, ки омадӣ, ҳеч чиз намедонисти; ба ту чашм дод, ба ту гӯш дод, ба ту дил дод, барои ин ки шукр кунӣ, барои ин ки инҳоро ба кор андозӣ, яъне барои ин ки бишносӣ, барои ин ки чашму гӯшу дилро барои шинохт ба кор биандозӣ. Ин чашму гӯши ту, ломиса ва зоиқаи ту, абзори шинохт аст. Ҳар ҳисси зоҳиру ботине, ки дорӣ, абзори шинохт аст. Он фикру луббу қалб ту, ақлу андешаи ту, сирру хафӣ ва ахфои ту, ҳамаи инҳо абзори шинохт

аст. Худо инҳоро офарида барои ин ки ҷаҳонро бишносӣ. Бинобар ин, Қуръон ин ду абзорро сареҳан ба расмият мешиносад. Пас, то ин ҷо мо аз назари Қуръон ба ду василаи шинохт қоил ҳастем. Албатта Қуръон ба абзори дигаре ҳам қоил аст, ки арз хоҳам кард.

Дар инҷо назарияҳои дигаре аст, ки бояд бо онҳо ошно шавем. Шояд шинохтшиносиро дар китобҳои фалсафӣ — мисли китобҳои "*Куллиёти фалсафа*" — хонда бошед. Бархе мисли Афлотун фақат ақлро абзори шинохт медонанду бас.[6] Баъзе барои ақл арзиши зиёде қоил нестанд, абзори шинохтро фақат ҳавос ва нақши ақлро[7] бисёр заиф медонанд; мегӯянд, ҳар чи нақш ҳаст, марбут ба ҳис аст, мисли файласуфони ҳиссии урупоӣ, ки чунин назарияе доранд. [Юм](#) (*David Hume*) дар раъси онҳо қарор дорад. [Ҷон Лок](#) (*John Locke*)-и англисӣ аз руасои ҳиссиюн аст. [Гоббс](#) (*Thomas Hobbes*) низ аз ҳиссиюн аст.

Яке дигар аз абзорҳо — ки ба як маъно ҳамон абзори ҳис аст ва ба як маънои дигар бояд ҳисобашро ҷудо кард — амал аст. То вақте, ки мо сару корамон фақат бо ҳисси маҳз бошад ва пойи амал дар кор набошад, исмаш "истиқро" аст (аз назари мантиқӣ "истиқро" мегӯянд), вақте пойи амал низ дар миён биёяд, ки пойи ақл ҳам бештар дар кор меояд, исмаш "озмун" ё "таҷриба" ва ё "озмоиш" аст.

Яке аз иштибоҳоти бисёр бузург, ки дар миёни файласуфони урупоӣ вуҷуд дорад, тафкик накардан миёни истиқро ва таҷриба аст, дар сурате, ки файласуфони мо ин дуро аз якдигар тафкик мекунанд ва бояд ҳам тафкик шавад. Истиқро эътибори заннӣ ва гумонӣ дорад, вале таҷриба эътибори яқинӣ ва бурҳонӣ дорад. Ин аст, ки арз мекунем, аз назари дигар, амалро бояд ҷудо аз ҳавос бигирем, чун фарқ аст миёни эҳсоси содда (ки истиқро аст) бо эҳсосе, ки

---

[6] *Роҷеъ ба ин ки оё Афлотун ба абзори дил ба он маъно, ки аҳли ирфон абзори шинохт медонанд қоил аст ё на, ман шахсан тардид дорам. Агарчӣ дар дунё маъруф аст, ки Афлотун як файласуфи ишроқӣ буда, вале ҳанӯз барои ман ин масъала собит нест ва ман фикр мекунам, ки ин як иштибоҳ аст, ки кардаанд. Ҳатто файласуфони қадими худамон — ғайр аз Шайхи Ишроқ ва қабл аз Шайхи Ишроқ мисли Бӯалӣ ва ҳамчунин таърихи фалсафанависҳои мо — ҳеч гоҳ ба ин маъно Афлотунро файласуфи ишроқӣ намедонанд.*

[7] *Ин ки ман нақши ақл арз кардам, ҳамаи нақшҳои онро зикр накардам, агар гуфтам, таҷзия, таҷрид, таъмим, таҳлил, истидлол, ақл нақшҳои дигаре ҳам дорад, ки аз қавитарин нақшҳои ақл дар шинохт, нақши ақл дар он чизе аст, ки онро "интизоъ" меноманд.*

тавъам бо як навъ амал бошад (ки таҷриба аст) ва он амали мо чизе назири амали ақлӣ аст; чунонки дар ақл таҷзия ва таркиб мекунем, дар хориҷ таҷзия ва таркиб мекунем, ҷадвалбандиҳо мекунем, каму зиёд мекунем, ки инҳо ҳам барои мо муфид аст.

## Абзори дил (тазкияи нафс)

Яке дигар аз он абзорҳо, абзори дил аст.[8] Дил ба истилоҳи ирфонӣ, на истилоҳи қуръонӣ. Қуръон ҳам гоҳе ба ин маъно итлоқ мекунад, вале ин истилоҳи хосс, истилоҳи урафост. Оё дил як абзори шинохт аст? Оё мешавад инсон на аз роҳи ҳиссу ақл, балки аз роҳи дил бишносад? Роҳи дил яъне роҳи тазкияи нафс, роҳи тазкияи қалб. Оё аз ин роҳ мешавад шинохт? Иддае аз уламои ҷадид монанд Паскал (*Blaise Pascal*), риёзидони маъруф, Уилям Ҷеймс (*William James*), равоншинос ва файласуфи маъруфи омрикоӣ, Алексис Каррел (*Alexis Carrel*) ва Бергсон (*Henri Bergson*) дилро абзори шинохт медонанд.
Бергсон беш аз ҳамаи инҳо мӯътақид аст, ки инсон фақат як абзори шинохт дорад ва он дил аст; барои ҳавос ва барои ақл нақше қоил нест. Декарт мисли Афлотун ақлро абзори шинохт медонад, ҳисро абзори шинохт намедонад, мегӯяд, ҳис ба дарди амал мехӯрад, ба дарди зиндагӣ мехӯрад, мисли автомобил аст барои инсон, ба дарди кор мехӯрад, вале бо ҳис ҳеч чизро намешавад шинохт. Шинохт фақат ва фақат бо ақл аст. Бергсон ҳар чиро Декарт дар боби ҳавос гуфтааст, дар боби ақл ҳам ба кор мебарад, мегӯяд, иштибоҳ кардӣ, ки мегӯӣ, ақл абзори шинохтан аст, на, Худо ҳамин тавр, ки ҳисро абзори зиндагӣ қарор дода, на барои шинохтан, ақлро ҳам василаи дигаре барои зиндагии рӯзмарра қарор додааст, ақл ҳам василаи шинохт нест, он чи, ки василаи шинохт аст, эҳсоси ирфонӣ аст; он чи, ки урафо онро "дил" меноманд.

## Тамсили Мавлавӣ

Медонед, ки чунин назарияе дар миёни урафо бисёр роиҷ будааст. Ҷанг миёни фалосифа ва урафо –

---

[8] *Дар ҷаласаи баъд, устоди шаҳид мефармоянд, таъбири беҳтар ин аст, ки дил манбае барои шинохт аст ва тазкияи нафс абзори ин манбаъ, чунон ки табиат манбае барои шинохт аст ва ҳавос абзори он ва низ ақл манбае барои шинохт аст ва истидлол ва бурҳон абзори он.*

*Пойи истидлолиён чӯбин бувад,*
*Пойи чӯбин сахт бетамкин бувад.*

— ки мулло (Мавлоно) мегӯяд, ҳамин аст. Муллои Румӣ масалҳои хеле ширин ва зебое барои ин матлаб овардааст, аз ҷумла мегӯяд: як вақте як мусобиқаи байналмилалии наққошӣ дар дунё барқарор буд. Чиниҳо муддаӣ буданд, ки наққошӣ ва тамаддуни мо болотар аст ва румиҳо мӯътақид буданд, ки наққошӣ ва тамаддуни мо болотар аст. Қарор шуд дар як салони бузурге чиниҳо дар як тараф ва румиҳо дар тарафи дигар, ҳар ду як саҳнаро наққошӣ кунанд, баъд доварҳо наққошиҳоро бо якдигар татбиқ диҳанд ва қазоват кунанд. Пардае ҳам миёни онҳо кашиданд, ки кори якдигарро набинанд. Муддатҳо тӯл кашид, чиниҳо ба наққошӣ машғул буданд, аммо румиҳо ба ҷои ин ки наққошӣ кунанд, рафтанд як ойинаи бисёр софи олиро дар девори муқобил гузоштанд ва то тавонистанд соф карданд ва сайқал доданд ба тавре, ки кучактарин асари ғубору лаккае дар он набуд. Билохира рӯзи мусобиқа фаро расид. Дар як лаҳзаи муайян қарор шуд парда ақиб биравад ва ду наққоширо бо ҳам муқоиса кунанд. Доварҳо ҳар дуро диданд ва гуфтанд, наққошии румиҳо беҳтар аст. (Ин масале аст, ки овардаанд, таърих нест, афсона аст.)

Ориф ба файласуф мегӯяд: оқои файласуф! Ман бо пок кардани қалби худам, бо соф кардани қалби худам, бо покиза кардани нафси худам, ҷаҳонро беҳтар аз ту мунъакис мекунам. Ту мегӯӣ, фалсафа

صيرورة الانسان عالما عقليّا مضاهيا للعالم العينيّ

([9]) Ту мегӯӣ:

هو العلم بحقائق الأشياء على ما هي عليه

([10]) Ту бирав ҷон бикан, ҳар чи мехоҳӣ аз ин талошҳо бикун, ман худамро дар муқобили олам соф мекунам, ойинае мешавам дар муқобили олам, ҳеҷ нақше дар худам расм намекунам; ту бирав ин зобита ва он қоидаро бихон ва дар худат нақш бибанд, ман дар

[9] *Иборате аст, ки дар таърифи фалсафа гуфтаанд ва маънои он чунин аст: фалсафа иборат аст аз ин ки инсон оламе гардад ақлӣ, мушобеҳи олами айнӣ ва хориҷӣ.*

[10] *Яъне фалсафа иборат аст аз илм ба ҳақоиқи ашё он тавр, ки ҳастанд.*

худам ҳеч нақше намебандам, вале худро пок мекунам, он вақт ҷаҳон дар ман нақш мебандад ва ҷаҳонро мебинам.

Бӯалӣ, ки як файласуф аст ва ба ин ҳарфҳои ирфонӣ аҳаммият намедиҳад, вақте ба як ҳарфе мерасад, ки намешавад як бурҳон назири бурҳонҳои риёзӣ ва фалсафии хеле хушк бар он иқома кард, мегӯяд, раҳояш кун, ин ҳарф мисли ҳарфҳои орифҳост, мисли ҳарфҳои сӯфиҳост. Ориф вақте ба ҳарфи файласуф мерасад, мегӯяд, раҳояш кун, ӯ дар олами хаёли худаш сардаргум аст, ӯ мисли кирми абрешимӣ аст, ки доим даври худаш танида ва дар хонаи хаёли худаш хафа шуда ва худаш хабар надорад. Ин мегӯяд, онро раҳо кун ва он мегӯяд, инро раҳо кун; гӯ ин ки Бӯалӣ дар охири умр тамоюлоте ба ирфон пайдо кард ва "*Мақомотул-орифин*"-ро, ки ҷузъи охирин осораш мебошад навишт ва ба як миқдор масоили ирфонӣ эътироф кард.

Қуръон чӣ мегӯяд? Қуръон на инро мегӯяд ва на онро. Қуръон намегӯяд фақат ҳиссу ақл, дил ҳеч; ва ҳамчунин намегӯяд, ки ҳамааш дил ва ақл ҳеч; чун қаламравҳои инҳоро аз якдигар ҷудо медонад. Қаламравҳо ва мавзӯот фарқ мекунад. Барои ин ки худатро бишносӣ, мегӯяд, тазкияи нафс кун. Ҳеч равоншинос ва равонкове наметавонад ба аъмоқи замири инсон он миқдор ошно шавад, ки тазкия ва тасфияи нафс инсонро ба худаш ошно мекунад. Бо тазкия ва тасфияи нафс, як силсила ҳикматҳои илоҳӣ роҳро ва сулукро ба инсон нишон медиҳад ва ғуборҳоро аз ҷилави чашми инсон бармегирад:

*Ҳақиқат саройест ороста,*

*Ҳавову ҳавас гарди бархоста.*

*Набинӣ ба ҷойе, ки бархост гард,*

*Набинад назар, гарчӣ биност мард.*

(*Саъдӣ*)

Қуръон намегӯяд, агар мехоҳӣ тибб ёд бигирӣ, тазкияи нафс кун, тибб дар дилат нақш мебандад. Ин, ҳарфи муфт аст. Дарси тиббро бояд хонд, бояд рафт рӯи бемориҳо мутолеа кард, рӯи доруҳо мутолеа кард, бояд озмоиш кард. Агар риёзиёт мехоҳӣ ёд бигирӣ, бояд дарсашро бихонӣ; табиатро мехоҳӣ бишносӣ, ҳамин тавр:

قُلِ انْظُرُوا مَاذَا فِي السَّمَاوَاتِ وَالْأَرْضِ

(*Сураи Юнус, ояти 101*)

**إِنَّ فِي خَلْقِ السَّمَاوَاتِ وَالْأَرْضِ وَاخْتِلَافِ اللَّيْلِ وَالنَّهَارِ لَآيَاتٍ لِأُولِي الْأَلْبَابِ. الَّذِينَ يَذْكُرُونَ اللَّهَ قِيَامًا وَقُعُودًا وَعَلَى جُنُوبِهِمْ وَيَتَفَكَّرُونَ فِي خَلْقِ السَّمَاوَاتِ وَالْأَرْضِ رَبَّنَا مَا خَلَقْتَ هَذَا بَاطِلًا**

(*"Мусалламан дар офариниши осмонҳо ва замин ва омаду рафти шабу рӯз нишонаҳое барои соҳибони хирад ва ақл аст; ҳамонҳо, ки Худоро дар ҳоли истодан ва нишастан ва он гоҳ, ки бар паҳлӯ хобидаанд ёд мекунанд ва дар асрори офариниши осмонҳо ва замин меандешанд (ва мегӯянд) бор илоҳо! Инро беҳуда наёфаридаӣ…" (Сураи Оли Имрон, оятҳои 190 ва 191)*) Қаламрави ҳар кадом аз дигарӣ ҷудост. Ҳисобҳоро бо ҳам махлут накунед, на ту мункири ӯ бош ва на ӯ мункири ту бошад, қаламрави ҳиссу ақл маҳдуд аст, қаламрави дил ҳам маҳдуд аст, ин як ҳисоб дорад ва он ҳисоб дигаре. Ҳамин Қуръоне, ки инҷо мегӯяд:

**وَاللَّهُ أَخْرَجَكُمْ مِنْ بُطُونِ أُمَّهَاتِكُمْ لَا تَعْلَمُونَ شَيْئًا وَجَعَلَ لَكُمُ السَّمْعَ وَالْأَبْصَارَ وَالْأَفْئِدَةَ لَعَلَّكُمْ تَشْكُرُونَ**

(*Сураи Наҳл, ояти 78*) ва инчунин бо хушунати як файласуф даъват ба шинохт аз роҳи ҳиссу ақл мекунад, дар ҷои дигар бо латофати баёни як ориф — ва бештар — мефармояд:

**وَالَّذِينَ جَاهَدُوا فِينَا لَنَهْدِيَنَّهُمْ سُبُلَنَا وَإِنَّ اللَّهَ لَمَعَ الْمُحْسِنِينَ**

(*Сураи Анкабут, ояти 69*) Онон, ки дар роҳи мо муҷоҳида кунанд, худро пок кунанд, хулуси ният дошта бошанд, ихлос биварзанд, аз як роҳҳои ғайбӣ ҳидояташон мекунем, нур ба онҳо медиҳем, ҳикмат ба онҳо медиҳем, то ҳақоиқи зиндагиро хуб дарк кунанд ва бифаҳманд, то фикрашон бозтар, ақлашон равшантар ва чашмашон бозтар шавад. Ва низ мефармояд:

**وَالشَّمْسِ وَضُحَاهَا. وَالْقَمَرِ إِذَا تَلَاهَا. وَالنَّهَارِ إِذَا جَلَّاهَا. وَاللَّيْلِ إِذَا يَغْشَاهَا. وَالسَّمَاءِ وَمَا بَنَاهَا. وَالْأَرْضِ وَمَا طَحَاهَا. وَنَفْسٍ وَمَا سَوَّاهَا. فَأَلْهَمَهَا فُجُورَهَا وَتَقْوَاهَا. قَدْ أَفْلَحَ مَنْ زَكَّاهَا. وَقَدْ خَابَ مَنْ دَسَّاهَا**

(*Сураи Шамс, оятҳои 1-10*) Аввал табиатро зикр мекунад: савганд ба тобиши субҳгоҳи хуршед, савганд ба моҳ чун пайравии офтоб кунад, савганд ба рӯз чун хуршедро ҷило диҳад,

савганд ба шаб он гоҳ, ки ҷаҳонро фаро мегирад, савганд ба осмон ва он ки онро бино кард, савганд ба замин ва он ки онро густурд, савганд ба нафс ва ҷони инсон, савганд ба эътидоли руҳи инсон (чӣ зебо мегӯяд Қуръон! Ба Худо, инсон ашкаш ҷорӣ мешавад аз зебоӣ ва лутфи ин оёт), қасам ба ҷони инсон, қасам ба эътидоли ҷони инсон, ба ин эътидоли хилқат, ки фуҷур ва тақвои нафсро ба ӯ илҳом кард.[11] Баъд мегӯяд:

قَدْ أَفْلَحَ مَنْ زَكَّاهَا

Растгор шуд он ки нафси худашро пок кард. Эй оқои олим! Эй оқои файласуф! Заъфҳои худатро бояд бартараф кунӣ. Ин ки ман дар лабаратория ҳастам, кофӣ нест, бояд одам буд. Агар мехоҳӣ шинохт дошта бошӣ, шарти шинохти саҳеҳ доштан одам будан аст. Одам бош, бирав дар лабаратория; одам бош, бирав сари килос; одам бош ва фикр кун; одам бош ва тадрис кун; одам бош ва сар килоси устод биншин.

قَدْ أَفْلَحَ مَنْ زَكَّاهَا. وَقَدْ خَابَ مَنْ دَسَّاهَا

Растгор шуд он касе, ки ҷони азизашро (ки ман ба он қасам хӯрдам) тазкия кард; бадбахт ва бечора шуд касе, ки дар ӯ тадсис кард. "Дассаҳо" аз моддаи "дасс" аст. Дасс яъне таҳриф кардан, қалам бурдан, мисли ин ки касе дар матни аслӣ ва саҳеҳи як муаллиф, ғалат ворид кунад, ё дар як санади танзимшуда қалам бибарад, ё ин ки касе як китоб бинависад ва дигаре матлабе бар он бияфзояд ё чизеро аз он ҳазф кунад ва масоилеро бигӯяд, ки руҳи муаллиф ба куллӣ аз он бехабар бошад; мисли китобҳои шеърии мо... Ҳар касе, ки хоста шеъре бигӯяд, дида, ки агар ба номи худаш бошад, аҳаде гӯш намекунад, бардошта як "Ҳофизо" охираш гузошта ва дар девони худаш навиштааст. Бо чӣ заҳмате бояд ба даст овард, ки Ҳофиз аслан кист ва илҳоқиҳо кадом аст. Хайём дар ҳамаи умраш шоир набуда, яъне ҳирфааш шеър набуда, вале завқи шеърии хеле олӣ ва болое доштааст; марди ҳакиме аст, марди риёзидоне аст, марди муваҳҳиде аст ва аҳли тавҳид аст; ба як восита шогирди Бӯалӣ

---

[11] *Фуҷур яъне инфиҷор, тақво яъне покӣ. Қуръон гуноҳро навъе инфиҷор мебинад, аз ин рӯ "фуҷур" мегӯяд. Таъбир кардан ба "фуҷур" дар мавриди гуноҳ хеле маънии хосс дорад. Таъбироте, ки Қуръон роҷеъ ба савоб ва гуноҳ дорад, хеле муҳим аст; гоҳе гуноҳро "фуҷур" меномад, гоҳе "исм" меномад ва гоҳе "визр" (бори сангин). Ба қадре нукоти латиф ва дақиқи равоншиносӣ дар ин таъбирот ҳаст, ки аслан собиқа надорад.*

аст ва ҳамеша аз худ ва Бӯалӣ ба унвони “ман ва муаллимам” ёд мекунад. Ин ҳама шеърҳои пуч аз Хайём нақл мекунанд, дар ҳоле, ки ӯ дар радди ин масоил — ҳаминҳо, ки роҷеъ ба фалсафаи хилқат, таклиф ва фалсафаи ҳурмат ва ғайра дар шеърҳояш ҳаст — рисола дорад, ки шӯравиҳо ва мисриҳо чоп кардаанд. Мегӯянд, дар ҳамаи умраш фақат шонздаҳ рубоӣ гуфтааст. Марди бозавқе буда ва гоҳе шеър мегуфта (мисли Бӯалӣ, ки гоҳе шеър мегуфта). Шоир ҳам вақте завқи шеъриаш гул мекунад ё сар ба сари ин мегузорад ё сар ба сари он. Билохира шеър аст; забони шеър ғайр аз забони ҳикмат аст, ғайр аз забони илм аст. Ҳол бибинед дар ин рубоиёт, ки ба номи Хайём аст, чӣ ҳарфҳо, ки вуҷуд надорад! Инро мегӯянд “дасс”, мегӯянд “таҳриф”.

Қуръон чӣ зебо таъриф кардааст! Мегӯяд: эй инсон! Ту як китобӣ, дар ин китоб ҳарфи ғалат нанавис, яъне дуруст бинавис, ҳар ҷо, ки шинохти ту саҳеҳ аст бинавис, ҳар ҳарфи ғалате бар лавҳи нафси худат сабт кунӣ, ба ин китоб хиёнат кардаӣ, ҳар чи лағв ва чаранд ва музахраф ёд бигирӣ, ки на ба дарди дунёят мехӯрад ва на ба дарди охиратат (ба ин китоб хиёнат кардаӣ):

وَقَدْ خَابَ مَنْ دَسَّاهَا

Қуръон мегӯяд, ҳайфи ин ҷони ту нест, ки шеърҳои Фурӯғи Фаррухзодро дар фикри худат роҳ бидиҳӣ?

قَدْ أَفْلَحَ مَنْ زَكَّاهَا. وَقَدْ خَابَ مَنْ دَسَّاهَا

Ҳар дурӯғе, ки дар зеҳнат биёяд ва ҳар хилофе, ки фикрашро бикунӣ, ба ин китоб хиёнат кардаӣ. Эй инсон! Хиёнат накун, ба ҷони худат савганд, ба эътидоли руҳи худат савганд, ки растгории ту дар пок нигаҳ доштани ин ҷон ва бадбахтии ту дар олуда кардани он аст.

Пас Қуръон ин абзорро ҳам мисли он (ду абзоре), ки қаблан арз кардем, ба расмият мешиносад, аммо ҳаргиз мисли як сӯфӣ, мисли як ориф (албатта ҳамаи урафо ин тавр нестанд, баъзе аз онҳо хеле аҳли фикру илм ҳастанд), мисли баъзе аз онҳо, ки дар дунёи Ҳинд вуҷуд доштаанд намегӯяд, дунболи илм нарав, бирав дунболи тазкияи нафс. Қуръон мегӯяд, дунболи илм бирав, дунболи амал ҳам бирав; дунболи илм бирав, дунболи тақво ҳам бирав; ин дуро аз якдигар тафкик накун. Тақвои маҳз яъне таътил кардани чашм, таътил кардани гӯш, таътил кардани фикр. Пас барои чӣ Худо инҳоро халқ кард? Кофӣ буд дилро

ба он маъно, ки ту мегӯӣ халқ мекард, дигар чашму гӯшу ақлу ҳавоссу фикрро халқ намекард. Таҳқири илм на, таҳқири покӣ ва ихлос ва тазкияи нафс ҳам на.

Масъалаи баъдии мо масъалаи дараҷоти шинохт аст. Мо шинохти сатҳӣ дорем ва шинохти умқӣ. Шинохти умқӣ як дараҷаи хеле соддааш шинохти сатҳӣ аст; дараҷаи болотар аз он — ки онро ба як таъбир "умқӣ" ҳам мегӯянд — шинохти илмӣ аст; дараҷаи дигар, шинохти фалсафӣ аст. Оё шинохти илмии муҷаззо аз шинохти фалсафӣ дорем ё надорем, худаш масъалаи дигаре аст. Дараҷоти шинохт ва масоили дигареро иншоаллоҳ дар ҷаласоти оянда арз хоҳам кард.

## Манобеи шинохт

Яке аз баҳсҳои марбут ба шинохт, баҳси "манобеи шинохт" аст, ки бо баҳси "абзори шинохт" қаробат ва наздикӣ дорад ва такмилкунандаи он аст. Баҳси дигаре дорем ба номи "дараҷот ва мароҳили шинохт", ки ин баҳс ҳам бо ин ду баҳс хеле наздикӣ дорад. Ба таври куллӣ, ҳамаи баҳсҳо бо якдигар муртабит аст, гӯ ин ки баъзе бо баъзеи дигар қаробати бештаре дорад. Шояд беҳтар буд, ки мо пеш аз баҳси абзори шинохт, баҳси манобеи шинохтро матраҳ мекардем, яъне аз назари фаннӣ беҳтар буд, вагарна натиҷатан фарқ намекунад. Агар ба истилоҳ бихоҳем фаннӣ баҳс кунем, инчунин бояд бигӯем, ки пас аз ин ки собит шуд, ки инсон дар ибтидои таваллуд ҳеч шинохте надорад,[12]

وَاللَّهُ أَخْرَجَكُمْ مِنْ بُطُونِ أُمَّهَاتِكُمْ لَا تَعْلَمُونَ شَيْئًا

— вале имкони ба даст овардани шинохтро дорад — ки дар гузашта дар бораи он баҳс шуд — қаҳран ин суол матраҳ мешавад, ки инсон аз куҷо ва чӣ манбае ва чӣ маншае ва бо чӣ абзор ё абзорҳое, шинохти мумкинро касб мекунад? Ин аст, ки мегӯем, беҳтар буд аввал аз манобеъ мегуфтем.

---

[12] *На танҳо аз назари Қуръон, аз соири дидгоҳҳо ҳам — ба истиснои назарияи маъруфи афлотунӣ, ки қаблан арз кардам ва қисмате аз назариёти декортӣ — инсон дар оғози таваллуд чизе намедонад, магар билқувва. (Масъалаи фитрат, ки дар Қуръон ҳаст бо ин масъала мунофот надорад, иншоаллоҳ битавонам он баҳсро ҳам матраҳ кунам.*)

# Табиат, манбае барои шинохт

Яке аз манобеи шинохт, табиат аст. Табиат яъне олами ҷисмонӣ, олами замону макон, олами ҳаракат; ҳамин оламе, ки дар он зист мекунем ва бо ҳавосси худамон бо он дар иртибот ҳастем. Камтар мактабе аст, ки табиатро ба унвони як манбаи шинохт қабул надошта бошад, вале ҳам дар қадим ва ҳам дар ҳоли ҳозир уламое буда ва ҳастанд, ки табиатро манбаи шинохт намедонанд. Афлотун табиатро манбаи шинохт намедонад, чун робитаи инсон бо табиат аз тариқи ҳавос аст ва ҷузъӣ аст ва Афлотун ҷузъиро ҳақиқат намедонад. Ӯ манбаи шинохтро дар воқеъ ҳамон ақл медонад бо навъе истидлол, ки худи Афлотун ин метод ва равишро "диалектик" меномад.

Шояд тааҷҷуб кунед, ки ҳатто Декарт, ки яке аз ду файласуфе[13] аст, ки илмро дар масири ҷадид андохтанд, бо ин ки як файласуфи табиатгарост ва бо ин ки як марде аст, ки башарро даъват ба мутолеаи табиат кардааст,[14] барои табиат аз назари манбаи шинохт будан ва барои ҳавос аз назари абзори шинохт будан, арзише қоил нест. Мегӯяд, табиатро бояд мутолеа кард ва аз тариқи ҳавос ҳам бояд мутолеа кард, вале ин моро ба ҳақиқате намерасонад, илме ба мо медиҳад, ки ба кори мо мехӯрад бидуни ин ки битавонем мутмаин бошем, ки он чизе, ки мо мешиносем ҳамон тавр аст, ки мо мешиносем; арзиши амалӣ дорад, на арзиши назарӣ ва шинохтӣ.[15]

Вале инҳо дар миёни соҳибназарони ҷаҳон кам ҳастанд; аксари соҳибназарон табиатро манбае барои шинохт медонанд.

Ҳол, оё илми ҷадид, ки инсон мебинад аз назари фаннӣ ва санъатӣ ва технологӣ ин қадр пешрафт кардааст, аз назари шинохт ба маънии воқеии он ҳам ҳамин тавр аст? Яъне ҷаҳонро, воқеият ва айнро ончунон, ки ҳаст ба мо ироа медиҳад? Ё ҳамон ҳарфи Декарт дуруст аст: ба мо қудрат ва тавоноӣ медиҳад, арзиши амалӣ барои мо дорад бидуни ин ки

---

[13] *Декарт ва Бекан.*

[14] *Замоне, ки Декарт афкорашро мунташир мекард, марде ба сурoғаш рафт ва ба ӯ гуфт: ту ин афкори тозаро аз куҷо ва аз чӣ китобе ба даст овардаӣ? Ман мехоҳам китобхонаи туро бибинам. Декарт ӯро ба боғчае, ки пушти дафтараш қарор дошт ва дар он гӯсолаеро ташреҳ карда буд бурд, гӯсоларо ба ӯ нишон дод ва гуфт: ин аст китобхонаи ман*!

[15] *Бергсон ҳам барои ҳавос ва ҳатто барои қувваи истидлол ва таъаққул ва қиёс, арзиши амалӣ қоил аст, арзиши назарӣ қоил нест.*

мо битавонем мутмаин бошем, ки илми имрӯзи башар воқеиятро ҳамон тавр, ки ҳаст нишон медиҳад. Бертран Рассел (*Bertrand Russell*)[16] китобе дорад ба номи "*Ҷаҳонбинии илмӣ*" (*The Scientific Outlook*). Ӯ дар ин китоб (ки баҳсҳои хеле ҷолибе ҳам кардааст) тахти унвони "*Хислати равишҳои илмӣ*" ё "*маҳдудиятҳои равишҳои илмӣ*" — ки дар воқеъ хадша кардан дар арзиши назарӣ ва шинохти равишҳои илмӣ аст — бо камоли сароҳат ин матлабро мегӯяд, ки шигифт ин аст, ки рӯз ба рӯз бар арзиши амалии илми имрӯз афзуда мешавад ва ин илм бештар ба башар қудрат ва тавоноӣ ва тасаллут бар табиат мебахшад, вале ҳамчунин рӯз ба рӯз аз арзиши назарӣ ва арзиши шинохтӣ ва ин ки ҷаҳон ончунон аст, ки ин илм нишон медиҳад коста мешавад, ба тавре, ки бадеҳитарини масоил, ки барои уламои гузашта ва барои мардуми оддӣ як амри мусаллам будааст, аз назари як физикдон амре машкук аст. Мегӯяд, агар аз ман бо забони илмӣ бипурсӣ ин ҷаҳони воқеият чист? Ва оё низоме ҳаст? Намедонам, нуктаҳое иҷмолан ҳаст, як ҳаводиси пароканда дар олам ҳаст, на низоме ва на зарурате ва на асосу асле.

Мегӯяд, илми имрӯз ҳеч чизро наметавонад собит кунад, бояд онҳоро ба сурати як умури мафруз қабул кунад.

Вале бо ин ки файласуфони моддӣ мисли худи Рассел ин асоси фикри фалсафии ӯро мутазалзил мекунанд, вале арз кардам, ки чун файласуфи озодфикре аст ва афкораш диктаӣ нест, чизеро, ки мефаҳмад ва дарк мекунад мегӯяд ҳарчанд ин ки бар хилофи асоси фикр ва мактаби худаш бошад. Мо феълан вориди ин баҳс, ки чаро илми имрӯз арзиши назарӣ ва

---

[16] *Рассел бо ин ки як файласуфи материалист аст ва бо ин ки мутаассифона як хислати руҳӣ дорад, ки шаъни як файласуфи донишманд нест, яъне виқори як донишманд ва файласуф дар ӯ нест (дар навиштаҳояш бо ҳар кас, ки тараф мешавад, ҳарфҳояшро бо танзу масхарагӣ баён мекунад), вале шак надорем, ки марди донишманд ва риёзидоне аст; марде аст, ки дар мантиқи ҷадид ва мантиқи риёзӣ шаъни фавқулъодае дорад; яке аз файласуфони бузурги дунёст ва чун як файласуфи материалисте, ки вобаста ба як ҳизб ё сиёсат бошад нест, ки афкораш ҷанбаи дикта шудан дошта бошад ва маҷбур бошад мутобиқи масолеҳи ҳизбӣ ва сиёсӣ ва масолеҳи он кишваре, ки вобаста ба он аст ба сурати қолабӣ, дастурӣ ва талқинӣ ҳарф бизанад, то ҳадди зиёде марди озодфикре аст ва гоҳе назариёте бар хилофи фалсафаи худаш мегӯяд.*

шинохтии худро аз даст медиҳад ва решаи қазия чист, намешавем, чун худамон ин матлабро қабул надорем.

Феълан фарз бар ин аст, ки табиат яке аз манобеи шинохт аст. Албатта агар шинохтро ба маънии аъамм бигирем (яъне) он шинохте, ки ба мо қудрат ва тавоноии амалӣ медиҳад ё шинохте, ки воқеиятро ончунон, ки ҳаст ба мо ироа медиҳад, дигар шакку тардиде дар он нест. Материалистҳо — чӣ материалистҳои озод ва чӣ материалистҳои ба истилоҳ вобаста ба як сиёсат ва ғайри озод — аҷолатан инро пазируфтаанд.

## Ақл ва дил ду манбаи дигари шинохт

Манбаи дигар, ки маҳалли баҳс аст ва мо ҳам роҷеъ ба он баҳс хоҳем кард, ҳамон нерӯи ақл ва хиради инсон аст. Табиат ба унвони як манбаи берунӣ барои шинохт мавриди қабул аст, оё инсон манбаи дарунӣ ҳам барои шинохт дорад ё на?, ки ҳамон масъалаи ақл, фитриёти ақлӣ ва мустақиллоти ақлия аст. Мактабҳое мегӯянд, чунин манбае дорем ва мактабҳое онро нафй мекунанд. Баъзе аз мактабҳо ба ақли мустақил аз ҳис қоиланд ва баъзе мактабҳои дигар ба ақли мустақил аз ҳис қоил нестанд, ки ин дар баҳсҳоиояндаи мо ошкор мешавад.

Манбаи севвум ҳамон буд, ки дар ҷаласаи гузашта ба унвони “қалб” ва “дил” зикр кардем. Набояд таъбири “абзор” мекардем, бояд таъбири “манбаъ” мекардем. Мусалламан ҳеч мактаби моддӣ ин манбаъро қабул надорад ва ба расмият намешиносад, зеро агар мо дилро манбаъ бидонем — дар ҳоле, ки инсон дар ибтидо, ки мутаваллид мешавад ҳеч чиз намедонад ва дар дили ӯ чизе вуҷуд надорад — ва қабул кунем, ки ба дил порае илҳомот мешавад (ки ваҳй дараҷаи комили он аст), ин мусовӣ бо қабул кардани ҷаҳоне моварои ҷаҳони модда ва табиат аст, чун табиат он навъ илҳомотро наметавонад ба инсон бикунад; синхи илҳом, синхи мовароӣ аст.

Он гоҳ бояд баҳси “абзори шинохт”-ро ба ин шакл тарҳ кунем: яке аз абзор ҳавос аст, вале ҳавос, абзоре барои манбаи табиат аст. Бо ин абзор аст, ки инсон шинохтро аз табиат мегирад. Абзори дуввуми шинохт, истидлоли мантиқӣ, истидлоли ақлӣ, он чи, ки мантиқ онро “қиёс” ё “бурҳон” меномад мебошад, ки як навъ амал аст, ки зеҳни инсон онро анҷом медиҳад. Абзори дуввум замоне мӯътабар аст, ки мо ақлро ба унвони як манбаъ бишносем. Касоне, ки манбаъро мунҳасир ба табиат медонанд ва абзорро мунҳасир ба ҳавос, манбаи ақлро инкор мекунанд ва қаҳран арзиши абзори қиёс ва бурҳонро низ инкор мекунанд. То

ба манбаи ақл эътироф надошта бошем, наметавонем ба абзори қиёс ва бурҳон иттико кунем, яъне онро ба унвони як абзори шинохт бишносем.
Гуфтем, манбаи севвум, қалб ё дил аст, ки арз кардем абзори онро бояд амали тазкияи нафс бидонем. Агар бихоҳем бо таъбири фаннӣ дуруст таъбир кунем (таъбири ин ҷаласаи мо аз таъбири гузашта беҳтар ва мутобиқтар аст) қалб ва дили инсон манбае аст, ки бо абзоре ба номи "тазкияи нафс" метавон аз он истифода кард. Мо аҷолатан намехоҳем аз назари илмӣ ва аз назари фалсафӣ вориди ин баҳс шавем, ки оё дил барои инсон як манбаи шинохт ҳаст ё нест ва оё тазкияи нафс барои инсон як абзори шинохт ҳаст ё нест ва оё аз назари илми имрӯз мусаллам аст, ки дил манбаи шинохт ва тазкия нафс абзор он аст?
Чунонки гуфтем, дар миёни уламои имрӯз уламое, ки моддӣ фикр мекунанд ин манбаъ ва ин абзорро қабул надоранд ва уламое, ки илоҳӣ фикр мекунанд ба ин манбаъ ва ин абзор, фавқулъода имон доранд. Масалан ҳамон Бергсон, ки ном бурдем, аз ин қабил аст. Уилям Ҷеймс,[17] файласуфи маъруфи омрикоӣ ва иддаи бисёр зиёди дигар ба ин манбаъ ва ба ин абзор эътиқод ва имон доранд.

## Назари Қуръон дар мавриди манбаи "дил"

Умдаи масъала ин аст, ки ман мехоҳам назарияи Қуръонро дар ин маврид равшан кунам. Баъзе аз дӯстон суолоте матраҳ карданд, ки эҳсос кардам тардид доранд, ки аслан оё Қуръон ин манбаъ ва абзорро ба расмият мешиносад ё асосан Қуръон фақат ва фақат иқбол ба табиат карда ва инҳо як афкоре будааст, ки қабл аз Қуръон дар миёни мардум роиҷ буда ва аҳаммияти Қуръон ба ин аст, ки афкор ва андешаҳои башарро аз таваҷҷӯҳ ба ин ба истилоҳ "дарунгароиҳо" ва ба як истилоҳи бисёр ғалат "зеҳниятгароиҳо" мунсариф карда ва ӯро айниятгаро ва табиатгаро кардааст. Дигар кам-кам ҳатто ибое ҳам нест, ки исмашро масалан авҳом, зеҳният, хурофот, номаъқул ва амсоли инҳо бигузоранд.
На. Ин тавр нест. Қуръон на дар як ё ду оят ва на дар даҳ оят, балки дар даҳҳо ояти худаш башарро мутаваҷҷеҳи мутолеаи олам мекунад, мутаваҷҷеҳи мутолеаи таърих ва низомоти иҷтимоӣ мекунад, мутаваҷҷеҳи мутолеаи нафс ва даруни худаш ба унвони як шайъ аз ашёи табиат мекунад ва дар ин баҳсе нест. Вале ин ба маънои рӯй гардондан аз ҳар чи маънавият ва ҳар чи дарунӣ ва ботинӣ аст нест. Қуръон ба зоҳир таваҷҷӯҳ кардааст бидуни он ки аз

---

[17] *Дар китоби "Дин ва равон", ки китоби хубе аст.*

ботин эъроз карда бошад. Ин ҳарф, ки таваҷҷӯҳи Қуръон фақат ба зоҳир ва маҳсус ва табиат аст, бисёр ғалат аст, агар мо онро ба сурати эърози Қуръон аз моварои табиат ва ботин ва ғайб ва маънавият талаққӣ кунем.

Қаблан фақат ба як оят аз оятҳои Қуръон дар ин мавзӯъ тамассук кардам ва он ояти:

وَالَّذِينَ جَاهَدُوا فِينَا لَنَهْدِيَنَّهُمْ سُبُلَنَا

— буд. Баъзе аз дӯстон пурсиданд, ки чаро мо ҷиҳод дар ин оятро ба маънои муҷоҳидаи дарунӣ бигирем? Арз кардам, аслан дар Қуръон муҷоҳидаи дарунӣ аз муҷоҳидаи берунӣ ҳисоби ҷудое надорад, на ин ки як саре корҳо корҳои берунӣ бошад ва як саре корҳои дарунӣ; ин ба дунёи берун тааллуқ дошта бошад ва он ба дунёи дарун ва ба ин тартиб инсон бояд ё бурунгаро бошад ё дарунгаро. Асосан арзиши Қуръон ба ин аст, ки ин дуро аз якдигар ҷудо намекунад.

Як оят бароятон мехонам, ба нуктааш таваҷҷӯҳ бифармоед:

وَمَنْ يَخْرُجْ مِنْ بَيْتِهِ مُهَاجِرًا إِلَى اللَّهِ وَرَسُولِهِ ثُمَّ يُدْرِكْهُ الْمَوْتُ فَقَدْ وَقَعَ أَجْرُهُ عَلَى اللَّهِ

(*Сураи Нисо, ояти 100*)[18] Ҳар кас аз хонаи худаш берун биёяд дар ҳоле, ки ба сӯи Худо ва расулаш ҳиҷрат кардааст ва дар хилоли ҳиҷраташ марг ӯро фаро расад, аҷри ӯ бо Худост, яъне чунин муҳоҷире муҷоҳид аст ва Худои Мутаъол зомини ӯст.

Ин оят кадом ҳиҷратро мегӯяд? Таъбири Қуръон аҷиб аст! Мабдаъро вақте нигоҳ мекунем, мебинем хонаи фард аст, ки як мабдаи моддӣ аст:

وَمَنْ يَخْرُجْ مِنْ بَيْتِهِ

Агар мо як мусофират дошта бошем, ки мабдааш моддӣ аст, мунтаҳояш ҳам бояд моддӣ бошад. Ин маъно надорад, ки масалан касе бигӯяд, ман аз Машҳад ҳаракат кардам, баъд ба манзили муроқиба расидам; бояд бигӯяд масалан ба Нишопур расидам. Сафари маънавӣ мабдааш маънавӣ аст, мунтаҳояш ҳам маънавӣ; ва сафари моддӣ мабдааш моддӣ аст, мунтаҳояш ҳам моддӣ. Вале таъбири эъҷозомези Қуръон ин аст, ки мегӯяд: "*Ҳар кас аз хонааш ба сӯи Худо ҳаракат кунад…*" (мабдааш моддӣ аст, мунтаҳояш маънавӣ). Мехоҳад

---

[18] *Оят дар мавриди муҳоҷирине аст, ки аз Макка ба азми рафтан ба Мадина берун омада буданд.*

бигӯяд, чунин касе ҳиҷраташ дар они воҳид ду ҳиҷрат аст: ҳам моддӣ аст ва ҳам маънавӣ. Қуръон якеро ба танҳоӣ нагуфтааст. Қуръон ҳиҷратеро, ки моддии маҳз бошад тард мекунад. Масалан Абӯзар аз қабилаи Ғифор аз Макка ҳаракат карда ва мунтаҳояш Мадина аст, вале дар ҳамон ҳол, ки хонаи моддиро раҳо карда, нафсониёт ва худхоҳиҳо ва пастиҳоро дур мерезад, бутпарастиҳоро бо анвоъаш дур мерезад, дар ҳоле, ки дорад қадам ба қадам ба Мадина наздик мешавад, қадам ба қадам ба сӯи Худо боло меравад; агар аз ин хона чаҳор фарсах ҳаракат карда, муодил ва ё бештар аз он ба тарафи Худо боло рафтааст, яъне дар они воҳид ду ҳиҷратро бо ҳам анҷом додааст. Бибинем, Пайғамбари Акрам (с) дар ҳамин ҳол чӣ таъбире мекунад.

Пайғамбари Акрам роҷеъ ба касоне, ки аз Макка ба Мадина ҳиҷрат карданд (хост, ҳисоби афродро тасфия кунад ва таклифро равшан намояд) фармуд: касоне, ки ҳиҷрат кардаанд, ҳиҷратшон ду гуна аст: яке ба сӯи Худо ва расул ҳиҷрат кардааст, яъне аз назари маънавӣ ҳадафаш Худо ва расул аст:

من كان هجرته الى الله ورسوله فهجرته الى الله ورسوله

Ҳар кас, ки ба ин қасд ва ба ин сӯ (аз назари маънавӣ) аз шаҳри худаш хориҷ шуда, ба ҳамон сӯ ҳам мунтаҳӣ мешавад.

ومن كان هجرته الى مال يصيبه أم امرأة يصيبها فهجرته الى ما هاجر اليه

Аммо он одаме, ки ба тамаъ ҳаракат карда ва фикр карда, ки як ҷамъияти тозае ба вуҷуд омадааст ва ин ҷамъият ояндаи хубе хоҳад дошт, фардо соҳиби молу сарват хоҳанд шуд ва ба ин васила ба занҳои зебо метавон расид — бо муҳоҷирин омада, аммо маънавияташ ин аст — аз мо нест; ин аз хонааш ба сӯи сарват ҳаракат кардааст, ба ҳамон сӯ ҳам хоҳад рафт ва ғайр аз ин чизе нест.

Пас ин тавр нест, ки бигӯем оё Қуръон ирфонро қабул дорад ё на? Оё эҳсоси ирфонро қабул дорад ё қабул надорад ва вақте аз Қуръон бипурсем ирфон яъне чӣ, бигӯяд, ирфон яъне ин ки инсон аз ҷомеааш канор бикашад, биравад дар доманаи кӯҳ, чилла биншинад ва ба кори мардум коре надошта бошад. Қуръон инро намегӯяд. Он чизе, ки Қуръон онро “ирфон” меномад, ҳамон чизе аст, ки Алӣ дошт.

## Намунаи яке будани муҷоҳидаи дарунӣ ва берунӣ

(Баҳси мо роҷеъ ба ҷиҳоди берун ва ҷиҳоди дарун буд. Ҳол, устоди шаҳид достоне меоварад, мегӯяд,) куффори Қурайш шаҳри Мадинаро муҳосира кардаанд. Мусалмонон дар бадтарин шароити низомӣ қарор гирифтаанд ва дар қисмати шимоли Мадина — ки кӯҳ нест — ба шакли як нимдоира хандақ кандаанд. Душман он тарафи хандақ ва мусалмонон ин тарафи хандақ ҳастанд. Даҳҳазор нафар сарбози мусаллаҳ омадаанд ва Мадинаро дар муҳосира гирифтаанд. (Аз мушрикон) як савори фавқулъода борикаеро пайдо мекунад ва ба аспаш наҳиб мезанад ва аз ин тарафи хандақ ба он тараф меояд ва пеши чашми мусалмонон шурӯъ ба

هل من مبارز

(“*Оё муборизакунандае ҳаст?*”) гуфтан мекунад. Касе ҷавобашро намедиҳад. (Ӯ) мегӯяд:

ولقد بححت من النّداء بجمعكم هل من مبارز

(“*Аз бас, ки дар миёни ҷамъияти шумо (мусалмонон) фарёд кашидам ва муборизакунанда талабидам, садоям гирифт…*”) Аҳаде аз ҷо баланд намешавад ҷуз як ҷавони бисту панҷ сола; мегӯяд: ё Расулаллоҳ! Ман мехоҳам бо ӯ мубориза кунам. (Ин ҷавон Алӣ буд.) Паёмбар мефармояд: на, ту биншин. Дафъаи дуввум боз ғайр аз Алӣ касе баланд намешавад. Дафъаи севвум паёмбар ба Алӣ иҷоза медиҳад. Меравад ва душманро ба хок меандозад. Чӣ қадр барои Алӣ ифтихор аст!

Ҳоло мо хаёл мекунем, ки Алӣ ба ифтихороташ фикр мекунад. (Аммо дар ҳамин воқеа) як ҳодиса пеш меояд, ки мебинем, Алӣ дар ҳамон ҳол, дар ҳоли сайру сулуки илаллоҳ аст, ҳамаро фаромӯш карда ва мутаваҷҷеҳи Худост, муроқиб аст, ки як зарра ғайри Худо дар қалбаш роҳ пайдо накунад, яъне дар ҳоли сулуки ирфонӣ аст. Ин аст ирфони ислом. (Моҷаро ин аст, ки) сари душманро мехоҳад барои Худо бибурад. Душман ба сурати Алӣ туф мекунад. (Алӣ) чун башар аст, андаке эҳсоси нороҳатӣ мекунад. Зуд аз ҷояш баланд мешавад, чанд қадам роҳ меравад ва баъд меояд. Душман мегӯяд: чаро ин тавр кардӣ? Агар мехостӣ маро бикушӣ, чаро ҳамон аввал накуштӣ? Мефармояд: ту ба сурати ман туф кардӣ ва ман нороҳат шудам, тарсидам халале дар нияти ман русух пайдо кунад ва дар ҷиҳоди ирфонии ман кучактарин хадша ва халале ворид шавад.

Пас инҳо (ҷиҳоди берунӣ ва ҷиҳоди дарунӣ) ду олами ҷудо аз якдигар нестанд, ки мо ё ин тарафро бичаспем ё он тарафро; як рӯз ба ин тараф бичаспем ва тарафи дигарро канор бизанем ва рӯзи дигар аксашро анҷом диҳем ва мудом бигӯем, ин ҳарфҳо дурӯғ аст, инҳо зеҳниятгароӣ аст, инҳо дарунгароӣ аст, ислом айниятгарост, ислом табиатгарост, паёмбар омада, ки башарро аз дарунгароӣ мутаваҷҷеҳи бурунгароӣ кунад!

На. Ин тавр нест. Дарунгароӣ ва бурунгароии ислом дӯш ба дӯши якдигар ва ҷудоинопазиранд. Он "дарунгароӣ", ки мутаваҷҷеҳи бурун набошад, аз назари ислом дарунгароӣ нест, ирфон нест, маънавият нест, ҳиҷрат ба сӯи Худо нест. Ҳамчунин ислом он фаъолияти амалии беруниро, ки мутаваҷҷеҳи дарун набошад — (ва шахс бигӯяд) инҳоро дигар раҳо кун, инҳо зеҳният аст, масоили муҳимме нест, бояд ба айният бичаспем — на ҷиҳод медонад, на амали солеҳ ва на муҳоҷират ва ҳеч кадом аз ин исмҳоро рӯи як фаъолияти амалӣ намегузорад агар аз маънавият холӣ бошад.

## Қуръон ва ҷудо набудани дарунгароӣ ва бурунгароӣ

Ислом сареҳ мегӯяд:

إِنْ تَتَّقُوا اللَّهَ يَجْعَلْ لَكُمْ فُرْقَانًا

(*Сураи Анфол, ояти 29*) Тақво дошта бошед, мебинед мояи тамйиз дар дили шумо пайдо мешавад. Пок бошед, худатонро муназзаҳ нигаҳ доред, Худои Мутаъол ба дили шумо нур мепошад, мояи тамйиз додани ҳақ аз ботил ба шумо медиҳад.

Дар ояти дигар мефармояд:

وَالَّذِينَ اهْتَدَوْا زَادَهُمْ هُدًى

(*Сураи Муҳаммад, ояти 17*) Касоне, ки муҳтадӣ (ҳидоятёфта, роҳёфта) ҳастанд, Худо бар ҳидояташон меафзояд. Ту як қадам ба сӯи Худо бардор, Худо як қадами бузургтар ба сӯи ту бармедорад:

زَادَهُمْ هُدًى

Бибинед, Қуръон роҷеъ ба асҳоби Каҳф[19] чӣ тавр ҳарф мезанад ва чӣ гуна маънавият ва ба истилоҳ моддият ё бурун ва дарунро яке қарор медиҳад:

نَحْنُ نَقُصُّ عَلَيْكَ نَبَأَهُمْ بِالْحَقِّ إِنَّهُمْ فِتْيَةٌ آمَنُوا بِرَبِّهِمْ وَزِدْنَاهُمْ هُدًى. وَرَبَطْنَا عَلَى قُلُوبِهِمْ إِذْ قَامُوا فَقَالُوا رَبُّنَا رَبُّ السَّمَاوَاتِ وَالْأَرْضِ لَنْ نَدْعُوَ مِنْ دُونِهِ إِلَهًا لَقَدْ قُلْنَا إِذًا شَطَطًا

(*Сураи Каҳф, оятҳои 13-14*) Эй паёмбар! Барои ту достони инҳоро, ки ҳақиқат аст — афсона нест — баён мекунем: инҳо ҷавонмардоне буданд, ки ба парвардигори худ имон оварданд ва таслими парвардигорашон шуданд, мо ҳам бар ҳидояти маънавии онҳо афзудем; онҳо як қадам ба сӯи мо бардоштанд ва мо ду қадам ба сӯи онҳо бардоштем: яке ин ки ба онҳо равшанӣ бахшидем ва дигар он ки ба онон қуввати қалб ато кардем (ки Қуръон дар баъзе мавориd аз он таъбир ба “инзоли сакина” мекунад:

فَأَنْزَلَ اللَّهُ سَكِينَتَهُ عَلَيْهِ وَأَيَّدَهُ بِجُنُودٍ لَمْ تَرَوْهَا

(*Сураи Тавба, ояти 40*) ва дар ҷои дигар мефармояд:

ثُمَّ أَنْزَلَ اللَّهُ سَكِينَتَهُ عَلَى رَسُولِهِ وَعَلَى الْمُؤْمِنِينَ

(*Сураи Тавба, ояти 26*), ки роҷеъ ба ҳамаи мӯъминин баён мекунад. Инҳо (асҳоби Каҳф) дар як низоми ширкомез ва ширколуд қарор гирифта буданд ва бар алайҳи ин низом қиём ва туғён карданд, мо ҳам ба ҳукми имон ва ақидае, ки доштанд, бар басират ва қуввати қалб ва шуҷоаташон ва бар ҳамоса ва сатвати руҳии онҳо афзудем. Чаро? Подоши корҳояшон буд, ки ба онҳо додем; дар ҳамин дунё подош додем:

[19] *Қуръон аз асҳоби Каҳф ба “ҷавонмардон” таъбир мекунад. Аз имом суол мекунанд, ки чаро Қуръон инҳоро “ҷавон” номида, магар инҳо ҷавон будаанд? Фармуд: на, иттифоқан ҷавон ҳам набуданд, пирамард буданд, вале ҷавонмард буданд.*

**فَقَالُوا رَبُّنَا رَبُّ السَّمَاوَاتِ وَالْأَرْضِ**

Парвардигори мо; он парвардигоре, ки бояд дар муқобилаш таслим шавем, он нерӯе, ки фақат бояд дар баробари ӯ хозеъ шавем, ҷуз парвардигори осмонҳо ва замин нест ва ҷуз ӯ ба парвардигоре имон ва изъон надорем; агар ғайр аз Худои олам маъбуди дигаре барои худ иттихоз кунем, хеле иштибоҳ кардаем ва ба роҳи ғалат рафтаем.

Ин, тавъам будани ин ду (бурун ва дарун) бо якдигар аст.

Башар ғолибан дар ҳолати ифрот ё тафрит аст ва дар нуқтаи васат камтар меистад. Қарнҳо ғарқ дар мавҷҳои дарунгароӣ будем ва эъроз аз берунгароӣ мекардем ва ман ҳис мекунам, ки боз кам-кам мутаваҷҷеҳи берунгароӣ мешавем ва дар ҳоли эъроз аз дарун ҳастем, он ҳам ба унвони ин ки дар ислом чунин масоиле матраҳ нест.

## Тавсифи Алӣ аз “ориф”

“*Наҳҷул-балоға*” чӣ гуна китобе аст? Аз назари шумо китобе дарунгарост ё берунгаро? Худатон медонед, ки “*Наҳҷул-балоға*” то чӣ ҳадд берунгарост, аммо ҷанбаҳои дарунгароии “*Наҳҷул-балоға*”-ро медонед ё на? Олитарин ва дақиқтарин ва зарифтарини дарунгароиҳо дар ҳамин “*Наҳҷул-балоға*” аст:

**قد أحيى عقله وأمات نفسه حتّى دقّ جليله ولطف غليظه وبرق له لامع كثير البرق فأبان له الطّريق وسلك به السّبيل وتدافعته الأبواب الى باب السّلامة ودار الإقامة**

(*“Наҳҷул-балоға”, хутбаи 218*) Як марди ориф ва тазкияшударо тавсиф мекунад: ақли худашро зинда кард, нафси амموраашро миронд, ғилзатҳои вуҷудашро рақиқ кард, чӣ ғилзатҳои ҷисмонӣ ва чӣ ғилзатҳои руҳонӣ (одаме, ки як умр хӯрда ва хобида ва чарбӣ дар баданаш ҷамъ шуда, ҳеч вақт одам намешавад), ин ғилзатҳоро аз байн бурд, бо як риёзати маънавӣ худашро пок кард, олудгиҳоро дар асари танаъумҳое, ки дар вуҷудаш пайдо шуда буд зудуд, ҳамаи ғилзатҳоеро, ки дар руҳаш буд аз байн бурд ва баданашро нозук кард:

**دقّ جليله ولطف غليظه**

— то онҷо, ки як барқ аз дарунаш ҷаҳид:

## وبرق له لامع كثير البرق

Барқ ҷаҳид ва роҳро барояш равшан кард; баъд, аз як дар ворид шуд, ӯро аз ин дар ба он дар бурданд ва аз он дар ба дари дигар, то ба он маҳалли ниҳоӣ расид, он ҷо, ки боргоҳи илоҳӣ ва боргоҳи рубубӣ аст.

Акнун намехоҳам инҳоро шарҳ кунам. Бовар кунед, ки дар тӯли ҳазору сесад соли ирфон ва ин ҳама урафои бузурге, ки мо доштаем — ки дар дунё урафои ислом назире надоранд — як ориф натавониста ҷумалоте назири ин се сатри "*Наҳҷул-балоға*" биёварад.

Ин ҳамон Алии майдони ҷанг аст; ин ҳамон Алие аст, ки аз шамшераш дар майдони ҷанг хун мечакад; ин ҳамон Алие аст, ки шабҳо бедор аст ва ба дар хонаи он ятим ва он бевазан меравад; ҳамон Алие аст, ки вақте чашмаш ба як ятим меафтад, аслан тоб надорад; ҳамон касе аст, ки дар ҳамон замон дар борааш гуфтаанд, ҳам гирёни гирён аст ва ҳам хандони хандон; дар майдони ҷанг вақте бо душман рӯбарӯ мешавад, чеҳрааш боз мешавад ва механдад ва дар меҳроби ибодат бо Худои худаш розу ниёз мекунад ва мегиряд.

Магар "*Наҳҷул-балоға*" нест, ки мегӯяд:

**إنّ الله سبحانه وتعالى جعل الذّكر جلاء للقلوب تسمع به بعد الوقرة وتبصر به بعد العشوة وتنقاد به بعد المعاندة وما برح لله عزّت الاؤه فى البرهة بعد البرهة وفى أزمان الفترات عباد ناجاهم فى فكرهم وكلّمهم فى ذات عقولهم**

(*"Наҳҷул-балоға", хутбаи 220*) Ҷумлаҳои аҷибе аст. Намехоҳам дар бораи ин мавзӯъ зиёд баҳс кунам, ҳамин қадр мехостам, ки бидонед назари Қуръон ин аст, ислом ҳарфаш ин аст, пайғамбар (с) ва Алӣ ҳарфашон ин аст.

Дар оятҳои Қуръон ва калимоти паёмбари акрам (с) ва имомони атҳор дар ин замина ин қадр матлаб ҳаст, ки иломошоаллоҳ (яъне зиёд). Шиа ва суннӣ билиттифоқ ин мавзӯъро ривоят кардаанд, ки пайғамбар фармуд:

**من أخلص لله أربعين صباحا جرت ينابيع الحكمة من قلبه على لسانه**

Агар башар битавонад чиҳил сабоҳ худро холис аз ҳар ангезае ҷуз Худо кунад, дарунаш фақат бо Худо зиндагӣ кунаду бас ва бо ҳеч чизи дигар ҷуз Худо набошад — бурунаш бо

олам ва табиат аст, бо ҷомеа ва инсонҳост, вале дар даруни худаш бо шикам ва шаҳват ва мақом зиндагӣ накунад ва ҳеч ангезае ҷуз Худо надошта бошад — чашмаҳое аз ҳикмат аз қалбаш ба забонаш ҷорӣ мешавад.

Баъд бибинед дар адабиёти исломӣ — чӣ форсӣ ва чӣ арабӣ — роҷеъ ба ҳамин ҷумлаи Паёмбар чӣ шеърҳо ва ҷумлаҳо ба вуҷуд омадааст, монанди шеъри маъруфи Ҳофиз, ки ҳадиси Пайғамбарро бо забони тағаззул мегӯяд:

*Саҳаргаҳ раҳраве дар сарзамине,*

*Ҳамегуфт ин муаммо бо қарине, ки*

*Эй сӯфӣ шароб он гаҳ шавад соф,*

*Ки дар шиша барорад арбаъине…*

*На Ҳофизро ҳузури дарси хилват.*

*На донишмандро илмуляқине*!

Пас ислом ҷузъи гурӯҳе аст, ки манбаи "дил" ва абзорашро, ки "тазкияи нафс" аст ба расмият мешиносад.

## Таърих, манбаи дигари шинохт

Як манбаи дигар, ки махсусан имрӯз ба он аҳаммият медиҳанд ва Қуръон низ ба он аҳаммият зиёде додааст, "таърих" аст. Яъне аз назари Қуръон, ғайр аз табиат ва ақл ва дил, як манбаи дигар ҳам барои шинохт вуҷуд дорад, ки он иборат аз таърих аст.[20]

Қуръон таърихро ба унвони як манбаи шинохт арза медорад. Мумкин аст шумо бигӯед, ки табиатро, ки гуфтед, таърих ҳам дар он ҳаст. Дуруст аст, ки таърих ба як эътибор ҷузъи табиат аст, вале таърих яъне ҷомеаи инсонии дар ҳоли ҳаракат ва ҷараён. Табиатро ду навъ мешавад мутолеа кард, ҷомеаро ҳам ба ду шакл метавон мутолеа кард.

Замоне мо ҷомеаро дар ҳоли сабот мутолеа мекунем. Масалан, касе, ки мехоҳад иттилооти ҷомеашиносӣ дар бораи ҷомеаи мо дошта бошад, ҷомеаи имрӯзи Эронро аз ҷанбаҳои мухталиф мутолеа мекунад ва иттилооте дар ихтиёри афрод мегузорад. Ин як мутолеаи

[20] *Бояд аз Иқболи Лоҳурӣ тақдир кард, ки дар китоби "Эҳёи фикри динӣ" беш аз ҳар касе дигар мутаваҷҷеҳи ин масъала шудааст. Албатта, асли масъаларо дигарон ҳам гуфтаанд, вале ман масъалаи "Таърих ба унвони яке аз манобеи шинохт"-ро аввал бор дар китоби Иқбол дидаам.*

ҷомеашиносӣ аст. Вале як вақт ҷомеаи имрӯзро дар иртибот бо гузашта ва гузаштаро бо гузаштаи худаш — яъне ҳозирро бо гузашта ва оянда — маҷмӯан як воҳиди дар ҳоли ҷараён дар назар мегирем, баъд мехоҳем бидонем қонуни ин ҷараён чӣ қонуне аст. **Фарқи “фалсафаи таърих” бо “ҷомеашиносӣ” ин аст, ки ҷомеашиносӣ қонуни мавҷуди ҷомеаро баён мекунад, вале фалсафаи таърих қонуни таҳаввулоти ҷомеаро баён мекунад**; инҷост, ки омили замон дар кор меояд.

Қуръон ба таври сареҳ ва қотеъ таърихро барои мутолеа арза медорад. Пас, таърих ҳам худаш як манбаъ барои шинохт аст. Дар ин замина мо дар Қуръон оятҳое дорем, монанди:

قُلْ سِيرُوا فِي الْأَرْضِ

(*Сураи Анъом, ояти 11*) Биравед дар замин гардиш кунед.

أَفَلَمْ يَسِيرُوا فِي الْأَرْضِ

(*Сураи Ғофир, ояти 82*) Чаро инҳо дар замин гардиш намекунанд? Яъне биравед осори таърихиро мутолеа кунед[21] ва баъд бибинед, ки зиндагӣ ва ҷомеаи башар чӣ таҳаввулоти таърихӣ пайдо кардааст.

Боз Алӣ дар васияте, ки дар “*Наҳҷул-балоға*” ба Имом Ҳасан мекунад, ҷумлаи бузурге дорад, ки ба инсон имони бештаре мебахшад. Алӣ, ки аз насли аввали ислом аст, ба Имом Ҳасан дастур медиҳад: писарам! Аҳволи умматҳо ва миллатҳо ва таърихҳоро ба диққат мутолеа кун ва аз онҳо дарс биёмӯз! Баъд чунин таъбире дорад:

أى بنيّ إنّى وإن لم أكن عمّرت عمر من كان قبلى فقد نظرت فى أعمالهم وفكّرت فى أخبارهم وسرت فى آثارهم حتّى عدت كأحدهم، بل كأنّي بما انتهى الىّ من أمورهم قد عمّرت مع أوّلهم الى آخرهم

(*“Наҳҷул-балоға”, номаи 31*) Писаркам! Агарчӣ умри маҳдуде дорам ва бо умматҳои гузашта набудаам, ки аз наздик вазъу ҳоли онҳоро мутолеа карда бошам, аммо дар

[21] *Ин “гардиш дар замин” барои мутолеаи табиат нест (албатта он ҷое, ки бо ин таъбир омадааст); он ҷо, ки бо таъбири “сайр дар замин” омадааст, барои мутолеаи таърих аст.*

осорашон сайр кардам ва дар ахборашон фикр кардам, то он ҷо, ки монанди яке аз худи онҳо шудам; ончунон шудаам, ки гӯӣ бо ҳамаи он ҷавомеъ аз наздик зиндагӣ кардаам.
Баъд мегӯяд, на, болотар аз ин; чун агар касе дар ҷомеае бо мардуме зиндагӣ кунад, фақат аз аҳволи ҳамон мардум огоҳ мешавад, вале ман мисли одаме ҳастам, ки аз аввали дунё то охири дунё бо ҳамаи ҷомеаҳо буда ва бо ҳамаи онҳо зиндагӣ кардааст. Пас, таърихро мутолеа кун, дар ахбори миллатҳо ва дар таҳаввулоте, ки барои ҷомеаҳо пеш омада фикр кун, то монанди чашме бошӣ, ки аз аввали дунё то охири дунёро мутолеа ва мушоҳида кардааст. Ин аст, ки аз назари Қуръон (ва ривоятҳо) худи таърих манбае барои шинохт аст.

## Фалсафаи таърих дар Қуръон

Ин масъала, ки Қуръон даъват мекунад, ки башар таърихро мутолеа кунад, бисёре аз назариёти Қуръон дар бораи фалсафаи таърихро равшан мекунад.
Агар ҳаводиси таърихии олам гизофу тасодуф бошад, мутолеаи таърихи гузашта, бо имрӯз ҳеч рабте пайдо намекунад, чун қазоё бар асари тасодуфот аст. Қуръон асли тасодуфро инкор мекунад, асли сунан (суннатҳо)-ро қабул мекунад ва ба он тасреҳ менамояд.
Агар таърих сунан дошта бошад, вале сунани он хориҷ аз ихтиёри башар бошад ва башар натавонад дар он суннатҳо нақше дошта бошад — амре ҷабрии маҳз бошад ва инсон ҳеч гуна таъсире дар масири таҳаввули таърих надошта бошад – боз дарс гирифтан ва омӯхтан аз таърих маънӣ надорад, зеро таҳаввули таърих як амри ҷабрӣ аст, ки сурат мегирад, ман чӣ бихоҳам ва чӣ нахоҳам, ирода кунам ё ирода накунам, ҳеч таъсире надорад, мисли гардиши замин ба даври хуршед ё гардиши замин ба даври худаш (ки лоақал аҷолатан барои мо чунин чизе аст). Замин як гардиши солона ба даври хуршед дорад, ман чӣ бихоҳам ва чӣ нахоҳам, ин, қонун ва суннати хориҷ аз ихтиёри ман аст. Донистани он барои ман ҳеч фоидае надорад, чун ман наметавонам онро пасу пеш кунам ё улгуяшро бисозам.
Пас маълум мешавад, ки инсон (дар таҳаввулоти таърих) нақше дорад ва метавонад нақше дошта бошад.
Агар омилҳои муассир дар таърих омилҳои суъ бошад, омилҳои фасод бошад, масалан танҳо омили муассир дар таърих зӯр бошад ва омили дигаре ғайр аз он нақше дар таърих надошта бошад, ё ягона омили муассир дар таърих зару пулу иқтисод бошад ва ҳеч омили дигаре нақш надошта бошад, дар ин сурат таърих муаллими башар аст, аммо муаллими бисёр баде. Чаро? Чун ба инсон мегӯяд, ҳеч чиз дар таърих нақш надорад, ҷуз шаҳвату зану

пулу зар, пас беҳтар аст инсон аслан таърихро мутолеа накунад, чун агар мутолеа кунад ва ба рози таърих даст ёбад, ба сухане, ки бархе мегӯянд мерасад, ки “*ҳақ ҳеч вақт нақше дар олам надошта ва наметавонад ҳам нақше дошта бошад, аслан зӯр ба тамоми маънӣ ахлоқӣ аст, ахлоқ яъне зӯр ва зӯр яъне ахлоқ ва нақшҳо ҳама дар зӯр хулоса мешавад ва ғайр аз ин чизе дар ола нест*”.

Аммо агар таърих тасодуф набошад, суннат бошад; агар суннати таърих ҷабри маҳз набошад, инсон дар он нақш дошта бошад; ва агар он омилҳои инсонӣ, ки нақш доранд мунҳасиран омили фасод набошад, балки бештар омили салоҳ бошад, омили тақво ва покӣ бошад, омили ҳақ ва имон бошад, дар ин сурат, таърих муаллим аст ва муаллими хуб.

Ин ки Қуръон дарси таърих мегӯяд, мубтанӣ бар қабули тамоми инҳост. Аз назари Қуръон, салоҳ дар таърих нақш дорад, тақво ва ихлос дар таърих нақш дорад, балки нақши ниҳоӣ ва пирӯзии ниҳоӣ ҳамеша аз они ҳақ аст ва ин тасреҳи Қуръони Маҷид аст:

كَتَبَ اللَّهُ لَأَغْلِبَنَّ أَنَا وَرُسُلِي

(*Сураи Муҷодала, ояти 21*) Қонуни қатъии илоҳӣ аст, ки пирӯзии ниҳоӣ аз они ман — яъне қонуни ман; Худо, ки намеояд вориди майдон шавад — ва паёмбарони ман аст.

وَإِنَّ جُنْدَنَا لَهُمُ الْغَالِبُونَ

(*Сураи Соффот, ояти 173*) боз маънояш ҳамин аст.

Пас, аз назари Қуръон, яке дигар аз манобеи шинохт, таърих аст, ки қабул кардани ин манбаъ мубтанӣ бар ин фарзҳо ва шартҳост. Дар ҷаласаи баъд иншоаллоҳ роҷеъ ба “мароҳил ва дараҷоти шинохт” — ки бо ду мабҳаси гузаштаи мо (манобеи шинохт ва абзори шинохт) пайвастагии зиёде дорад — баҳс мекунем.

## Мароҳил ва дараҷоти шинохт

Расидем ба масъалаи “мароҳил ва дараҷоти шинохт”. Аввалин масъала ин аст, ки оё шинохтан якмарҳилаӣ аст ё чандмарҳилаӣ? Ва агар чандмарҳилаӣ аст, мароҳили шинохт кадом аст?

## Назариёти мубтанӣ бар якмарҳилаӣ будани шинохт

Мутобиқ бо баъзе аз макотиб метавон гуфт, ки шинохт якмарҳилаӣ аст. Масалан, аз назари касоне, ки фақат ақлро маншаи шинохт медонанд ва барои ҳис арзише қоил нестанд, шинохт як марҳила бештар надорад ва он ҳамон марҳилаи ақлӣ аст (мисли назарияи маъруфи Декарт). Баъзе дигар дуруст дар ҷиҳати акси ин назария, моҳияти шинохтро ҳиссии маҳз медонанд ва барои ақл нақше қоил нестанд ва дар воқеъ ҳар маъқулеро иборат аз як маҳсус гирифта ва сару по шикаста медонанд, барои "куллӣ" дар муқобили "ҷузъӣ" ва барои "омм" дар муқобили "хосс" нақше қоил нестанд, мегӯянд, "куллӣ", ки ин файласуфон ва мантиқийин ба он часпидаанд ва онро маъқул медонанд ва "ҷузъӣ"-ро маҳсус, ҷуз ҳамон ҷузъии дасту по шикаста чизи дигаре нест.

Ин масалро ман барои аввалин бор дар китоби "*Боғи Эпикур*", навиштаи Анатол Франс (*Anatole France*) дидам ва баъд шабеҳи онро дар навиштаҳои дигарон. Мегӯянд: сиккае, ки ибтидо берун меояд, нақшҳои равшане дорад, таърихаш равшан аст, аксу хутуте рӯи он мунаққаш шуда ва ҳамаи аъдоду арқоми он возеҳ аст. Ин сиккаи тилло ё нуқра муддатҳо дар дасти мардум аст, дар тӯли солҳо даст ба даст мешавад ва тадриҷан ҳамаи он хусусиёт пок мешавад. Масалан, он сиккае, ки сад сол пеш даромада буд ва исми Носируддиншоҳ ва аксу таъриху хутути он, ҳама мушаххас буд, сад сол, ки дасти мардум афтод ва дастмолӣ шуд, ҳамаи онҳо пок мешавад. Инсон вақте нигоҳ мекунад, мепурсад: оё ин сиккаи носируддиншоҳӣ аст? Музаффаруддиншоҳӣ аст? Аҳмадшоҳӣ аст? Ҳамаи ин эҳтимолҳо дар бораи он вуҷуд дорад.

Мегӯянд, як "ҷузъӣ", ки дар зеҳни инсон меояд (масалан оқои Зайдро бо он қадду қиёфа ва чашму абрӯву даҳону ранги махсус тасаввур мекунед, ин мешавад ҷузъӣ), пас аз муддатҳо, ки кам-кам хусусиёташ ёдатон биравад (чашму абрӯяш ба чӣ шакл буд, қаддш чӣ қадр буд, лабу даҳон ва бинӣ ва шонаҳояш чӣ гуна буд) ва як шабаҳи куллӣ дар зеҳнатон биёяд, ин мешавад куллӣ. Пас, куллӣ арзише надорад, куллӣ яъне ҷузъии дасту по шикаста.

Эмпиристҳо (ҳиссгароҳо) мегуфтанд, шинохт ҳиссӣ аст, моҳияти ҳиссӣ дорад, ин қадр дунболи ақлу маъқулу таъаққул наравед, ҳар чи, ки ҳиссӣ набошад, хаёл аст, ваҳму бемаънӣ аст; мо фақат чизеро ба номи илму идроку маърифат қабул дорем, ки аз дарвозаҳои ҳис вориди зеҳн шуда бошад, ҳар чи аз ин дарвозаҳо вориди зеҳн шавад, ҳамон дуруст аст, ҳар чи аз ин дарвозаҳо ворид нашавад, хаёл ва ваҳм аст. Ва дар ақли инсон ҳам чизе ҷуз он чи, ки дар ҳис вуҷуд доштааст, нест. Ҷон Лок ҷумлаи маъруфе дорад: "*Дар ақл чизе нест магар*

*он ки қаблан аз роҳи ҳавос ворид шуда бошад*”. Пас, аз назари инҳо шинохтан — аз ибтидо то интиҳо — дар эҳсос кардан хулоса мешавад ва қаҳран якмарҳилаӣ ва якдараҷаӣ аст.

Аз назари Афлотун, ҳамаи шинохтҳо дар таъаққул хулоса мешавад, чун ӯ барои маҳсус арзиши шинохтан қоил нест ва фақат маъқулро қобили шинохтан медонад. Худи таъаққул мумкин аст дараҷот дошта бошад, вале ба ҳар ҳол якмарҳилаӣ аст.

Бергсон ва афроди дигаре, ки шинохтро танҳо аз роҳи дил муяссар медонанд, онро ба як маъно якмарҳилаӣ медонанд.

## Механизми шинохти ирфонӣ

Баъзе суол кардаанд, ки механизми шинохтеро, ки аҳли ирфон манбаашро қалб ва абзорашро тазкияи нафс медонанд баён накардед, оё воқеан ин шинохт механизм дорад ё ба манзилаи рафъи монеъ кардан аз шинохтҳои дигар аст? Чун суоли дуруст ва маъқуле аст ва ба матлаби мо ҳам меҳӯрад, ҷавоб арз мекунам: масъалаи тазкияи нафс ду нақш дорад: як нақш ин аст, ки инсон агар тазкияи нафс кунад, ақлаш равшанбинтар мешавад. Масалан, агар дар як салон гарду ғубор бошад, бештар аз чанд метр пеши поямонро наметавонем бибинем, агар бихоҳем бибинем, ба нур ва ҳаво эҳтиёҷ дорем. Як асари тазкияи нафс ин аст, ки фазоро барои ақл софтар мекунад. Вале нақши тазкияи нафс танҳо ин нест, худи қалб ҳам ба инсон илҳом мекунад.

Ва аммо пурсидаанд механизмаш чист? Суоли хубе аст. Фақат ба унвони ёдоварӣ нуктаеро арз мекунам:

Яке аз масоили бисёр зариф ва як навъ равоншиносии бисёр олӣ ва латиф, навъе ахлоқ динамик аст, ки урафо ин навъ ахлоқро ба номи “сайру сулук” зикр кардаанд ва ин ҳамон механизме аст, ки оқоён мехоҳанд бидонанд ва фавқулъода боарзиш аст. Аз масоиле, ки фарангиҳо дар маорифи шарқӣ фавқулъода ба он аҳаммият медиҳанд ин масъала аст; он ҷо, ки урафо бо як навъ — ба қавли Иқболи Лоҳурӣ — “таҷрибаи дарунӣ” (ки таъбире бисёр олӣ аст) механизми пешрафти кори қалбу дилро ба унвони “манозил ва мароҳил” баён кардаанд.

Дар ахлоқи фалсафӣ — ахлоқе, ки ҳамаи файласуфон гуфтаанд — ҳамин қадр гуфта шудааст, ки барои инсон исор (аз худ гузаштагӣ) фазилат аст, вале худхоҳӣ ва истисор разилат аст. Шуҷоат ахлоқ, вале ҷубну таҳаввур зидди ахлоқ аст. Саховат хуб, вале бухлу исроф бад аст. Сабр ва хештандорӣ хуб, вале ҷазаъу фазаъ ва бетобӣ кардан бад аст ва аз ин

қабил масоил. Инсон як китоби ахлоқ аз китобҳои уламои ахлоқро, ки бихонад, мебинад маҷмӯае аз умурро тавсия ва маҷмӯаи дигареро манъ кардаанд: онҳо бад аст ва инҳо хуб. Он гоҳ инсон худашро мисли утоқе мебинад, ки ҳеч декоре надорад, дару девораш холии маҳз аст, вале миқдори зиёде декор ва зинатолот гузоштаанд ва мегӯянд, агар мехоҳӣ инҷо музайян шавад, инҳоро насб кун. Фалосифа чунин хаёл кардаанд, ки нафс ва руҳи инсон мавҷуде аст, ки маҷмӯаи ин фазоил бояд дар он вуҷуд дошта бошад.

Вале урафо гуфтаанд, масъала ин тавр нест; ту монанди як ниҳоли дар ҳоли ҳаракат ва таҳаввул ҳастӣ, дорӣ масиреро манзил баъд аз манзил тай мекунӣ; агар мехоҳӣ мароҳили инсониятро тай кунӣ, бояд аз манзили аввал шурӯъ кунӣ ва даҳ манзилро тай кунӣ. Масалан, аввалин манзили ту “яқза” (бедорӣ ва огоҳӣ) аст, манзили дуввуми ту “тавба” аст, манзили севвум “иноба” аст, манзили чаҳорум “тафаккур” ва манзили панҷум “муҳосиба” аст. Ҳамин тавр манзил ба манзил баён мекунанд ва инсонро то он ҷое, ки худашон мӯътақиданд мебаранд.

Бинобар ин, дар посух ба ин суол, ки оё шинохти ирфонӣ механизме дорад ё на, бояд гуфт: механизми бисёр олӣ дорад. Инҳо ҷузъи нафоис ва захоири маорифи дунёи ислом аст; гӯ ин ки имрӯз як ах-ах кардан ва як туф-туф кардан дар байни худи мо пайдо шудааст, вале фарангиҳо акнун қадри инҳоро беҳтар аз мо медонанд.

Агар манозили ирфонро дар назар бигирем, шинохт чандмарҳилаӣ аст, вале ба як ҳисоби дигар такмарҳилаӣ аст, чун ҳама аз як манбаъ яъне “дил” бармехезад ва манобеи мутаъаддид надорад.

Инҳо мактабҳои такмарҳилаӣ буд. Мактабҳои дигаре вуҷуд доранд, ки чандмарҳилаӣ ҳастанд, аз ҷумла мактаби файласуфони худи мо, ки семарҳилаӣ аст. Онҳо барои шинохт се марҳила қоил ҳастанд: марҳилаи эҳсос, марҳилаи тахайюл (на ба он маънои урфии авомона, балки ба маънои ба ҳофиза супурдан ва дар ҳофиза қарор гирифтан) ва марҳилаи таъаққул.

## Назариёти Кант ва Гегел

Аз акобир ва бузургони файласуфони Урупо касоне ҳастанд, ки шинохтро чандмарҳилаӣ медонанд. Оқоёне, ки ба фалсафаи *Кант* ошно бошанд, медонанд, ки аз назари ӯ шинохт як ҳақиқати думарҳилаӣ аст. Ӯ аслан ҳисро як марҳила барои шинохт намедонад ва мӯътақид аст, ки ҳис моддаи бе шаклу бесурати шинохтро ба инсон медиҳад ва моддаи бе шаклу сурат шинохт нест. Вақте инсон чизеро ҳис мекунад, он чиз ба зеҳн меравад. Барои аввалин бор

худи зеҳн ба он моддае, ки ба василаи ҳис ба зеҳн омадааст, сурат медиҳад. Маҷмӯи модда ва сурат, ки дар зеҳн пайдо мешавад, як марҳила аз шинохт аст. Ӯ мӯътақид аст, ки макону замон воқеияти айнӣ надоранд, балки воқеияти зеҳнӣ ҳастанд ва мо чизеро наметавонем тасаввур кунем ё бишносем магар дар замону макон. Мегӯяд, вале ту хаёл мекунӣ, ки ашё дар берун дар ҷойгоҳи замонӣ ва маконӣ қарор гирифтаанд; хаёл мекунӣ хуршед дар берун макон дорад, инсонҳо дар берун макону замон доранд. Масалан, мегӯем, дишаб шумо дар онҷо нишаста будед ва ман дар фалон ҷо будам ва имшаб инҷо ҳастам, вале хаёл мекунем зарфи “дишаб”, зарфи “имшаб”, зарфи он маҳал ва зарфи ин маҳал — ки мо ба инҳо “зарф” мегӯем ва араб бо “фӣ” баён мекунад ва мо бо “дар” — айният дорад. Ашёро ҷуз дар замону макон намешавад тасаввур кард ва шинохт, вале замону макон сохтаи зеҳни туст. Мегӯед: хуршед дар онҷост. Мегӯяд: хуршед дар берун аст, аммо “онҷо” дар зеҳни туст. Мегӯед: хуршеди дирӯз ва хуршеди имрӯз, мегӯяд: хуршед дар берун аст, аммо “дирӯз” ва “имрӯз” сохтаи зеҳни туст. Пас, марҳилаи аввали шинохт ин аст, ки мо ашёро дар замону макон тасаввур мекунем ва бидуни он ҳам шинохт имконпазир нест; ин, замону макон аст, ки ба ашё сурат ва шакл медиҳад. Моддаи шинохтро аз берун мегирем (мисли хуршед), вале зеҳни мо сурати онро, ки замону макон бошад, ба он мебахшад. Ин як марҳила аст.

Аз ин марҳила, ки болотар биравем, тоза ба марҳилаи илмӣ ва ба марҳилаи фалсафӣ мерасем. Ашёро дар замону макон дидан, ҳанӯз дар марҳилаи ҷузъӣ аст. Инҷост, ки Кант он мақулоти маъруфи дувоздаҳгонаи худашро баён мекунад, ки ҳар се чаҳор мақуларо дар як боб меоварад, ки ин аз мабоҳиси бисёр тӯлонии фалсафа аст.

Пас, оқои Кант шинохтро думарҳилаӣ медонад, вале ба ин тартиб, ки марҳилаи аввал — ки тақрибан монанди марҳилаи тахайюлӣ аст, ки мо мегӯем — марҳилае аст, ки маҳсусот вориди сурати замону макон мешаванд ва марҳилаи дуввум марҳилаи мақулоти дувоздаҳгона аст.

*Гегел*, файласуфи бисёр бузурги олмонӣ, монанди Кант барои шинохт мароҳиле қоил аст: марҳилаи илмӣ ва марҳилаи фалсафӣ, ки он ҳам боз достоне дорад, вале чун имрӯз на фалсафаи Кант ва на фалсафаи Гегел — ба он суратҳое, ки ин ду барои шинохт мароҳил қоиланд — пайрав доранд ва на мо қабул дорем ва на дигарон, вақти шуморо роҷеъ ба назариёти онҳо, ки ҳар кадом шояд чанд ҷаласа вақти моро бигирад намегирем.

## Назарияи Спенсер

Иддае қоил ба фалсафаи илмӣ ҳастанд. Инҳо ҳам қоил ба мароҳил мебошанд, вале ба ин сурат, ки мегӯянд: мо се марҳилаи шинохт дорем: марҳилаи ҳис (инҳо мисли Кант намегӯянд сурати ҳисро зеҳн медиҳад; мегӯянд, дар марҳилаи ҳис як марҳила аз кори шинохт тамом мешавад), марҳилаи илм ё марҳилаи шинохти илмӣ, ҳамон шинохте, ки улум ба мо медиҳад; масалан дар илми ҳисоб ба як силсила масоил шинохт пайдо мекунем, дар зистшиносӣ, физик, фалсафаи таърих ва улуми дигар ба як силсила масоили дигар шинохт пайдо мекунем, вале ин масоили илмӣ то ба шакли масоили илмӣ аст ва дар девораи илмҳо маҳбус ва маҳдуд аст, як марҳилаи мутавассит аст, инсон як марҳилаи олитар ва болотар аз ин дорад.

Ва он ин аст, ки фалсафаи илмӣ месозад ва дараҷаи маърифаташ боло меравад. Чӣ тавр фалсафаи илмӣ месозад? Як назария масалан марбут ба физика аст ва назарияи дигаре марбут ба химия ва ё илми дигар; баъд як файласуф, як мағзи муфаккир қоидаи ин илмро бо қоидаи илм ё улуми дигар дар канори якдигар қарор медиҳад ва аз инҳо як қоидаи куллитар ва умумитар, ки шомили ҳамаи инҳо бошад, ба даст меоварад.[22] Ин мешавад фалсафа. Фалсафа аз масоили илмӣ як қоидаи куллитар ва бартар ва болотар дуруст мекунад. Масалан, қонуни такомул; ҷомеашиносиро мутолеа мекунанд ба такомул бармехӯранд, зистшиносиро мутолеа мекунанд ба такомул бармехӯранд, баъзе улуми дигар мисли заминшиносӣ ва осмоншиносиро мумкин аст мутолеа кунанд ва ба такомул барбихӯранд; баъд мегӯянд, қонуни куллии ҷаҳон "такомул" аст.

Пас, маърифат ва шинохт семарҳилаӣ аст: марҳилаи ҳис, марҳилаи илм ва марҳилаи фалсафа. Ин назария дар дараҷаи аввал марбут ба файласуфи маъруфи англисӣ Спенсер аст; касе, ки фарқ миёни фалсафа ва илмро дар боло рафтани дараҷаи маърифат медонад, на дар ихтилофи масоил; намегӯяд навъи масоили фалсафӣ бо навъи масоили илмӣ мутафовит аст ва навъи масоили фалсафӣ аз қаламрави масоили илмӣ берун аст, мегӯяд: ҳамин масоили илмӣ як дараҷа, ки болотар меравад, исмаш мешавад масоили фалсафӣ.

---

[22] *Ҳамон тавр, ки илм нисбат ба ҳис марҳилаи болотаре аст: шумо ҷузъиҳоро ҳис мекунед, масалан як қитъа оҳанро озмоиш мекунед, мебинед дар ҳарорат инбисот пайдо мекунад, оҳани дигареро озмоиш мекунед, мебинед инбисот пайдо мекунад, ё барои як беморӣ доруеро озмоиш мекунед, мебинед муассир аст, ҳамин тавр барои бемориҳои дигар озмоиш мекунед, мебинед муассир аст, он гоҳ як қоидаи куллии илмӣ ба даст меоваред.*

# Назарияи тарафдорони материализми диалектик

Пайравони материализми диалектик барои шинохт се марҳила қоиланд, вале на ба тартибе, ки Гегел ё Спенсер қоил буданд, балки дар воқеъ ҳамон шинохти илмиро (он чи, ки дигарон шинохти илмӣ медонанд) ба унвони мароҳили шинохт мешиносанд. Инҳо мактаби эмпиристҳоро, ки шинохтро такмарҳилаӣ ва ҳиссии маҳз медонанд ва ҳамчунин мактаби ратсионалистҳоро, ки шинохтро такмарҳилаӣ ва ақлии маҳз медонанд сареҳан нафӣ мекунанд. Аз назари инҳо, шинохт се марҳила дорад: ҳис, таъаққул ва амал; ҳамон, ки дар улуми табиӣ маъмул аст.

(Тавзеҳ ин ки) тарзи корбурди улуми таҷрибӣ чунин аст: донишманд ибтидо ба баррасӣ ва мушоҳидаи умур мепардозад. Фарз кунед, пизишк аст ва роҷеъ ба бемории сил мутолеа мекунад. Аҳволи беморон, авориз ва ҳолатҳои онҳоро ба диққат зери назар мегирад. Агар надонад, ки иллати сил чист ва аз чӣ омиле пайдо мешавад, аз бемор мепурсад чӣ муддат аст, ки ин бемориро эҳсос мекунӣ? Чанд вақт аст, ки таб кардаӣ? Дар куҷо зиндагӣ мекардӣ? Хонаат офтоб дошт ё на?.. Бо чӣ касе муоширам доштӣ? Аз ин қабил масоилро аз бемор мепурсад. Ё агар иллати бемори кашф шудааст, роҷеъ ба муолиҷот мутолеа мекунад ва доруҳои мухталифро озмоиш менамояд.

Дар мутолеоти иҷтимоӣ ҳам ҳамин тавр аст. Касе, ки мехоҳад ҷомеаеро бишносад аввал ба баррасӣ ва мушоҳида мепардозад; ба маҷмӯаи авзоъи як шаҳр нигоҳ мекунад. Аввал роҳҳояшро мутолеа мекунад, ки оё ҳаракат кунд аст ё тунд, мағозаҳоро мутолеа мекунад, омор мегирад, чанд мағозаи китобфурӯшӣ аст, чанд мағозаи машрубфурӯшӣ, либосҳои мардумро мутолеа мекунад, бархӯрдҳои мардумро мебинад; замоне, ки ду автомобил тасодуф мекунанд, бархӯрдҳои ду ронандаро мушоҳида мекунад; амокини умумиро нигоҳ мекунад, зали суханрониҳоро мутолеа мекунад, амокини фасодашонро баррасӣ мекунад, идоротро мулоҳиза мекунад; ва мушоҳидот ва мулоҳизоти худро доиман ёддошт мекунад. Ин, марҳилаи эҳсос ё марҳилаи мушоҳида ва ё марҳилаи мутолеаи сурӣ аст.

Пас аз мушоҳидоти фаровон, донишманд мехоҳад роҳи ҳал пайдо кунад. Акнун вақти он аст, ки ба мағзу фикри худ фишор оварад, барои ин ки мехоҳад иллатро пайдо кунад (агар дунболи иллат аст): чаро ин мариз ин тавр шудааст? Чаро ин мамлакат аз ин ҷиҳат ин тавр аст? Он вақт фарзияе ба зеҳнаш меояд: ин бемор, ки дучори бемории сил шудааст, бояд иллаташ фалон чиз бошад; ин ки вазъи ин шаҳр чунину чунон аст, бояд иллаташ ин бошад; дар зеҳнаш як барқ мезанад. Нақши нубуғ дар инҷо пайдо мешавад. Яъне ҳама мушоҳида

мекунанд, ҳама баррасӣ мекунанд (то марҳилаи мушоҳида ва баррасӣ, афрод бо ҳам фарқ намекунанд, ҳама баробаранд), аммо вақте, ки ин мушоҳидот ва баррасиҳо ба сурати парвандае дар мағз мунъакис мешавад (ҳар кас мутаносиб бо тавони худ фарзияеро ироа медиҳад), ҳамон, ки қудамои мо ба он "ҳадс" мегуфтанд, яъне фарзия пайдо кардан, иллатро ёфтан. Дар мағзи яке мумкин аст барқе биҷаҳад ва дар мағзи дигаре барқи дигар ва дар мағзи баъзе мумкин аст аслан барқе наҷаҳад. Як андешае барои донишманд пайдо мешавад. Ин ҳамон марҳилаи таъаққул аст.

Бинобар ин, аз назари инҳо марҳилаи таъаққул яъне марҳилаи пайдоиши як асли куллӣ, як фарзияи куллӣ ба дунболи мушоҳидаҳо ва баррасиҳо ва эҳсосҳо. Пас, таъаққул марҳилаи дуввумро ташкил медиҳад.

Оё шинохт ба инҷо тамом мешавад? На. Барои бори дуввум бояд ба олами айн ва амал бозгашт. Ба таъбири шоиронае, ки зикр мекунанд: ҳаракати аввали шинохт, аз модда ба шуъур аст ва ҳаракати сонавӣ аз шуъур ба модда аст. Барои бори дуввум он фарзияе, ки дар зеҳни донишманд пайдо шудааст, дар марҳилаи амал мавриди озмоиш қарор мегирад; онро имтиҳон мекунад, мехоҳад бибинад оё фарзе, ки карда ва ҳадсе, ки дар зеҳнаш омада (дар амал натиҷаи мусбат дорад ё манфӣ?) Масалан, вақте, ки роҷеъ ба бемории сил фикр мекунад ва ҳадс мезанад, ки фалон дору бояд муфид бошад, фавран ба пеши беморон меравад ва шурӯъ ба озмоиш мекунад, мебинад, ки як натиҷае дорад, эҳтимол медиҳад, ки ин натиҷа ихтисос ба ин бемор дошта бошад (ин бемор аворизи хоссе дошта, ки ин дору дар ӯ асари мусбат доштааст), далел намешавад, ки рӯи беморони дигар ҳам ҳамон асарро дошта бошад; баъд (баррасӣ мекунад, ки) оё ин асар муваққат аст ё доим? Чанд сол пеш шахсе ба номи Ҳиротӣ (ки рӯзномаҳо ҳам навиштанд) дорую пайдо карда буд, ки барои муолиҷоти саратонӣ ба таври муваққат муассир буд. Шарбатеро рӯи ашхос имтиҳон карда буд ва натиҷаи мусбат гирифта буд, ки ман худам дида будам. Барои муддати муваққати ҳоли бемори саратонӣ беҳбуд пайдо мекард ва он аворизе, ки дар ӯ эҳсос мешуд, то муддате аз байн мерафт. Як талабае буд, ки саратон дошт ва мегуфт, аз вақте, ки ин доруро мехӯрам, хеле ҳолам беҳтар шудааст. Вале ин асари муваққат буд, дубора саратон ҳамла мекард ва тамоми беморонаш мурданд.

Бинобар ин, донишманд тамоми эҳтимолотро озмоиш мекунад, мумкин аст асари ин дору муваққат бошад, мумкин аст рӯи мард муассир бошад, вале рӯи зан муассир набошад, рӯи ҷавон муассир бошад, вале рӯи пир муассир набошад, рӯи мардуме, ки дур аз тамаддуни

ҷадид ҳастанд муассир бошад, вале рӯи касоне, ки дар батни ин тамаддун ҳастанд муассир набошад, ё масалан барои мизоҷи осиёӣ ва африқоӣ фарқ кунад ва амсоли инҳо. Баъд, ки тамоми шароитро имтиҳон кард ва фаҳмид, ки ин дору зидди сил аст ва дар ҳар шароите қарор гирад, кушандаи он аст (таъсири он ба шароит марбут нест), шинохти мо ба марҳилаи ниҳоии худ мерасад… Дар ин марҳила аст, ки инсон амал мекунад. Дар ин марҳила аст, ки инсон табиатро дар шароити мухталиф қарор медиҳад, дар ин марҳила аст, ки инсон табиатро тағйир медиҳад.

Пас, тарафдорони материализми диалектик ин тавр таъбир мекунанд: шинохт, семарҳилаӣ аст: марҳилаи баррасӣ, марҳилаи таъаққул ва фарзия, марҳилаи амал, тағйир ё ҳар номи дигаре, ки рӯи он бигузоред. Бинобар ин, инҳо ҳам шинохтро чандмарҳилаӣ медонанд.

## Мароҳили шинохт аз назари фалосифаи исломӣ

Файласуфони мо — чунонки арз кардам — барои шинохт мароҳил қоил ҳастанд. Онҳо шинохтҳои таҷрибиро семарҳилаӣ медонанд, вале чун ҳамаи шинохтҳоро мунҳасир ба шинохти таҷрибӣ намедонанд, қоил ба шинохтҳои думарҳилаӣ ҳам ҳастанд, яъне шинохти таъаққулии ғайри таҷрибӣ. Ин навъ шинохт аз ҳис оғоз мешавад ва бо таъаққул поён меёбад бидуни ин ки ниёзе ба марҳилаи озмоиш ва амал дошта бошад.

Инҷост, ки як суол матраҳ мешавад, ки агар пойи озмоиш ва пойи амал дар миён набошад, пас меъёри шинохт чист? Баҳси муҳимме, ки марксистҳо матраҳ мекунанд ин аст, ки агар он тавре, ки шумо мегӯед шинохти думарҳилаӣ ҳам дошта бошем ва марҳила севвум надошта бошем, ин шинохт ноқис аст. Чаро? Чун фоқиди марҳила севвум, ки марҳилаи озмоиш ва марҳилаи меъёр аст мебошад ва танҳо бо озмоиш (практика) мешавад як шинохтро маҳак зад, ки оё дуруст аст ё нодуруст.

Мо на танҳо ин аслро қабул надорем, ки танҳо меъёр барои дурустии шинохт, амал ва озмоиш аст, ҳатто намегӯем, ки дар баъзе мауорид, меъёри шинохт, шинохт аст ва дар баъзе дигар, амал, балки болотарашро мегӯем: дар ҳамон ҷо ҳам, ки меъёри шинохт амал аст, барои шумо собит мекунем, ки онҷо ҳам меъёри шинохт, шинохт аст. Бисёр масъалаи ҳассосе аст, ки мо баъдан ба ин масъала мерасем. Пас, посухи ин ишколро, ки аз тарафи марксистҳо унвон мешавад — ки ягона меъёри шинохт амал ва практик аст ва шумо, ки шинохтро думарҳилаӣ медонед, шинохтатон бе меъёр аст пас дуруст нест — дар мабҳаси “меъёри шинохт” хоҳем дод.

# Шинохти ҳиссӣ ва вежагиҳои он

Ҳол, барои ин ки марҳилаи таъаққулро, ки онҳо қабул доранд ва мо ҳам қабул дорем, як миқдор ташреҳ кунем — ки барои масоили баъдии мо нофеъ аст — ночорем як силсила баҳсҳоро дар инҷо матраҳ кунем. Аҷолатан аз он мактабҳое, ки пайрав надоранд мегузарем ва роҷеъ ба мактабҳое сӯҳбат мекунем, ки пайрав доранд.

Дар ин мактабҳо эҳсос (ҳис) як марҳила аз шинохт аст, ки онро "шинохти зоҳирӣ", "шинохти сатҳӣ" ё "шинохти ғайриумқӣ" мегӯянд ва таъаққулро марҳилаи дуввуми шинохт медонанд.

Шинохти сатҳӣ яъне дидани ин фазо, шунидани овоз, истишмоми бӯ ва монанди он, ки ҳамон шинохти муштараки инсон ва ҳайвон аст. Албатта ихтилофоте ҳаст, ки ин ҷиҳатро таваҷҷӯҳ дорам: баъзе ҳайвонҳо чизҳоеро мебинанд, ки инсон намебинад, садоҳоеро мешунаванд, ки инсон намешунавад, ё рангҳоеро инсон мебинад, ки ҳайвон намебинад. Ин тавр, ки мегӯянд, саг тамоми рангҳоро хокистарӣ мебинад, бинобар ин таҷзияи нур, ки барои инсон ҳосил мешавад, барои саг ҳосил намешавад. Бисёре аз бӯҳо барои ҳайвон бӯи хуш ва барои инсон бӯи нохуш аст, мисли бӯи мурдор, ки барои инсон бӯи номатбӯъ ва барои саг ва баъзе ҳашарот бӯи матбӯъ аст (саг дар бӯҳо фавқулъода ҳассос аст; ҳассосияте, ки ҳеч вақт инсон наметавонад ба андозаи саг дар шомма дақиқ бошад). Сагро мебинед, ки лошаи мутааффинро бо лаззат мехӯрад. Чашми уқоб тезбинтар аз чашми инсон аст. Шоммаи мӯрча ва шоммаи саг қавитар аз шоммаи инсон аст. Баъзе аз ҳайвонотро мегӯянд аз ҳисси радар бархӯрдоранд. Зоҳиран кӯршапарак бо ин ки чашм надорад, вақте ба тарафи девор меравад бо як ҳиссе аз навъи ҳисси радар эҳсос мекунад, ки дар муқобилаш монее аст ва бармегардад.

Инҳоро таваҷҷӯҳ дорам, вале ба таври куллӣ арз мекунам, ки дар шинохти сатҳӣ, инсон ва ҳайвон муштараканд; ихтилофоте агар доранд, дар ин аст, ки дар баъзе аз ҳавос, инсон ҳассостар аст ва дар баъзе ҳайвон, вале ба ҳар ҳол олами шинохти эҳсосӣ (ҳиссӣ) миёни инсон ва ҳайвон муштарак аст.

Дар марҳилаи шинохти эҳсосӣ (ҳиссӣ), ки инсон ва ҳайвон дар он муштарак ҳастанд, ҳамаи шинохтҳо ҷузъӣ аст, яъне ба сурати так-так ва фард-фард аст, мисли як кӯдак, ки фард-фардро мешиносад; падар, модар, хоҳар, бародар ва холаашро мешиносад, хонаашро мешиносад, аз ҳамаи инҳо ба сурати ҷузъӣ тасаввур дорад, аммо барои ӯ хона ё инсон ба мафҳуми куллӣ вуҷуд надорад, ранг ба маънои куллӣ вуҷуд надорад; чунонки ҳайвон ҳам

ҳамин тавр аст. Бинобар ин, яке аз хусусиётиҳои шинохти ҳиссӣ, ҷузъият ва фардият аст, яъне бояд гуфт, шинохти ҳиссӣ ба истилоҳ *индивидуалист* аст, фардӣ аст, ба фард тааллуқ мегирад.

Вежагии дуввуми шинохти ҳиссӣ ин аст, ки шинохти ҳиссӣ, зоҳирӣ аст, умқӣ нест, завоҳирро мебинад: чашм рангҳо ва ҳаҷмҳоро мебинад, гӯш овозҳоро мешунавад, вале умқӣ нест, ки ба моҳияти ашё битавонад пай бибарад ва равобити дарунии ашёро дарк кунад. Шинохти ҳиссӣ наметавонад ба робитаи иллият ва маълулият, зарурати ҳоким миёни иллату маълул — ки вақте иллат ҳаст, ба ҳукми зарурат маълул бояд вуҷуд дошта бошад — пай бибарад, яъне дар шинохти ҳиссӣ, инсон завоҳирро мешиносад бидуни ин ки битавонад бо ҳавосси худ ба равобит ва умқи падидаҳо ва ба зотҳо ва ҷавҳарҳо ва ботинҳо пай бибарад. Вале инсон ба бавотин ҳам мерасад, ки мисолҳояшро арз хоҳам кард.

Вежагии дигари шинохти ҳиссӣ ин аст, ки шинохти ҳиссӣ, ҳолӣ аст, яъне ба замони ҳол тааллуқ дорад, на ба гузашта ва на ба оянда, чун инсон бо ҳавосси худаш фақат ашёи замони ҳозирро эҳсос мекунад. Инсон бо чашми худаш ҳаводисеро, ки қабл аз таваллуди ӯ вуҷуд доштааст намебинад ва ояндаро низ наметавонад бо ҳавосси зоҳирии худ эҳсос кунад, бо чашм бибинад, бо гӯш бишнавад ё бо шоммаи худ истишмом кунад. Шинохти ҳиссӣ, ҳолӣ аст, пас ба гузашта ва оянда тааллуқ намегирад.

Хусусияти чаҳоруми шинохти ҳиссӣ ин аст, ки ин навъ шинохт, минтақаӣ аст, яъне маҳдуд ба минтақаи хоссе аст. Инсон ё ҳайвон, дар ҳар минтақа ва ҷавве, ки ҳаст ашёи ҳамон минтақа ва ҷаввро эҳсос мекунад; агар дар Теҳрон аст Теҳронро эҳсос мекунад, агар дар Лондон аст Лондонро эҳсос мекунад, агар дар Теҳрон бузург шуда ва Лондон нарафта бошад, маҳол аст онҷоро бибинад, агар Токио нарафтааст Токиоро намебинад; Токиоро медонад, вале намебинад. Ин чаҳор хусусият барои марҳилаи шинохти ҳиссӣ аст.

## Шинохти ақлӣ ва густурдагии он

Ҳол, мехоҳем масъалаи таъаққулро баррасӣ кунем, ки шинохти таъаққулӣ яъне чӣ? Бидуни шак ҳама инро қабул дорем, ки шинохти таъаққулии инсон, аз завоҳир ба бавотин нуфуз мекунад ва равобити номаҳсусро дарк мекунад. Таволии ашё, маҳсус аст (вале) иллият ва маълулият маҳсус нест ва аз ин рӯ эмпиристҳо қоил ба иллият ва маълулият нестанд.

Инсон ҳақоиқро ба сурати омм ва куллӣ ва қоида ва қонун мешиносад. Чунонки арз кардам барои ҳайвон ё кӯдак — ки ҳанӯз дар марҳилаи эҳсос аст — ҳеч чиз ба сурати қонуни куллӣ ва омм вуҷуд надорад.

Инсон ба гузашта илм пайдо мекунад, гузаштаро медонад бидуни ин ки онро бибинад ва ё бишнавад (нагӯед, хабаршро мешунавем, хабар, ки марбут ба замони ҳозир аст. Худи гузашта аз навъи шунидан нест). Рассел дар ин замина масале меоварад: Наполеонро медонем, (ин донистани мо ба василаи ҳавос масалан гӯш нест, зеро) вуҷуди Наполеон савт нест, ки шуниданӣ бошад. Қисматҳое аз ояндаро ҳам медонем. Яке аз масоили бисёр соддае, ки қобили тарҳ аст ва Рассел дар ҷаҳонбинии илмӣ хуб ба ин матлаб таваҷҷӯҳ кардааст ин аст: Наполеон барои мо як вуҷуди истинботӣ аст, як вуҷуде аст, ки мо бо таъаққул онро мешиносем, на бо эҳсос. Рост ҳам мегӯяд. Агар аз мо, ки имрӯз Наполеонро мешиносем ва таърихашро мехонем ва зиндагиашро медонем, бипурсанд, ки шинохти шумо аз Наполеон чӣ шинохте аст? Мумкин аст касе бигӯяд: ин ки возеҳ аст, шинохти ман аз Наполеон ҳиссӣ аст; як одаме буда, рӯи замин роҳ мерафта ва (корҳое анҷом дода), ман инҳоро дар китоб хондаам, бинобар ин ман Наполеонро аз роҳи ҳис мешиносам. (Вале ин тавр нест), Наполеон барои худаш як ҳақиқати маҳсус ва барои ту як амри маъқул аст. Яъне ту бо як истидлоли зеҳнӣ, бо як қиёси ақлӣ ба вуҷуди Наполеон илм дорӣ ва худат намедонӣ. Назири он чизе аст, ки уламои “усул” дар боби “тавотур” доранд. Дар боби “тавотур” мегӯянд, хабари мутавотир барои инсон эҷоди яқин мекунад. Мумкин аст ҳеч кадом ба Токио нарафта бошем, вале ҳамаи мо яқин дорем, ки Токио дар олам вуҷуд дорад. Чаро? Чун хабараш мутавотир аст. Аҳаде имрӯз дар дунё шак надорад, ки масалан шахсе ба номи Абӯсуфён дар ҳудуди ҳазору чаҳорсад сол пеш вуҷуд доштааст, чун хабараш мутавотир аст. Мегӯем оё дар хабари як нафар эҳтимоли дурӯғ дода мешавад ё на? Мегӯянд, бале. Дар хабари ду нафар ҳам эҳтимоли дурӯғ дода мешавад? Бале. Севвумӣ ва панҷумӣ чӣ тавр? Он ҳам бале. Пас агар садҳазор нафар ҳам хабареро нақл кунанд, мо ҳаргиз ба (яқин) нахоҳем расид, зеро аз замми сифр ба сифр адад пайдо намешавад ва мо бояд эҳтимол диҳем, ки он хабар дурӯғ аст, ҳол он ки маҳол аст, медонем хабари мутавотир аз ҳар росте росттар аст.

Бинобар ин, масъала, масъалаи каср шудани эҳтимолот нест; ба қавли Бӯалӣ Сино, масъалаи як бурҳони ақлии зимнии махфӣ аст, ки зеҳни инсон дар даруни худаш ташкил медиҳад. Ҳамон тавр, ки инсон дар як масъалаи риёзӣ наметавонад дар миёни миллиардҳо эҳтимол ҳатто як эҳтимоли хилоф бидиҳад, дар инҷо ҳам дар миёни миллиардҳо эҳтимол

наметавонад эҳтимоли хилоф бидиҳад. Як файласуф воқеан дар ин масъала гир мекунад, Рассел дар инҷо дармондааст, мегӯяд: ҳамон тавре, ки ба вуҷуди *Чемберлен* дар замони худам яқин дорам — чун ӯро дидаам — дар вуҷуди Наполеон ҳам шак надорам, ки чунин одаме будааст.

Инҷост, ки масъалаи қароин ва нишонаҳо пеш меояд, ки мо мехоҳем бигӯем бузургтарин амали шинохти зеҳни башар, ҳамин аст, ки Қуръон исмашро "оя ва зилоя" гузоштааст. Масъалаи "оя ва зилоя" ихтисос ба шинохти Худо надорад. Шинохтшиносӣ аз ҳар масъалае муҳимтар аст. Агар касе шинохтшинос бошад, мебинад, ки аксари маълумоти башар дохил дар он мақула аз шинохтшиносӣ аст, ки Қуръон онро "шинохт аз оя ба зилоя" номидааст. Масъалаи пай бурдан ба Худо, аз назари моҳияти шинохтӣ — қатъи назар аз ҷанбаҳои дигар — бо шинохти Наполеон ҳеч фарқе намекунад, агарчӣ Наполеон як вуҷуди маҳсус аст.

Оянда ҳам ҳамин тавр аст; ояндаро шумо аз куҷо медонед? Махсусан аз касе, ки дар фалсафаи таърих қоил ба ҷабри таърих аст бояд пурсид: ояндаи ҷомеаи башарият бар асоси фалсафа ва илми ту чист? Мегӯяд: бидуни шак ояндаи башарият масалан сотсиализм аст, мароҳили таърих пеш меояд, то ба капитализм мерасад ва капитализм ҷабран мунтаҳӣ ба сотсиализм мешавад. Ба ӯ мегӯем магар он оянда барои ту маҳсус аст, ки ту ба таври қатъӣ онро пешбинӣ мекунӣ? Мегӯяд на. Пас, аз куҷо фаҳмиди? Мегӯяд рӯи таъмими як қоидаи илмӣ.

Мисоле, ки қаблан арз кардам, аз ин возеҳтар ва равшантар аст. Мумкин аст шумо бипурсед, ки ин истинботе, ки мо аз вуҷуди Наполеон дорем чӣ гуна аст? Истинботе, ки аз вуҷудҳо ва осори таърихӣ дорем ба чӣ шакле аст? Вақте уламо мегӯянд собиқаи Эрон ба панҷ ҳазор сол пеш мерасад, аз куҷо мегӯянд? Инҳо аз рӯи осор ва нишонаҳо ва аз рӯи алоим ва ояҳо мегӯянд. Масъалаи шахсиятҳои таърихӣ мустанад ба нақл аст, мустанад ба китоб ва қароин аст.

Ин қоида ва зобитае, ки Бӯалӣ ва амсоли ӯ мегӯянд ин аст: инсон барои табиат як ҷараён қоил аст, медонад, ки табиат дар они воҳид ҷараёнҳои мутазодд надорад, яъне дар шароити воҳид ва мутасовӣ, яксон амал мекунад. Табиат аз худаш як ҷараёни дуруст дорад ва як ҷараёнҳои инҳирофӣ. Ҷараёнҳои инҳирофи дар табиат рух медиҳад, вале ба сурати ақаллият на ба сурати аксарият ва доим. Агарчӣ бурҳони ин матлаб бурҳони фалсафӣ аст, вале азҳон бо фитрати соддаи худашон инро қабул мекунанд. Чӣ тавр?

Рост гуфтан ва дурӯғ гуфтани инсонро дар назар бигиред. Оё табиат ва фитрати аввалии башар, рост гуфтан аст ва дурӯғ гуфтан ба иллати як омили инҳирофӣ аст? Ё на, табиати аввалии башар, дурӯғ гуфтан аст ва рост гуфтан дар асари як омили берунӣ инҳирофе аст, ки табиатро аз масири худаш мунҳариф мекунад? Агар табиати башар ба қавли талабаҳо, лав хуллия ва табъуҳу бошад — омилҳои беруни асаре набахшад — инсон он чиро, ки дида ва шунида ба ҳамон шакл бозгӯ мекунад. Монее надорад, ки фарде дар ҷое дурӯғ бигӯяд, на як нафар балки сад нафар биёянд ва бар сари қазияе шаҳодати дурӯғ бидиҳанд, вале имкон надорад, ки табиати башар аз ҳазор сол пеш пайваста дурӯғ бигӯяд ва ё дар як насл бидуни он ки омили хоссе дар кор бошад якдафъа мардум тавотуъ кунанд, ки вақте аз хона хориҷ мешаванд шурӯъ ба дурӯғ гуфтан кунанд. На, ин тавр намешавад. Шинохти фитрие, ки зеҳни инсон аз табиати беҷон ва табиати ҷондор ва хусусан инсон дорад, ба ӯ иҷоза намедиҳад (ки бипазирад) тамоми инсонҳои осиёӣ ва урупоӣ шаб бихобанд, субҳ баланд шаванд, тасмим бигиранд дурӯғе ҷаъл кунанд ва бигӯянд марде ба номи Наполеон дар Фаронса буд, қиём кард, инчунин лашкаркашӣ кард, куҷоро фатҳ кард, дар куҷо шикаст хӯрд, ба куҷо табъид шуд ва дар чӣ соле мурд.

Дар ҳар чи шумо тардид кунед, дар ин ки вуҷуди Наполеон як вуҷуди истинботӣ ва истидлолӣ барои шумост, шакке нест. Мумкин аст шумо дар ин истидлол хадша кунед, вале дар истинботӣ будан вуҷуди ӯ барои башар шакке нест.

Рассел як дараҷа болотар меравад ва бо диққат мегӯяд — ва ҳарфаш дуруст аст — хуршед барои ту вуҷуди истинботӣ дорад, хаёл мекунӣ вуҷуди он маҳсус аст. Чаро? Зеро ту он суратеро эҳсос мекунӣ, ки дар шабакияи чашми туст. Барои ин ки чунин сурате дар шабакияи чашми ту ташкил шавад, кофӣ аст гулӯлаеро дар фазо қарор диҳанд, ки шабеҳи хуршед нур медиҳад, боз айни ҳамон сурат дар чашми ту пайдо мешавад. Барои ҳисси ту фарқ намекунад, ки хуршед ё чизе шабеҳи он бошад. Ту хуршедро мустақиман эҳсос намекунӣ, ки бигӯӣ агар гулӯла онҷо бошад чизи дигаре мешавад.

Шумо мегӯед падарамро эҳсос мекунам. Рост аст, эҳсос мекунед ва ҳамеша доред ӯро мебинед. Ҳол агар қиёфаи одамеро сад дар сад шабеҳи падари шумо бисозанд, андоми ӯ, ранги ӯ, нигоҳ кардани ӯ ва садои ӯ, ҳеч фарқе бо падаратон надошта бошад, барои эҳсоси шумо ҳам ҳеч фарқе намекунад. Аз ин рӯ Бӯалӣ мегӯяд: “Аз эҳсосҳо бӯи куллият меояд”. Ҳавос дар ин ҳадд аст. Дӯстатро мебинӣ, вале ин масъала, ки ӯ қатъан ҳамон рафиқи туст ва на шабеҳи ӯ, як масъалаи маъқул аст, ки (ғайри ӯ буданро) бо далели ақлӣ рад мекунем,

вагарна бо ҳис намешавад рад кард, ҳис намегӯяд ғайри ӯ нест. Ҳис, суратеро, ки дар зеҳн меояд мунъакис мекунад аммо дар мавриди ин ки оё ин ҳамон рафиқи ман аст, ҳамон падари ман аст ё шабеҳи онро сад дар сад сохтаанд, наметавонад қазоват кунад.

Аз инҷо инсон метавонад бифаҳмад, ки ин инсон, ин мавҷуди шиносо, ин мавҷуди ориф, ин мавҷуде, ки бо ҳайвон фарқ мекунад, ин мавҷуде, ки метавонад ашёро бишносад, илова бар ҳавоссе, ки дорад, зеҳне дорад ва ин зеҳн як силсила амалиёт дорад, ки бо он амалиёт, шинохти инсон тамом мешавад.

Ин (амалиёт ва) истидлолҳо он қадр зариф ва дақиқ ва сареъ сурат мегирад, ки инсон ҳис намекунад. Фарқ аст миёни чизе, ки вуҷуд надошта бошад ва чизе, ки вуҷуд дошта бошад ва инсон вуҷудашро ҳис накунад. Масалан, вақте ман сӯҳбат мекунам оё ирода мекунам, ки ин калимот аз даҳонам берун биёяд ё ирода намекунам? Агар бихоҳам ба забони дигаре монанди арабӣ — ки камтар ба он ошно ҳастам — сӯҳбат кунам, чун ҳанӯз одат накардаам, ҳар калимаашро, ки мехоҳам ҳозир кунам, бояд тааммул кунам (ин калимаро аз инҷо меоварам ва он калимаро аз ҷои дигар, ин эъробро аз як ҷойи зеҳнам меоварам ва он эъробро аз ҷои дигари зеҳнам), дар худ меравам ва вуҷуди иродаи худам ва вуҷуди андешаҳои худамро эҳсос мекунам, мефаҳмам, ки инҳоро бо ирода ва эҳсос ва андеша мегӯям. Вале вақте бо забони модарӣ сӯҳбат мекунам, як соат ҳам тӯл бикашад, аслан фикр намекунам, ки ман бо ирода ин калимотро берун меоварам. Оё ин калимот бидуни ирода берун меояд? На, бо иродаи томму тамом берун меояд, вале он қадр ин иродаҳо сареъ эъмол мешавад ва он қадр ин тасаввурот ва тафаккурот ва тасдиқҳои қаблӣ барои гуфтан, сареъ дар зеҳни ман анҷом мегирад, ки худам хаёл мекунам фикр намекунам ва ҳарф мезанам, ирода намекунам ва ҳарф мезанам, мисли як мошини худкор сӯҳбат мекунам. Албатта ин тавр нест, иштибоҳ аст (баъзе равоншиносҳо чунин гуфтаанд ва иштибоҳ кардаанд). Инсон дар тафаккурот ва шинохтҳои худаш он қадр аносури маъқул дохил мекунад, ки то ҳадди зиёде аносури маҳсус дар миёни аносури маъқул гум ҳастанд. Масоили дигаре ҳаст, ки дар ҷаласоти баъд арз мекунам.

## Механизми таъмими шинохти ҳиссӣ

Дар баҳси “мароҳил шинохт” ба инҷо расидем, ки назарияи такмарҳилаии ҳиссӣ ва ҳамчунин назарияи такмарҳилаии ақлӣ тарафдори чандоне надорад. Дар дунё касоне будаанд, ки шинохтро такмарҳилаӣ ва он марҳиларо эҳсос (ҳис) медонистаанд ва ҳамчунин

касоне будаанд, ки шинохтро такмарҳилаӣ ва он марҳиларо таъаққул мепиндоштаанд. Чун ин назариёт тарафдори чандоне надорад, баҳсе аз онҳо намекунем, ба илова дар зимни баҳсҳои дигар бутлони ин назарияҳо равшан мешавад.

## Табдили шинохти сатҳӣ ба шинохти мантиқӣ

Инсон як робитаи ибтидоӣ ва мустақим бо олами айн дорад, ки ҳамон робитаи эҳсосе (ҳиссӣ) аст. Баъд аз марҳилаи эҳсос, ин худи зеҳн аст, ки дар даруни худаш эҳсосро то марҳилаи таъаққул ва шинохти эҳсосӣ ва сатҳиро то марҳилаи шинохти мантиқӣ ва умқӣ боло мебарад. Инҷост, ки мушкили бузург ба вуҷуд меояд ва он ин ки марҳилаи дуввум чӣ гуна метавонад эътибор дошта бошад? Эътибори марҳилаи аввал лоақал дар ибтидои назар равшан аст. Ман мегӯям, ин салон мустатил (дароз) аст, чаро? Чун мебинам, ки мустатил аст, дигар далел намехоҳад. Ман инчунин эҳсос мекунам, ки ин салон мустатил аст, пас мустатил аст. То дар марҳилаи шинохти сатҳӣ ҳастем, чун шинохти сатҳӣ маълули робитаи мустақими дастгоҳи идрокии ман бо олами айн аст, ҷойи ишкол ва тардид нест. (Зеҳн дар марҳилаи шинохти сатҳӣ) мисли як дастгоҳи дурбини филмбардорӣ аст, ки дар муқобили як саҳна қарор мегирад ва аз он он чунонки ҳаст акс бармедорад.

Ҳама инро қабул доранд, ки марҳилаи баъд яъне марҳилаи тафаккур, марҳилаи шинохти мантиқӣ — ки шинохти мо, ҳам умқӣ аст ва ҳам васеъ ва густурда (ки вазъи густурдагии онро арз мекунам) ва ин дар ҳоле аст, ки ин густурдагиро худи зеҳн анҷом медиҳад — маълули робитаи зеҳн бо хориҷ нест; зеҳн дар даруни худаш як навъ амалиёте анҷом медиҳад, ки шинохти сатҳӣ табдил ба шинохти мантиқӣ мешавад, шинохт аз як дараҷаи поин ба як дараҷаи боло меравад дар ҳоле, ки ҳеч марбут ба робитаи мустақими зеҳн бо айн нест.

Мисли ин аст, ки як дастгоҳи аксбардорӣ аз саҳнае акс бардорад, баъд аккос дар торикхонаи аккосӣ як силсила чизҳоро бар акс бияфзояд. Масалан, агар дар муқобили дурбин даҳ нафар қарор гирифтаанд ва акс бардошта шудааст, аккос дар торикхона ин даҳ нафарро табдил ба ҳазор нафар, даҳ ҳазор нафар ва балки табдил ба номутаноҳӣ кунад.

Зеҳн, ин дастгоҳи хориқулъода ва аҷиб — ки таъбири аксбардорӣ барояш кучак аст — бо дастгоҳҳои филмбардории худаш (яъне бо ҳавос) аз як иддаи маъдуд ва маҳдуд аксбардорӣ мекунад, сипас дар торикхонаи худаш ин филмро, ки марбут ба як саҳнаи кучак аст, ба як саҳнаи бузург ва васеъ ва дар ҳадди номутаноҳӣ табдил мекунад дар ҳоле, ки эътибори он

надидаҳо ва густурдашудаҳо — ки худи зеҳн (қатъи назар аз хориҷ бо амали таъмим ба онҳо даст ёфтааст) аз эътибори он миқдоре, ки ин дастгоҳи филмбардорӣ филм бардоштааст як зарра камтар нест, балки баробар аст.

## Назарияи марксизм ва мунтаҳӣ шудани он ба идеализм

Дар бораи илми "шинохтшиносӣ" хелеҳо навиштаанд, вале бовар кунед, ки бисёре аз инҳо, ки навиштаанд, аслан намедонанд дар бораи чӣ навиштаанд ва муаммо чист. Як идда мегӯянд, зеҳн таъмим медиҳад. Аслан ишкол сари ҳамин таъмим[23] аст. Танҳо ва танҳо маъдуде аз файласуфони ҷаҳон ба ин нуктаи марбут ба шинохтшиносӣ таваҷҷӯҳ кардаанд. Аз қудамои мо назири Бӯалӣ Сино, Хоҷа Насируддини Тӯсӣ ва чанд нафар монанди инҳо ва аз фалосифаи ҷадид афроде назири Кант ва баъзе дигар ба ин нукта таваҷҷӯҳ кардаанд, вагарна аксар асосан намедонанд муаммо дар масъалаи шинохтшиносӣ чист.

Марксистҳо (ба гумони худашон) роҳи ҳалли хубе пайдо кардаанд. Роҳи ҳалли хубашон ин аст, ки мегӯянд, ин шинохти эҳсосии сатҳӣ (худашон ҳам таваҷҷӯҳ доранд, ки шинохти эҳсосӣ, сатҳӣ аст), ки маълули робитаи мустақими зеҳн бо олами айн аст, дар олами зеҳн, дар мағз, аз роҳи қонуни "гузор аз каммият ба кайфият"[24] табдил ба шинохти мантиқӣ мешавад. Ҳамин ҷумларо мегӯянд ва рад мешаванд ба хаёли ин ки дигар муаммо ҳал шуд. Гузор аз марҳилаи каммият ба кайфият чист? Агар як силсила тағйироти тадриҷӣ рӯи мавődди табиӣ сурат гирад, ин шайъ дар ҳоле, ки тағйири тадриҷӣ мекунад, моҳият ва зоташ ҳанӯз маҳфуз аст, вале ин тағйири тадриҷӣ то бениҳоят пеш намеравад, ба як марҳила, ки мерасад, дигар шайъ моҳияти худашро аз даст медиҳад, табдил ба шайъ ва моҳияти дигар

---

[23] *На таъмим дар марҳилаи тасаввур (он чандон ишколе надорад), таъмим дар марҳилаи тасдиқ аст, ки эҷоди ишкол мекунад, яъне ҳукми марбут ба даҳ нафар ё ҳазор нафарро, ки дастгоҳи филмбардории эҳсос онро дидааст, таъмим додан ба ғайримутаноҳӣ.*

[24] *Қонуне аст, ки ибтидоан Гегел ва баъд дигарон хеле рӯи он таъкид карданд. Пас аз он дар улуме назири зистшиносӣ, ин масъала собит шуд. Албатта ин ҳарфе аст, ки қудамо ҳам қабул доштаанд, вале на ба ин наҳв.*

мешавад, мисли амалиёте, ки кимиёгарони қадим рӯи мис анҷом медоданд, ки дар ниҳояти амр мис табдил ба тилло мешуд.[25]

Як мисоли соддаашро зикр кунем, ки худи Гегел мегӯяд: шумо обро ҳарорат медиҳед, дамои он аз сифр дараҷа ба як дараҷа, ду дараҷа, панҷ дараҷа, панҷоҳ дараҷа, навад дараҷа, наваду нӯҳ дараҷа мерасад. Вақте ба сад дараҷа мерасад, об якдафъа табдил ба бухор мешавад, дигар об нест бухор аст; қонунҳое, ки марбут ба мойеъот аст, бар ин мавҷуд ҳоким нест, қонуни газҳо ҳоким аст.

Мукаррар гуфтаем “убур аз каммият ба кайфият”-ро, ки имрӯз матраҳ мекунанд, агар бихоҳем бо забони фалсафии дақиқ баён кунем, бояд бигӯем “убур аз тағйироти кайфӣ ба тағйироти моҳувӣ” яъне аслан моҳияти шайъ тағйир мекунад. Касоне, ки ин ҳарфро мезананд, бо ин ки бо он таъбир мегӯянд, иқрор мекунанд, ки вақте шайъ аз тағйироти каммӣ ба тағйироти кайфӣ по мениҳад, дар воқеъ моҳияташ иваз мешавад. Ин таъбир, ки худи Гегел ҳам гуфтааст, иштибоҳ аст, яъне ин тағйироти каммӣ нест, ки табдил ба тағйироти кайфӣ мешавад. Об агар тадриҷан ҳарораташ боло меравад, тағйири каммӣ пайдо накардааст; тағйири каммии об яъне изофа шудан ё кам шудани ҳаҷми он ва ё масалан изофа шудан ё кам шудани адад он. Ҳарорат боло меравад, тағйири каммӣ бо мизон нишон дода мешавад. Ин (моддаи дарун) мизон аст, ки тағйири каммӣ пайдо мекунад, на об; об тағйири кайфӣ пайдо мекунад. Пас аз он ки об ба бухор табдил шуд, об тағйири кайфӣ пайдо накарда, тағйири моҳиятӣ пайдо кардааст, хавоссаш ба куллӣ иваз шуда ва чизи дигаре гардидааст. Ба ҳар ҳол инро “гузор аз каммият ба кайфият” меноманд.

[Мао](#) — дар рисолаи худаш — ва дигар марксистҳо вақте ба инҷо мерасанд, ки чӣ гуна шинохти эҳсосӣ ва сатҳӣ, ки маълули робитаи мустақими зеҳн бо олами айн аст (чун маълул, робитаи мустақим (бо иллат дорад) агар бигӯем “шинохт” ҳарфи дурусте гуфтаем) табдил ба як шинохти дигар яъне шинохти мантиқӣ мешавад, мегӯянд, ин аз боби убур аз

---

[25] *Мо намедонем он амалиёт чӣ буда, вале медонем чунин чизе вуҷуд доштааст. Марди олиме дар ҳудуди Фаримони мо буд — Худо ӯро биёмурзад! — ки хеле дар ин корҳо ворид буд. Ин шахс миқдоре мисро табдил ба тилло карда буд ва аз марҳуми Оятуллоҳ Ҳоҷӣ Оқо Ҳусайн Қумӣ суол карда буд, ки оё тиллое, ки аз ин роҳ ба даст ояд шаръан ҷоиз аст дар бозор масраф шавад? Эшон гуфта буд, монее надорад. Дар айни ҳол онҳоро аз байн бурд, яъне фақат мехост як озмоиши илмӣ анҷом дода бошад.*

каммият ба кайфият аст. Инҷост, ки бояд ба онҳо гуфт, агар воқеан инҷо табдили каммият ба кайфият шуда бошад, яъне воқеан ин шинохт тағйири моҳият дода бошад, пас ҳеч пайванде миёни шинохти мантиқӣ ва шинохти сатҳӣ ва ҳеч пайванде миёни шинохти мантиқӣ ва олами айн вуҷуд надорад, чаро? Зеро вақте олами айн ба олами зеҳн биёяд — масалан монанди тасовири дастгоҳи филмбардорӣ суратбардорӣ шавад — суратҳо тағйири моҳият медиҳад, вақте тағйири моҳият бидиҳад аслан робитааш бо олами айн қатъ мешавад; ҳам робитаи шинохти мантиқӣ бо шинохти сатҳӣ ва ҳам робитаи шинохти мантиқӣ бо олами айнӣ қатъ мешавад, яъне ба идеализми[26] мутлақ — он идеализми манфури касиф — мунтаҳӣ мешавад; чун мегӯяд, он чизе, ки ман аввал эҳсос кардам масалан об буд, баъд бухор шуд. Дуруст мисли ин аст, ки ман обро бибинам, вале дар марҳилаи шинохти мантиқӣ барои ман бухор бошад, на об. Он ки дар олами айн аст об аст, дар шинохти мантиқии ман об табдил ба амри дигаре шудааст, табдил ба моҳияти дигаре шудааст, моҳияти шинохт иваз шудааст. Вақте моҳияти шинохт иваз шавад, дигар шинохт, шинохт нест.

Инҳо асосан масоили шинохтро намедонанд. Файласуфони бузург — ҳатто дар худи Урупо — мисли Кант ва Гегел масоил ва муаммоҳои шинохтро дарк мекарданд ва чун дарк мекарданд, дар мақоми пайдо кардани роҳи ҳал буданд, гӯ ин ки натавонистанд роҳи ҳалли дуруст пайдо кунанд. Вале ин оқоён намедонанд муаммо чист (ва мегӯянд) Кант идеалист аст, Гегел идеалист аст. Аслан дар масоили шинохт, идеалисте дар дунё вуҷуд надорад. Кант бечора агар гуфтааст замону макон айнӣ нест, дучори садҳо ишкол дар масъалаи шинохт будааст, охир ба ин роҳи ҳал расида ва роҳи ҳаллаш ҳам дуруст нест.

Фарқ аст миёни иштибоҳ кардани як файласуф ва ҳатто иштибоҳ накардани як оммӣ; яъне иштибоҳ кардани як файласуф бар иштибоҳ накардани як оммӣ тарҷеҳ дорад, то чӣ расад бар иштибоҳ кардани як оммӣ, чаро? Зеро як файласуф дар талош аст, ки худро ба қуллае бирасонад, аз як роҳи пур печу хами кӯҳистонӣ — ки роҳи ҳамворе нест — мехоҳад ба танҳоӣ боло биравад (дар ҳоле, ки гоҳе ҷиҳатҳо барояш номушаххас мешавад), балки худашро ба қулла бирасонад. Одами қаҳрамон аз ин печ ба он печ ва аз ин дара ба он дара меравад ва бар сари сад дуроҳӣ қарор мегирад, ба хубӣ мефаҳмад, ки аз кадом тараф бояд биравад, вале ба саду якум, ки мерасад роҳро гум мекунад; якдафъа ба як лағзишгоҳи бузург

---

[26] *Idealism (идеализм) яъне ин ки инсон дар олами дарунаш як силсила андешаҳо ва афкор дошта бошад, ки ҳеч пайванде бо олами берун надорад.*

мерасад, зери пояшро нигоҳ мекунад, мебинад ҳазор метр то дарра фосила аст, пояшро ба замин мегузорад, ҳамон ҷо муаллақ мешавад ва сукут мекунад. Ин фард иштибоҳ кард ва ба мақсад нарасид.

Аммо он оқои зидди қаҳрамон он касе, ки вақте чашмаш ба кӯҳ меафтад, фикри рафтанашро ҳам намекунад, дар доманаи кӯҳ меистад ва фақат тамошо мекунад, ӯ солим мондааст. Ҳол оё ин, ки солим монда бартарӣ дорад бар он ки иштибоҳ кард ва афтод? На, ӯ ба ин далел солим монда, ки пояшро онҷо нагузоштааст; яке аз он даҳҳо нуктаеро, ки ӯ кашф карда ин кашф накардааст. Он бечора сад ҷодаи маҷҳулро кашф кард, як ҷо ҳам иштибоҳ карда ва ба хотири иштибоҳе, ки карда сукут карда ва мурдааст. Иштибоҳ кардани ӯ, сукут ва марги ӯ, бар намурдани ин фазилат дорад, чун ин фард қадаме барнадоштааст. Аз ин рӯ иштибоҳи амсоли Кант ва Гегел ҳам арзиш дорад, чаро, ки инҳо печу хамҳоро то миқдори зиёде рафтаанд, вале ин оқоён аслан нарафтаанд ва намедонанд печу хами роҳ чист ва куҷост, (мегӯянд) табдили каммият ба кайфият шуд (ва хаёл мекунанд) қазияро ҳал кардаанд.

Файласуфон дар ин муаммо гир кардаанд, ки робитаи шинохти мантиқӣ бо шинохти сатҳӣ ва эҳсосӣ ва ба иборати дигар, робитаи ақл ва ҳис чӣ гуна робитае аст, ки шинохт таъолӣ пайдо мекунад дар ҳоле, ки тағйири моҳият намедиҳад ва моҳият, густариш низ пайдо кардааст. Инҷост, ки файласуфи бузурги илоҳии дунёи ислом Садрулмутааллиҳин — ризвонуллоҳи алайҳ! — назарияашро ироа додааст, ки исми он “назарияи таъолӣ” аст. Ҳатто дар миёни мусалмонон камтар ба ин назария таваҷҷӯҳ шудааст, чун ӯ ин матлабро дар лобалои ҳарфҳояш баён кардааст, ки чӣ гуна мешавад зеҳн аз марҳилаи эҳсос по ба марҳилаи болотар мегузорад. бидуни он ки тағйири моҳият дода бошад ва ба қавли инҳо табдил каммият ба кайфият шуда бошад.

Ин мушкил бар асоси масъалаи маротиби нафс ва татовуқи маротиби нафс — ки худаш масъалаи доманадоре аст — ҳал шудааст. Мушкилоти шинохт бидуни (истифода аз) таҷарруди нафс маҳол аст, ки ҳал шавад. Ҳол бояд як миқдор дар атрофи ин масъала тавзеҳ бидиҳам.

## Назари Рассел

Арз кардем, ки шинохти мантиқӣ нисбат ба шинохти ҳиссӣ дуруст монанди амали аккос аст, ки як саҳнаи кучакро, ки тавониста акс бигирад, дар ҳадди бениҳоят тавсиа ва густариш медиҳад (албатта ин яке аз корҳои зеҳн аст).

Дар миёни файласуфони ҷадид, Рассел мутаваҷҷеҳи ин ишкол аст, мегӯяд: ман роҳи ҳалле надорам. Рост мегӯяд, натавониста роҳи ҳалле пайдо кунад, аммо лоақал ин миқдор нубуғ доштааст, ки бифаҳмад чунин ишколи бузурге вуҷуд дорад. Ӯ таҳти унвони "*Мушкилоти равишҳои илми ҷадид*" аввалан миёни истиқро ва таҷриба иштибоҳ мекунад, баъд мегӯяд, ин мушкилро чӣ гуна метавонем ҳал кунем, ки истиқро ба як силсила мавориди ҷузъӣ тааллуқ мегирад, даҳ маврид, бист маврид, ҳазор маврид, даҳ ҳазор мавридро истиқро мекунем, вале баъд он ҳукмеро, ки истиқро кардаем, ба мавориде, ки истиқро накардаем таъмим медиҳем. Ин таъмим бо чӣ милоке аст?

Масалеро, ки арз кардам, ӯ наёвардааст, вале масали бисёр хубе барои тавзеҳи матлаб аст. Бо ин дастгоҳи филмбардорӣ — яъне дастгоҳи мушоҳида ва эҳсос — мавориди мухталифро филмбардорӣ мекунем, масалан ҳазор мавридро аксбардорӣ мекунем ва канори ҳам мечинем, вале илм бо ҳазор маврид ё даҳ ҳазор маврид дуруст намешавад, илм (барои мавориди) номутаноҳӣ аст. Агар илм мегӯяд, оҳан дар ҳарорат инбисот пайдо мекунад, ибтидо як мавридро истиқро кардааст, пас аз он ду маврид, даҳ маврид, ҳазор мавридро таҷриба кардааст, вале баъд якмартиба қонуни омм месозад, яъне маворидеро, ки мушоҳида карда таъмим медиҳад, мегӯяд: ҳар чи дар дунё аз ҷинси оҳан аст — ва ҳар чи аз ҷинси оҳан дар гузашта вуҷуд доштааст ва ҳар чи оҳан дар оянда вуҷуд дошта бошад, модом, ки формулаи оҳан ҳамин формула бошад ва ҳарорате, ки мегӯем ҳамин ҳарорат бошад — дар ҳарорат инбисот пайдо мекунад.

## Назари Бӯалӣ ва Хоҷа Насир

Бӯалӣ ва Хоҷа Насируддини Тӯсӣ вақте ба ин мушкил расидаанд, онро ин тавр ҳал кардаанд: дар ҳар таҷрибае[27] як қиёси махфӣ — яъне як таъаққул ва истинботи мустақим, ки ҳеҷ пояе аз эҳсос ва таҷриба надорад — вуҷуд дорад ва он ин аст: як асли аввалии бадеҳии ҷовидонӣ дар ақли ҳар инсоне билфитра вуҷуд дорад (билфитра маънояш ин нест, ки аз ҳангоми таваллуд вуҷуд доштааст, балки ба ин маъност, ки дар ҷараёне, ки зеҳн аз роҳи ҳавосс нерӯ мегирад, он асл дар даруни инсон рушд пайдо мекунад (2)). Ин асли бадеҳӣ, ки ҳамаи афроди башар қабул дошта ва доранд ин аст:

---

[27] *Инҳо истиқро намегӯянд, чун фарқ миёни таҷриба ва истиқроро — ки Рассел ва амсоли ӯ натавонистаанд дарёбанд — дарёфтаанд.*

Яъне агар умури мушобеҳе дошта бошем, ки ҳеч тафовуте бо ҳам надошта бошанд: моҳияташон яке бошад, (камолоти) сонавиашон ва шароите, ки дар он ҳастанд, яке бошад, ҳеч тафовуте бо якдигар аз ҳеч лиҳоз надошта бошанд, фақат ду фарди як зот бошанд, агар яке аз ин зотҳо хоссияте дошта бошад, маҳол аст, ки зоти дигар он хоссиятро надошта бошад, вагарна ҳамон "тараҷҷуҳи биломураҷҷеҳ" аст, ки маҳол аст.

Масалан, агар мо баъд аз ин, ки шароитро тахлия кардем, ба инҷо расидем, ки инбисот пайдо кардани ин оҳан дар ҳарорат ба зоти он марбут аст, чун оҳан ин хоссиятро дорад ва ба шароите, ки ин оҳан билфеъл дар он мавҷуд аст, бастагӣ надорад, дар ин сурат намешавад ин фардаш ин хоссиятро дошта бошад ва фарди дигар надошта бошад. Агар ин тавр бошад, маънояш тараҷҷуҳи биломураҷҷеҳ аст ва тараҷҷуҳи биломураҷҷеҳ, асли аввалии бадеҳии ақлӣ аст, ки маҳол аст.

Ин ки мо дар боби таҷрибиёт, аз шинохти сатҳӣ ба шинохти мантиқӣ мерасем, аз ин ҷо ношӣ мешавад, ки мо дар шинохти сатҳӣ он қадр шароитро тағйир медиҳем — масалан он ҷо, ки доруеро барои бемории сил, ё инбисотро барои оҳан таҷриба мекунем — то ба ин ҷо мерасем, ки ғайр аз ин ду омил: омили ҳарорат ва омили оҳан, омили дигаре нақш надорад. Вақте ин дору аз он ҷиҳат, ки ин доруст на чизи дигар, рӯи бемории сил аз он ҷиҳат, ки бемории сил аст муассир воқеъ мешавад, дигар маҳол аст, ки ин дору дар фарди дигар ин асарро надошта бошад.

## Назари Фелисен Шалли

Фелисен Шалли (*Felicien Challaye*), ки аз касоне аст, ки мутаваҷҷеҳи ишкол шуда, вале дар ишкол дармондааст, ин матлабро бо чунин таъбире баён мекунад: "*Ақли инсон ҳукм мекунад, ки табиат ҷараёни муттаҳидушшаклеро тай мекунад.*"[28] Ин асле аст, ки шумо

---

[28] *Гоҳе дар ин замина суол мешавад, ки вақте инсон аз модар мутаваллид мешавад, ҳеч чиз намедонад, пас он чизҳое, ки мегӯянд билфитра медонад чист? Посухи ин суолро мукаррар гуфта ва навиштаем: билфитрае, ки мусалмонон мегӯянд, бо билфитрае, ки урупоиҳо мегӯянд фарқ мекунад. Агар Декарт мегӯяд "билфитра", яъне вақте инсон мутаваллид мешавад, бо ин усули илмӣ мутаваллид мешавад. Аммо билфитрае, ки мусалмонон мегӯянд,*

ҳам, ки инҷо нишастаед қабул доред, худи марксистҳо ҳам қабул доранд. Масалан, агар ба як марксист бигӯем, ки Шӯравӣ дар фалон шароит қарор гирифт ва низомаш аз низоми сармоядорӣ (ки тоза сармоядорӣ ҳам набуд) ба низоми сотсиалистӣ табдил шуд, як кишвари дигаре ҳам дар дунё вуҷуд дорад, ки шароиташ комилан мушобеҳи шароити Шӯравӣ аст; шароити иқтисодӣ, ҷуғрофиёӣ, инсонӣ ва фарҳангии он мӯ ба мӯ монанди Шӯравӣ аст ва ба андозаи як сари сӯзан ҳам фарқ намекунад, ҳол аз назари шумо ин кишвар табдил ба кишвари сотсиалистӣ хоҳад шуд? Мегӯяд: қатъан; маҳол аст, ки табиат дар вазъҳои сад дар сад мушобеҳ, ҷараёни муттаҳидушшаклеро тай накунад. Агар ин тавр набошад, асосан қонуни илмӣ дар дунё маъно надорад. Маънои қонунҳои илмӣ ин аст, ки табиат ҷараёни муттаҳидушшаклеро тай мекунад. Дар қонунҳои иҷтимоӣ ҳам ҳамин тавр аст.

Фелисен Шалли мегӯяд, мо даҳ маврид, бист маврид, ҳазор мавридро таҷриба мекунем, мебинем, ки дар ин маворид (фалон падида) ба ин сурат аст, баъд ба иттикои ин асл, ки "табиат ҷараёни муттаҳидушшаклеро тай мекунад" онро таъмим медиҳем. Меравем, суроғи худи ин қонун, ки як қонуни куллӣ аст; ин қонуни куллӣ аз куҷо ба даст омада? Худаш мутаваҷҷеҳи ин нукта ҳаст: агар бигӯем худи ин қонун ҳам як қонуни таҷрибӣ аст, пас таъмим додани он бо кӯмаки чӣ қонуне будааст? Оё худашро ба кӯмаки худаш таъмим додаем? Мегӯяд, чунин чизе, ки давр ва маҳол аст, пас ин муаммои илм ҳал намешавад.

Хайр, ин муаммои илм ҳал шудааст. Мо мегӯем, дар хилол ва лобалои ҳар шиносоӣ (ҳамин, ки ҳама қабул доранд), як шиносоии таъаққулии қиёсии истидлолии маҳз вуҷуд дорад, ки он, такягоҳи шиносоии таҷрибӣ аст. Бинобар ин, ақл бар таҷриба тақаддум пайдо мекунад, яъне агар шиносоии ақлии бурҳонӣ, ки муттакӣ бар бадеҳиёти аввалия аст набуд, шиносоии таҷрибии мантиқӣ маҳол буд вуҷуд пайдо кунад.

---

*ба ин маънӣ аст, ки инсон вақте мутаваллид мешавад, ҳеч чизро намедонад, вале шинохтҳои ҳиссӣ ба манзилаи тағзияи руҳ аст, мисли як дарахт, ки тағзия мекунад ва пас аз муддате дар асари тағзия мевае аз он ба амал меояд. Як вақт шумо мегӯед, ин дарахт аз ибтидо, ки аз замин сар зад, ин меваро дошт; ва як вақт мегӯед, на, аз аввал ин меваро надошт, тадриҷан тағзия кард ва пас аз муддате, аз ин тағзия мевае пайдо кард. Аз назари инҳо, шинохтҳои ҳиссӣ барои руҳ ва ақл ба манзилаи тағзия аст, ки ба инсон истеъдод ва омодагӣ медиҳад, ки дар хилоли зиндагӣ, он усули аввалии бадеҳии ақлии фитрӣ дар руҳи ӯ ҷавона бизанад.*

Инҷост, ки мо дар масъалаи шиносоӣ ба як нуктаи бисёр пурарзише мерасем, ки иддаи каме аз файласуфони дунё ба он таваҷҷӯҳ кардаанд ва он роҳи ҳалли ин масъала аст, ки чӣ гуна шиносоии эҳсосӣ (ҳиссӣ) ва сатҳӣ ба шиносоии мантиқӣ табдил мешавад? Яке мегӯяд, гузор аз каммият ба кайфият аст, ки маънояш ҳечу пуч (ва идеализми мутлақ) аст. Дигаре мегӯяд, ба иттикои ин қонун аст, ки "табиат ҷараёни муттаҳидушшаклеро тай мекунад" баъд худаш аз худаш суол мекунад, ки худи ин қонун аз куҷо таъмим пайдо кардааст? Ба кӯмаки худаш? Ин ки давр аст. Пас ин муаммо лоянҳал боқӣ мемонад.

Аз ин оқои Фелисен Шалли як суоли дигар бояд кард: шумо мегӯед худи ин қонун ба иттикои худаш наметавонад таъмим пайдо кунад. Чаро наметавонад? Мегӯед давр аст. Оқои Фелисен Шалли! Чаро давр ишкол дошта бошад? Магар "давр маҳол аст" худаш як қонуни таҷрибӣ аст? Оё мо таҷриба кардем ва дидем давр маҳол аст? Аслан маҳол қобили таҷриба аст? Маҳол яъне он ки вуҷуд надорад ва маҳол аст, ки вуҷуд пайдо кунад ва имкони вуҷудаш ҳам нест. Шаъйе таҷриба мешавад, ки вуҷуд дошта бошад. Ин ки ту худат дар ин муаммо гир кардаӣ, ба иттикои як қонуни ақлии маҳз аст ва он ин ки "давр маҳол аст". Наметавонӣ бигӯӣ давр маҳол нест, пас "давр маҳол аст"-ро аз куҷо овардаӣ?

Инҳо лағзишгоҳҳои ин донишмандон аст. Аз ин қуллаҳо миқдори зиёде боло рафтаанд, ба хеле чизҳо расидаанд (мо аз ин ҷиҳат барои ҳарфҳояшон эҳтиром қоил ҳастем, ки масалан Фелисен Шалли лоақал то инҷо расидааст) вале ба инҷо, ки расидаанд, аз қулла парт шудаанд. Сухани ин фард дар муқобили касоне, ки аслан мутаваҷҷеҳи ин масоил ва ишколот нестанд, бисёр арзиш дорад. Як идда ҳамин тавр мегӯянд, ки зеҳн таъмим медиҳад ва дигар мушкил ҳал шудааст; як оқои аккос меояд аз даҳ нафар акс бармедорад ва баъд ҳам акси ҳамаи мардумро дар торикхонаи худаш бармедорад ва ҳама ҳам мутобиқи воқеъ аст! Магар чунин чизе мешавад?!

Тоза ин як амали шигифтангез ва эъҷобовар ва дақиқи зеҳн аст, ки зеҳн метавонад шинохтро тавсиа ва густариш диҳад ва мунбасит кунад. Аз ин ҳайратангезтар ва эъҷобовартар ин аст, ки зеҳн на танҳо дар абъоди тӯлу арз шинохтро густариш медиҳад, балки қудрат дорад дар як буъди дигар низ шинохтро тавсиа диҳад, ки мо онро "шинохти умқӣ" истилоҳ мекунем; ҳамон, ки исмашро "шинохти истинботӣ" гузоштем. Масъалаи Худошиносӣ дар ин буъд аз шинохт тавҷеҳ мешавад, ки иншоаллоҳ ин матлабро ҷаласаи баъд ба арзи шумо мерасонам.

## Шинохти оятӣ

Масъалаи табдили шинохти ҳиссӣ ба шинохти таъаққулӣ маҳдуд ба он чи ки дар ҷаласаи гузашта арз кардам нест; куллият, таъмим ва густариш додан, як буъд аз абъоди шинохти таъаққулӣ аст. Буъди дигар, ки ин буъд аз як назар муҳимтар аст ин аст, ки дастгоҳи шинохти инсон, на танҳо шинохтҳоро таъмим ва густариш медиҳад, балки онҳоро таъмиқ мекунад. Он марҳилае, ки ҷаласаи қабл арз кардем ин буд, ки зеҳни инсон шинохти сатҳиро, ки маҳдуд аст густариш медиҳад ва бар тӯлу арзи он меафзояд ва онро ба таври уфуқӣ тавсиа медиҳад, сад маврид озмоишро ба бениҳоят табдил мекунад. Инҷо кори зеҳн фақат тавсиа додан ва вусъат бахшидан ба доираи шинохт аст.

Кори муҳимтаре, ки зеҳн анҷом медиҳад ин аст, ки дар аъмоқи шинохти ҳиссӣ нуфуз мекунад ва дар моварои шинохти ҳиссӣ ба шинохти дигаре ноил мешавад. Дар мақоми ташбеҳ мисли *ашиъаи икс* (радиатсияи рентгенӣ) аст. Дастгоҳҳои маъмулии аксбардорӣ агар дар муқобилашон деворе бошад, фақат то девор акс бармедоранд, вале ашиъаи икс моварои он ҳиҷобҳоро ҳам мебинад. Албатта ин ташбеҳ аз як назар ташбеҳи заифе аст, ки тавзеҳ хоҳам дод.

## Ташбеҳи зеҳн ба ойина

Инҷо матлаберо — агарчӣ як ташбеҳ[29] аст — арз мекунам: яке аз ташбеҳҳои қадимии маъмул ин аст, ки зеҳни инсонро ташбеҳ ба ойина кардаанд. Медонед, қадимиҳо чунин меандешиданд, ки ойина хоссияташ ин аст, ки суратҳоро дар худаш мунтабеъ мекунад, яъне вақте мо дар муқобили ойина меистем, сурати мо даруни ойина меафтад, вале имрӯз собит шуда, ки сурате дохили ойина намеафтад, хоссияти ойина фақат мунъакис кардани нур аст; шуоъи нуре, ки аз бадани мо мунъакис мешавад, ба ойина метобад ва аз ойина бармегардад. Бинобар ин, тасвире, ки мо аз худамон дар ойина мебинем, (ба ин сурат ҳосил мешавад, ки нур) аз худамон дар ойина метобад ва аз ойина мунъакис мешавад ва мо худамонро мебинем, вале хаёл мекунем худамон дохили ойина афтодаем. Пас, ин ташбеҳ бар асоси ин фарз аст, ки суратҳо дар ойина меафтад.

---

[29] *Гоҳе ташбеҳҳо ва тамсилҳо ҳақоиқи бисёр бузургеро баён мекунанд, ки агар ин ташбеҳҳо ва тамсилҳо набошад, намешавад он ҳақоиқро ба хубӣ баён кард.*

Мир Сайид Шарифи Ҷурҷонӣ китобе дорад ба номи “*Кубро*”, ки аз муқаддамотитарин китобҳои мантиқ аст ва бо ин ҷумла шурӯъ мешавад: “*Бидон, ки одамиро қуввае аст даррока, ки мунаққаш гардад дар вай сувари ашё чунонки дар ойина*”. Мегӯяд: зеҳн ба манзилаи як ойина аст ва сурати ашё дар қувваҳои идрокии мо мунъакис мешавад.

То инҷо як ташбеҳ бештар нест, вале ваҷҳи шабаҳои хоссе ҳам миёни ойина ва зеҳни инсон вуҷуд дорад:

Ойина ҳар чи софтар ва берангтар бошад, воқеънамотар аст. Агар ойина ранг дошта бошад, суратҳоро ба ранги худ нишон медиҳад. Масалан, агар шишае, ки нурро мунъакис мекунад ба ранг сабз бошад, суратро ҳам ба ранги сабз нишон медиҳад, вале агар ойина беранг бошад, суратро ба ранги худаш нишон медиҳад. Зеҳни инсон ҳам ҳамин тавр аст. Агар зеҳни инсон беранг бошад, ҳақоиқро ончунон, ки ҳаст ба инсон ироа медиҳад, вақте инсон ашёро мутолеа мекунад, ончунон мебинад, ки он ашё ҳастанд; вале агар зеҳни инсон ранг дошта бошад, ашёро ба ҳамон ранг мебинад. Шоири араб мегӯяд:

إنارة العقل مكسوف بطوع هوى

Мавлавӣ мегӯяд:

*Чун ғараз омад, ҳунар пӯшида шуд,*
*Сад ҳиҷоб аз дил ба сӯи дида шуд.*

## Таассуб, садди роҳи шинохт

Дастгоҳи андешаи инсон тавре офарида шудааст, ки агар руҳи инсон аз назари отифӣ ранги бахусусе дошта бошад, наметавонад ҳақоиқро ончунон, ки ҳаст бибинад, балки мутобиқи он ранг мебинад. Чӣ зебо мефармояд Алӣ:

من عشق شيئا أعشى بصره وأمرض قلبه

Яке аз он чизҳое, ки ба руҳи инсон ранг медиҳад ва вақте ранг дод, инсон дуруст наметавонад бибинад, ишқу алоқа аст. Одамӣ ба ҳар чизе, ки ишқ биварзад, нисбат ба он таассуб пайдо мекунад. Агар ишқу таассуб пайдо шуд, инсон наметавонад шайъро ончунон, ки ҳаст бибинад.

Нуқтаи муқобил, буғз, душманӣ, кина ва нафрат аст. Агар инсон нисбат ба чизе кина ва нафрат дошта бошад, ҳамон кина ва нафрат ранге барои руҳи инсон мешавад ва инсон

наметавонад шайъро ончунон, ки ҳаст бибинад. Ошиқ маҳбуби зишт худашро зебо мебинад чунонки дар достони маъруф, Маҷнуни Омирӣ мегӯяд:

*Агар дар косаи чашмам нишинӣ,*

*Ба ҷуз аз хубии Лайлӣ набинӣ.*

Ҳар ду монеъ ҳастанд. Ишқ маъшуқро зебо мекунад, яъне ба чашми ошиқ зебо ҷилва медиҳад ба тавре, ки ӯ ҳатто зиштро зебо мебинад. Кина ва нафрат ҳам ҳамин тавр аст, зеборо нозебо ҷилва медиҳад. Ва ин аз масоиле аст, ки Қуръони Карим зиёд рӯи он такя кардааст.

Ҷузъи усули маорифи Қуръон роҷеъ ба шинохт, масъалаи кӯшиш кардан барои бетараф мондан ва хуб қазоват кардан аст:

أَفَمَنْ زُيِّنَ لَهُ سُوءُ عَمَلِهِ فَرَآهُ حَسَنًا

(*Сураи Фотир, ояти 8*), ки дар мавриди касе аст, ки амали бадаш дар назари худаш хуб ҷилва мекунад. Дар ояти дигаре мефармояд:

قُلْ هَلْ نُنَبِّئُكُمْ بِالْأَخْسَرِينَ أَعْمَالًا. الَّذِينَ ضَلَّ سَعْيُهُمْ فِي الْحَيَاةِ الدُّنْيَا وَهُمْ يَحْسَبُونَ أَنَّهُمْ يُحْسِنُونَ صُنْعًا

(*Сураи Каҳф, оятҳои 103-104*) Бигӯ: оё ман ба шумо хабар диҳам, ки бадтарин ва зиёнкортарини мардум чӣ касоне ҳастанд? Онҳое, ки тамоми саъяшон дар зиндагии дунёст ва фикр мекунанд кори хуб мекунанд, дар ҳоле, ки тамоми талошҳошон беҳуда ва бенатиҷа аст.

يَحْسَبُونَ أَنَّهُمْ يُحْسِنُونَ صُنْعًا

Худашон хаёл мекунанд, ки доранд хуб амал мекунанд, дар сурате, ки дар воқеъ бад амал мекунанд. Дар ин замина Қуръони Маҷид ояҳои зиёде дорад.

Достоне дорам аз ҳаммубоҳисаи бисёр-бисёр гиромӣ ва азизам Оятуллоҳ Мунтазирӣ, ки ҳудуди 12 сол бо эшон ҳаммубоҳиса будам. Дар айёми талабагӣ, гоҳе ба Исфаҳон ва аз Исфаҳон ба Наҷафобод мерафтем. Ҳардумон талаба будем ва наздик буд, ки сутуҳ (дарсҳои қабл аз дарси хориҷ)-ро ба итмом бирасонем. Марде буд, ки дар Донишкадаи ҳуқуқ дарс хонда буд ва одами аҷибу ғарибе буд, худаш ҳам мегуфт, ман дину мазҳаби ҳисобӣ надорам.

Як вақт ин шахс ба ҳаммубоҳисаи азизи мо гуфта буд: фалонӣ! Пайғамбар хеле калимоти бузурге дорад. Ман ахиран дорам мутолеа мекунам, ҳайрат кардаам, аҷиб суханони паёмбар бузург аст. Эшон ба ӯ гуфта буд, албатта, ки бузург аст; ва он шахс гуфта буд: вале шумо ҳақ надорӣ ин суханро бигӯӣ. Чаро ҳақ надорам? Барои ин ки ту қаблан ба пайғамбар алоқа доштаӣ, вале ман, ки ба пайғамбар алоқа надорам ва бетараф ҳастам, аз ту беҳтар мефаҳмам. Ман ба асли матлаб коре надорам, вале ин ҳарф, ҳарфи дурусте аст. Агар инсон таассуб надошта бошад (беҳтар метавонад қазоват кунад.) Таассуб, яктарафа нест, таассуби мусбат ва манфӣ ҳар ду таассуб аст. Баъзе хаёл мекунанд таассуби динӣ аст (ки бад аст,) намедонанд, ки таассуби лодинӣ аз таассуби динӣ бадтар аст. Мо мутаассибҳои дар ломазҳабӣ дорем, ки ҳеч мутаассиби мазҳабӣ ба пойи инҳо намерасад. Ман воқеан ҳайрат мекунам вақте, ки мешунавам баъзе аз ҷавонон масири инҳирофиро паймудаанд ва замоне, ки ба онҳо пайғом медиҳам, ки оқоён биёед бо якдигар биншинем сӯҳбат кунем, шояд шумо чизе фаҳмидаед, ки мо намедонем, биёед моро роҳнамоӣ кунед, масоилро бо якдигар дар миён бигузорем, то бибинем қазия чист, намеоянд, ҳар коре мекунем намеоянд, мегӯянд, мо тоза роҳамонро интихоб кардаем ва намеойем. Як нафарашон гуфта буд, ман намеойям чун ахиран назария ва фикреро интихоб кардаам ва фалонӣ — ба таъбири ӯ — андеша ва мантиқаш қавӣ аст, метарсам маро мутазалзил ва беақида кунад. Оқо! Ту алъон дар ломазҳабӣ таассуб дорӣ. Таассубе, ки манфур аст танҳо таассуби мазҳабӣ нест, гоҳе таассуби ломазҳабӣ аз таассуби мазҳабӣ бадтар аст. Мо акнун дучори гурӯҳҳое ҳастем, ки дар ломазҳабии шадидан мутаассибанд. Ин салон ва ин “қонуни тавҳид”, биёед, мо омода ҳастем; масоили худатонро аз трибуна озод тарҳ кунед; мантиқ аст, на ҷангу даъвое аст ва на кутаку фуҳше; пас, чаро фирор мекунанд?!

Чаро дар китобҳояшон ҳатто ҷуръат намекунанд назариёти илоҳиюнроончунон, ки ҳаст матраҳ кунанд ва назариёти илоҳиюнро масх мекунанд?! Сталин дар китоби “*Материализми диалектик*” мегӯяд: “*Диалектик бар хилофи метафизик мегӯяд, дунё ҳаракат дорад ва метафизик мегӯяд, дунё аз ҷои худаш такон намехӯрад. Диалектик бар хилофи метафизик мегӯяд ашё бо якдигар муртабитанд, муҷаззо, мунфарид ва беиртибот бо якдигар нестанд*” дар ҳоле, ки назарияи ҳаракат ва назарияи иртиботро — ки шумо исмашро “асли вобастагӣ” гузоштаед — барои аввалин бор илоҳиюн гуфтанд ва ин илоҳиюн ҳастанд, ки пеш аз ҳама ҷаҳонро ба манзилаи як инсон донистанд ва робитаи аҷзои ҷаҳон бо якдигарро назири робитаи аъзои як пайкар яъне робитаи органик шинохтанд.

Афроде қабл аз Бӯалӣ Сино ва ҳамчунин худи ӯ ва ё масалан Ҳоҷӣ Мулло Ҳодӣ Сабзаворӣ ин матлабро гуфтаанд. Ҳол, чаро ҷуръат намекунанд ҳарфҳои илоҳиюнро ончунон, ки ҳаст матраҳ кунанд? Чун медонанд агар он чиро, ки ҳаст матраҳ кунанд ҷавоб надоранд. (Мегӯянд) онҳо идеалист ҳастанд ва мо материалист.

Охир идеалист яъне чӣ? Чӣ касе гуфта, ки илоҳиюн идеалистанд?! Онҳо додашон ҳамеша баланд аст, ки мо вуҷудӣ ва реалист ҳастем. (Вале моддиюн ҳамвора мегӯянд) идеализм (ки манзурашон илоҳиюн аст) инчунин гуфта ва материализм ончунон.

Ғараз ин ҷиҳат аст, ки яке аз ваҷҳи шабаҳҳо миёни ойина ва зеҳни инсон, ки ваҷҳи шабаҳи хубе аст ва Қуръон рӯи ин матлаб такяи фаровон дорад, ин аст, ки барои шинохт, беранг будани фикр ва руҳ зарурат дорад, яъне ҳеч гуна ғараз ва мараз ва таассуби мусбат ё манфӣ дар кор набошад, чунонки ойина бояд беранг бошад, то суратҳоро (ба хубӣ) мунъакис кунад. Ойина ба ҳар нисбат, ки хароб бошад, дар вазъи сурат тағйир медиҳад.

Ин як ташбеҳи миёни ойина ва зеҳн аст, вале агар аз як ҷиҳат бо ҳам шабеҳ бошанд, дар ҷиҳоти мухталиф бо якдигар фарқ доранд, ки мо барои масъалаи “шинохт” аз он истифода мекунем.

## Тафовутҳои ойина ва зеҳн:

## 1) Инъикоси маъонӣ;

## 2) Хатоёбӣ:

Яке аз тафовутҳо ин аст, ки ойина фақат суратҳоро мунъакис мекунад, маъноҳоро мунъакис намекунад. Агар инсон дар муқобили ойина биистад, шаклу рангу ҳаҷмаш пайдост, аммо оё илмаш ҳам пайдост? Ишқаш ҳам пайдост? Муҳаббаташ ҳам пайдост? Эҳсосоташро ҳам ойина мунъакис мекунад? На. Ойина ба ин чизҳо кор надорад. Вале зеҳни инсон илму ишқу эҳсосоту кинаи тарафро дарк мекунад, (яъне) маониро ҳам мунъакис мекунад.

Тафовути дуввум, ки нисбат ба аввалӣ муҳимтар аст ин аст, ки ойина гоҳе иштибоҳ нишон медиҳад. Масалан, як ойинаи муқаъар (дорои умқ) шайъи муқобилашро бузургтар аз он чи ҳаст нишон медиҳад, ё ойинаи муҳаддаб (баромада) тасвири шуоъро кучактар аз он чи ҳаст нишон медиҳад ва ё ойинаи устувонаӣ абъодро ба шакли дигаре нишон медиҳад, масалан бинӣ ва дандонҳоро дарозтар ва арзт суратро камтар нишон медиҳад.

Зеҳни инсон ҳам гоҳе хато мекунад, аммо зеҳн метавонад ба хатои худаш пай бибарад ва бифаҳмад, ки иштибоҳ кардааст, вале ойина хатоёб ва хатосанҷ нест. Ойина хато мекунад бидуни он ки битавонад хатои худро биёбад. Ва болотар, зеҳни инсон на танҳо хатои худашро кашф мекунад, балки хатои худро ислоҳ низ мекунад. Кашф кардан ғайр аз ислоҳ кардан аст. Зеҳн, ҳам мефаҳмад, ки инҷо иштибоҳ кардааст ва ҳам мефаҳмад, ки роҳи ислоҳи ин иштибоҳ чист. Зеҳн вақте чӯберо, ки дар об фурӯ рафта шикаста мебинад, медонад, ки ғалат мебинад, баъд иллати инро, ки чаро ғалат мебинад кашф мекунад ва роҳи ислоҳи ин ғалатро ҳам нишон медиҳад, ки масъалаи “мантиқ” аст.

Инсон хато мекунад ва ба хатои худаш пай мебарад. Дар мантиқ, меъёрҳое вуҷуд дорад, ки инсон бо он меъёрҳо метавонад хатоҳои зеҳнии худашро ислоҳ кунад. Ҳол, ин баҳс пеш меояд, ки оё он меъёрҳо ҳам хато мекунад ва ё хато намекунад? Агар он меъёрҳо ҳам қобили хато бошанд, пас барои он меъёрҳо низ бояд меъёрҳое биёварем ва боз нақли калом ба он меъёрҳо мекунем (ки ба тасалсул меанҷомад) ва меъёре боқӣ намемонад.

Ва агар меъёри мо хатонопазир аст, ин чӣ гуна меъёре аст? Зеҳнӣ аст ё айнӣ? Инҷост, ки роҳи ду мактаб ҷудо мешавад: як идда мегӯянд, мо меъёри зеҳнӣ, ки меъёри (ислоҳи) хато бошад, дорем. Дигарон мегӯянд, хайр, “амал”, ки айният аст меъёри ислоҳи хатоҳои зеҳнӣ аст, ки ин, масъалаи “меъёри шинохт” аст ва ҷудогона баҳс мекунем. Ин, ду тафовути зеҳну ойина.

## 3) Худогоҳӣ:

Тафовути севвум боз аз дуввум муҳимтар аст ва он ин ки ойина он чиро, ки дар муқобилаш қарор мегирад мунъакис мекунад, вале худаш дар худаш мунъакис намешавад, вале зеҳн, ҳам он чиро, ки дар баробараш воқеъ аст идрок мекунад ва ҳам худашро, яъне худёб аст. Ба таъбире, ки фалосифаи имрӯзи Урупо овардаанд ва дар солҳои ахир тарҷима шудааст, зеҳни инсон “худогоҳ” аст, на фақат “ғайрогоҳ”; ҳамон тавр, ки огоҳ аз дунёи берун аст, огоҳ аз худ ҳам ҳаст. Ба таъбири ибтидоии ғалат, ҳамон тавр, ки ҷаҳонро дар худаш мунъакис мекунад, худаш ҳам дар худаш мунъакис мешавад, худашро ҳам нишон медиҳад; ва ин яке аз зарифтарин масоили фалсафӣ аст ва дар ин замина фалосифа ба як таammуқи бисёр амиқе расидаанд.

Ва он ин аст, ки дар соири огоҳиҳо — яъне вақте инсон ба дунё огоҳӣ пайдо мекунад — “огоҳ” як чиз аст (ман), “огоҳӣ” чизи дигар (сурате аз ҷаҳон, ки дар зеҳни ман аст.) Ва “он чи инсон, огоҳ ба он шуда” чизи дигаре аст (олами айнӣ).
Аммо дар “худогоҳӣ”, омили “огоҳ”, омили “огоҳӣ” ва омили “огоҳ шудаи ба ӯ” (ҳар се яке аст). Яъне нафси инсон дар они воҳид, ҳам огоҳ аст, ҳам огоҳӣ ва ҳам огоҳшудаи ба худаш… Инҷост, ки ин “ман”, ки ҳар кас онро дарк мекунад (ба истилоҳи ҳукамо, илми инсон ба зоти худаш илми ҳузурӣ аст, ё иттиҳоди ақлу оқилу маъқул аст); тавре аст, ки “куҷо” барои он маънӣ надорад, чун “куҷо” барои мавриде аст, ки қобили тардид бошад: инҷо ё онҷо. Вақте мегӯед “ман”, дар ин ман, куҷо намеояд, кай намеояд, “чӣ касе” намеояд, кадом ҳам намеояд. Намешавад гуфт кадом ман? Аслан “ман” кадомбардор нест.
Ин ҳам боз аз латифтарин масоил аст ва аввалин далели хадшанопазире, ки фалосифа бар таҷарруди руҳ ва таҷарруди нафс меоваранд, ин вазъи хосси худогоҳии “ман” аст (худогоҳии инсон ба худаш), вале чун мо масъалаи “шинохт”-ро баррасӣ мекунем, бояд аз инҳо феҳриствор бигузарем.

## 4) Таъмим;

Тафовути чаҳоруми зеҳни инсон бо ойина ҳамон аст, ки ҷаласаи қабл арз кардем: ойина ҳар чиро, ки дар баробараш воқеъ мешавад мунъакис мекунад, як зарра ин тарафу он тарафро наметавонад мунъакис кунад, вале зеҳн он чиро, ки дар муқобилаш ҳаст мунъакис мекунад ва баъд ба номутаноҳӣ таъмим медиҳад.

## 5) Таъмиқ:

Баҳси ин ҷаласа дар бораи тафовути панҷуми ойина бо зеҳн аст; мехоҳем шинохти мантиқии таъаққулии илоҳиро — он шинохте, ки Қуръон аз он ба “оя” таъбир мекунад — бифаҳмем.
Вақте ойина суратҳоро мунъакис мекунад, фақат худи он суратҳо мунъакис мешавад, аммо вақте зеҳн суратҳоро мебинад, боз он суратҳо барои зеҳн ойинае мешавад ва дар он суратҳо суратҳои дигареро мебинад ва боз дар он суратҳое, ки дар он буъд қарор гирифта аст аҳёнан суратҳои дигареро мебинад.
Ин аст, ки мегӯем, зеҳн ба манзилаи як ойинаи себуъдӣ аст (агар ин таъбир ноқис набошад); агар ойинаҳо дубуъдӣ ҳастанд, зеҳн себуъдӣ аст ва агар ойина се буъдро нишон медиҳад,

зеҳн чаҳор буъдро нишон медиҳад; на танҳо тавсиа ва таъмим медиҳад ва на танҳо ба таври уфуқӣ пешравӣ мекунад, ба таври амудӣ ва умқӣ низ нуфуз менамояд. (Ҳоло тавзеҳ медиҳам).

## Шинохти оятӣ

Ин навъ шинохти таъаққулӣ ҳамон аст, ки Қуръон аз он таъбир ба “оя” (нишона) кардааст, монанди ин оят, ки дар Қуръон омадааст:

وَمِنْ آيَاتِهِ خَلْقُ السَّمَاوَاتِ وَالْأَرْضِ وَاخْتِلَافُ أَلْسِنَتِكُمْ وَأَلْوَانِكُمْ

(*Сураи Рум, ояти 22*) ва ё ин ояти шарифа:

وَمِنْ آيَاتِهِ أَنْ خَلَقَ لَكُمْ مِنْ أَنْفُسِكُمْ أَزْوَاجًا لِتَسْكُنُوا إِلَيْهَا وَجَعَلَ بَيْنَكُمْ مَوَدَّةً وَرَحْمَةً

(*Сураи Рум, ояти 21*) Қуръон тамоми олами табиатро яксара оят ва нишона барои шинохти моварои табиат мехонад. Ин таъбири Қуръон аст. Мо бояд бибинем оё ин оят будан (нишона будан) мунҳасир ба шинохти моварои табиат аст? Мунҳасир ба шинохти Худост? Ё на, дар худи табиат ҳам ин “шинохти оятӣ” (шинохти буъди панҷумии зеҳн) намуна дорад. Агар дар худи табиат намуна надошта бошад, мумкин аст қабулаш барои зеҳни инсон каме мушкил бошад, вале вақте бибинем дар худи табиат намуна дорад — яъне бисёре аз шинохтҳои мо аз худи табиат, шинохти оятӣ аст; шинохте аст, ки ба буъди панҷуми зеҳн марбут мешавад; шинохте аст, ки ба буъде марбут мешавад, ки бо он буъди шинохти зеҳн аст, ки мо Худоро мешиносем, бо он буъди шинохтии зеҳн аст, ки мо ба вуҷуди руҳ эътиқод ва имони комил пайдо мекунем, ба олами моварои табиат эътиқод пайдо мекунем, ба ғайб эътиқод пайдо мекунем ва ба маъно ва маънавият эътиқод пайдо мекунем — дигар ин масъала, ки табиат оят ва нишонаи моварои табиат аст, барои мо бисёр осон хоҳад шуд.

Матлабе, ки ҷаласаи аввал арз кардам, ки идеологияҳо бар асоси ҷаҳонбиниҳо ва ҷаҳонбиниҳо бар асоси ҷаҳоншиносиҳо ва ҷаҳоншиносиҳо бар асоси шинохтшиносиҳост, инҷо натиҷа медиҳад. Мо то шинохтшинос набошем, наметавонем ҷаҳоншинос бошем ва наметавонем ҷаҳонбинӣ дошта бошем ва ҳар идеология, ки дошта бошем, бояд бар асоси ҷаҳонбинии мо бошад.

Ҳол, бибинем он намунаҳое, ки мо дар шинохти табиат дорем ва аз навъи шинохтҳое ҳастанд, ки мо онҳоро “шинохти оятӣ” номидем — яъне шинохте, ки аз роҳи буъди панҷуми

зеҳн пайдо мешавад ва ғайр аз шинохти мантиқии илми таҷрибӣ аст, ки фақат ҷанбаи таъмим ва тавсиа дорад — кадоманд? Як мисоли содда бароятон арз мекунам: шумо агар пойи дарси як донишманди риёзидон ё зистшинос ва ё як фақеҳ биншинед, ӯ барои шумо ҳарф мезанад ва аз илми худаш сӯҳбат мекунад. “Сӯҳбат мекунад” яъне чӣ? Яъне як силсила калимоти маънидор аз забони ӯ берун меояд. Мисол ба муаллифон мезанем: мо Саъдиро надидаем (тоза агар ҳам дида будем, фарқ намекард) аммо акнун китобҳое дар даст дорем ба номи “*Гулистон”, “Бӯстон”* ва *“Тайибот*”, ки аз марде ба номи Саъдӣ аст. Мебинем “*Гулистон*” ин тавр шурӯъ мешавад:

“*Миннат Худойро азза ва ҷалла, ки тоаташ мӯҷиби қурбат асту ба шукр андараш мазиди неъмат. Ҳар нафасе, ки фурӯ меравад, мумидди ҳаёт аст ва чун бармеояд, муфарриҳи зот. Пас, дар ҳар нафасе ду неъмат мавҷуд асту бар ҳар неъмате шукре воҷиб:*

*Аз дасту забони кӣ party барояд,*

*К-аз уҳдаи шукраш бадар ояд.*

*Иъмалу Оли Довуда шукран ва қалилун мин ибодия-ш-шакуру…*”

То охири “*Гулистон*”-ро, ки мехонем, фарозҳо ва шеърҳои бисёр олӣ мебинем, ки дар он оятҳои Қуръон низ ба кор рафтааст. Мо чӣ ҳукме мекунем? Мегӯем, Саъдӣ марди бисёр бо завқу истеъдоде будааст. Агар аз мо бипурсанд шинохти шумо аз Саъдӣ ба унвони як инсони олим ва як шоири бо завқу истеъдод чӣ шинохте аст? Фаразан худи Саъдиро дида бошед, ҳарф заданашро дида бошед, китобашро ҳам дида бошед, илму завқи Саъдӣ дар куҷост?

Илму завқи Саъдӣ дар он дарунитарин аъмоқи вуҷуди Саъдӣ аст, ки илм ҳанӯз наметавонад муайян кунад дар куҷост. Оё он чи, ки исмаш илм ё отифа ё завқ ё имон аст, воқеан дар селлулҳо (ҳуҷайраҳо) ҷой гирифтааст ё дар моварои селлулҳо вуҷуд дорад? Ҳол фарз кунем, ки инҳо дар селлул ҷой дошта бошанд (баҳсе дар ин ҷиҳат надорем), оё ману шумо, ки мегӯем, Саъдӣ олим аст, рафтем ва мағзи Саъдиро ташреҳ кардем, илмҳоро дар лобалои селлулҳо калима ба калима пайдо кардем ва баъд гуфтем, Саъдӣ олим аст? Оё завқашро дар лобалои он селлулҳо пайдо кардем? Ё масалан аз мағзи Саъдӣ илмҳо ва завқҳо ва истилоҳот ва эҳсосоти ӯро аксбардорӣ кардем?

Ё ба унвони мисол, оқои Буручердӣ, ки мо пойи дарсаш рафтем ва дидем, ки он тавр дар масоили фиқҳӣ ва усулӣ изҳори назар мекунад ва мегӯем фақеҳи дараҷаи аввали замони худ буд, оё мағзи ӯро дидем? Мо, ки ҷуз пӯсту сурати оқои Буруҷердӣ чизе надидем, мо аз

даруни мағзи ӯ ноогоҳем, аз худи он чизе, ки дар он, муҳтавоҳо ҳаст ҳеч чиз намедонем, вале дар айни ҳол агар аз ман, ки масалан шогирди эшон будам, бипурсанд оқои Буруҷердӣ дар фиқҳу усул ва тафсир ва адабиёт ва таърих чӣ тавр будааст? Мегӯям, дар фиқҳу усул марди фавқулъода мутабаҳҳир ва соҳибназаре буд ва бар тафосири Қуръон ҳам мусаллат буд ва беш аз нисфи Қуръонро ҳифз буд; адабиёти арабиаш фавқулъода хуб буд; инсон бовар намекард, ки як марди фақеҳ, ба адабиёти форсӣ инчунин мусаллат бошад. Гоҳ мешуд, ки (эшон) ба як муносибате шеъре аз Мавлавӣ ё Ҳофиз мехонд ва инсон мефаҳмид, ки ӯ то бар инҳо мусаллат набошад, наметавонад инҳоро ба як муносибате дар ҷойи худ бихонад. Дар иттилооти таърихӣ ҳам хуб буд.

(Баъд ин суол пеш меояд, ки) ту инҳоро аз куҷо донистӣ? Ин маълумот магар дар забон ё чашм аст? Дар рӯи пӯсти сурат аст? Пас дар куҷост? (Моддийин мегӯянд, дар мағз вуҷуд дорад. Илоҳиюн мегӯянд, мағз абзоре аст дар дасти руҳ, он чизе, ки маълумот аст ғайр аз осоре аст, ки дар мағз аст. Дар мағз осоре пайдо мешавад, вале худи илм ва огоҳӣ дар моварои мағз аст). Мегӯям, ман намедонам куҷо вуҷуд дорад, вале медонам, ки ин мард огоҳии фиқҳӣ, усулӣ, тафсирӣ, адаби арабӣ, адаби форсӣ ва таърихӣ дошт. Ту аз куҷо медонӣ? Мегӯям аз гуфтаҳояш, ман пойи дарсаш будам. Хуб, пойи дарсаш бошӣ? Мегӯям, одаме, ки фақеҳ набошад, ки наметавонад ин тавр даҳ сол, бист сол тадрис кунад ва иддаеро олим кунад, вале худаш бесаводи мутлақ бошад, ҳамин тавр биёяд ҳарф бизанад. Оё мешавад чунин ҳарфе зад, ки шахсе даҳ сол сари килос биёяд, тадрис кунад, шогирдон ҳама босавод шаванд, вале худаш бесаводи мутлақ бошад? Худаш нафаҳмад, ки чӣ мегӯяд, ҳамин тавр мисли касе, ки ҳазён мегӯяд, ҳарф бизанад ва иттифоқан ҳамаи ин ҳарфҳо ҷур дарбиёяд? Мегӯем на, намешавад. Ин то олим набошад, наметавонад таълим кунад; ин муаллиф то худаш олим набошад, наметавонад фалон китоби илмиро бинависад. Агар Бӯалӣ Сино файласуф намебуд, китоби “*Шифо*” ба вуҷуд намеомад, агар табиб намебуд, китоби “*Қонун*” ба вуҷуд намеомад. Аз куҷо фаҳмидӣ ӯ табиб ва олим будааст? Мегӯям, аз китобаш, яъне аз оят ва нишона. Илми Бӯалӣ Сино ё оқои Буруҷердӣ, ки қобили мушоҳида нест, илм, ки қобили баррасӣ ва мушоҳидаи мустақим нест; ин қувваи таъаққул ва қудрати “умқбинӣ”-и инсон аст, ки вақте мушоҳида мекунад, калимотро мешунавад, хututро мебинад ва инҳоро дар як низоми муайян мебинад, фавран дар пушти сари инҳо нуфуз мекунад ва як силсила маълумот мебинад.

Мо мебинем, ки аксари маълумоти мо дар ҷаҳон, ба истилоҳи Қуръон “маълумоти оятӣ” аст. Агар шумо мегӯед фалон кас одами хубе аст, хубии ӯро наметавонед эҳсос кунед, наметавонед озмоиш кунед, корашро, ки ояти хубии ӯст мебинед. Агар мегӯед фалонӣ одами баде аст, бадии ӯро, ки шумо намебинед, таҷриба ва баррасӣ ҳам наметавонед бикунед; корашро мебинед, кораш нишонаи бадии худи ӯст. Мегӯед, фалон кас бо ман дӯст аст. Дӯстии ӯро, ки намебинед, вале кораш ояти дӯстӣ аст. Фалон кас бо ман душман аст. Душманиашро, ки ҳис намекунед; мегӯед кораш нишонаи душманӣ бо ман аст.

Пас, аксари шинохтҳои мо дар ҷаҳон, шинохте аст, ки на ҳисси мустақим аст (яъне ҳамон шинохти эҳсосии сатҳӣ) ва на мантиқии илми таҷрибӣ (ки худи мавзӯъ, қобили таҷриба ва озмоиш бошад) балки эҳсоси мо ба оятҳо (нишонаҳо)-и шайъ тааллуқ мегирад, вале зеҳни мо ҳамвора аз оятҳо ва осор, муассирро дар варои он мебинад. Қаблан арз кардам, ки ҳатто Рассел ҳам ба ин ҳарф эътиқод дорад (ки дуруст ҳам ҳаст) мегӯяд: ҳатто гузаштаҳоро аз ин роҳ медонем. Наполеонро мо на дидаем ва на метавонем озмоиш кунем. Мо, ки мӯътақид ҳастем Наполеон дар дунё вуҷуд дошта, аз рӯи алоим ва нишонаҳо ва оятҳост.

Инҳо маълумоти нишонаӣ аст, яъне ҳамон навъи маълумоте, ки Худоро ҳам, ки инсон мешиносад ба кӯмаки ҳамин (навъи маълумот ва ҳамин) навъ шинохт аст. Шинохти Худо як навъ шинохте, ки аслан шабоҳате бо шинохтҳои дигар надошта бошад ва як чизи махсус ба худ бошад, нест. Роҳи шинохтани Худо бо роҳи шинохтани бисёре аз масоил, ки дар табиат мешиносем айнан яке аст. Агар мо роҳи Худошиносиро инкор кунем, бояд 90% маълумоти худамонро дур бирезем, дар сурате, ки аҳаде наметавонад (чунин иддаое) кунад. Шумо аз куҷо мегӯед, ки Ленин як марди инқилобӣ буд? Шояд муҳофизакортарини одамҳо буда ва аслан фикри инқилоб ҳам ба зеҳнаш хутур накардааст. Мегӯед, фаъолиятҳо ва навиштаҳо ва нутқҳояшро мебинем ва аз осори мавҷуд, инқилобӣ буданашро мефаҳмем.

## Равони нохудогоҳ ва шинохти оятӣ

Инсонро аз ду ҷанба метавон мутолеа кард: ҷанбаи ҷисмӣ ва баданӣ ва ҷанбаи руҳӣ ва равонӣ. Он чи ба ҷанбаҳои ҷисмии инсон марбут мешавад, дар илми пизишкӣ ва он чи ба ҷанбаҳои руҳӣ ва равонии инсон марбут мешавад, дар “илмуннафс” баррасӣ мешавад, ки имрӯз ба он “равоншиносӣ” мегӯянд. Албатта имрӯз улум тавсиа пайдо кардааст. Масалан, худи пизишкӣ шӯъбаҳои мутаъаддид ёфтааст. Илова бар пизишкӣ улуми дигаре назири

нажодшиносӣ низ ба бадани инсон марбут мешавад, ки (имрӯза) матраҳ аст, вале мо аҷолатан ба инҳо коре надорем.

Дар садсолаи ахир, дар ҳавзаи руҳу равони инсон, илме ба вуҷуд омадааст, ки он ҳам навъи хоссе аз равоншиносӣ аст, вале бо равоншиносиҳо ва илмуннафсҳои гузашта тафовути азиме дорад ва аз ин рӯ исми онро "равонковӣ" гузоштаанд. Равонковӣ худ навъе илмуннафс ва равоншиносӣ аст, ки ба равони нохудогоҳи инсон марбут мешавад, на ба равони худогоҳи ӯ, яъне кашф шудааст, ки равони инсон ду ҳавза ва ду бахш дорад: бахши худогоҳ, ки ҳамон бахше аст, ки башар аз қадимулайём мешинохтааст ва бахши нохудогоҳ, ки имрӯз илм тавонистааст ба он даст биандозад.

Фарқи равони худогоҳ бо равони нохудогоҳ чист? Равони худогоҳ яъне қисматҳое аз руҳу равони мо, ки вуҷуди онҳоро дар худамон дарк мекунем ва ба вуҷуди онҳо огоҳем. Масалан, дар мо "эҳсос" ба маънои ҳис кардан (кори ҳавосси зоҳирӣ) вуҷуд дорад. Чашми мо мебинад ва худи мо ҳам огоҳем, ки чашмамон мебинад. Қувваи ҳофизаи мо он чиро, ки эҳсос кардаем, дар худ нигоҳ медорад. Худи мо огоҳем, ки як қувваи ҳофиза дорем; гоҳе мегӯем қувваи ҳофизаам заиф шуда ё қавитар шудааст, қувваи ҳофизаи ман аз қувваи ҳофизаи фалон шахс камтар ё бештар аст. Ҳамчунин огоҳем, ки таъаққул ва тафаккур дорем, яъне тафаккурҳо дохили ҳавзаи худогоҳи вуҷуд мост. Дар мо як силсила тамоюлот, рағбатҳо, шаҳватҳо, нафратҳо, тарсҳо ва амсоли инҳо вуҷуд дорад. Мо худамон вуҷуди инҳоро эҳсос мекунем. Агар дар мо рағбат ба мақоме ҳаст, худамон ҳам вуҷуди ин рағбатро эҳсос мекунем; мефаҳмем, ки диламон мехоҳад мақоми олӣ дошта бошем. Дар мо ғазаб ва хашм ҳаст, онро ҳам дарк мекунем ва ғароизи худро идрок мекунем.

Аммо равони нохудогоҳ яъне чизҳое, ки аз ҷинсу синхи равон ҳаст, вале бо вуҷуди ин, мо ба онҳо огоҳ нестем ва онҳоро дар худамон дарк намекунем.

## Ду хусусияти ҳавзаи равони нохудогоҳ

Ҳавзаи равони нохудогоҳ ду хусусият дорад. Як хусусияти он ин аст, ки ҳоким бар равони худогоҳ аст. Равони нохудогоҳ фармон медиҳад, равони худогоҳ мепазирад. Аз ин ҷиҳат гуфтаанд: масали ин ду масали як корхонаи азиме аст, ки дастгоҳи мотор ва дастгоҳи интиқоли нерӯи ин корхона дар зери замин ниҳода шудааст ва қисматҳои рӯйини он, ки амалиёти ниҳоиро анҷом медиҳад, дар қисмати боло қарор дорад. Он кас, ки нигоҳ мекунад, қисмати болоро мебинад ва хаёл мекунад, ки корхона ҳамин қисмати болост; намедонад, ки

қисмати боло тобеъ ва мусаххари қисмати поин аст ва асос, он қисмати поинӣ аст; агар боло ҳаракате ҳаст, ба далели ҳаракатҳои табақаи зерин ва ба далели нерӯҳое аст, ки дар табақаи зерин вуҷуд дорад.

Хусусияти дуввум ин аст, ки илова бар ин ки табақаи зерини руҳи мо (яъне) равони нохудогоҳ фармондеҳ аст ва равони худогоҳ фармонбар, бахши равони нохудогоҳ басе азимтар ва васеътар ва густурдатар аст. Қисмати худогоҳи мо нисбат ба бахши нохудогоҳ, қисмати кам ва кучакеро ташкил медиҳад. Қисмати муҳимми равони моро равони нохудогоҳи мо ташкил медиҳад. Масале мезананд, ки агар ҳиндувона (тарбуз) ё қитъаи яхеро дар об биандозанд, миқдори каме аз он аз об берун меояд ва об қисмати аъзами онро дарбар мегирад. Мегӯянд, айнан ба ҳамон нисбат, ки қисматҳои бештаре аз як ҳидувона ё ях зери об қарор мегирад ва қисмати каме рӯи об, қисматҳое аз равони инсон ҳам ба ҳамин нисбат аз огоҳии мо махфӣ ва аз шуъури мо пинҳон аст; қисмати бисёр ками он ҳамон аст, ки худамон онро дарк мекунем ва ба вуҷуди он огоҳ ҳастем.

Дар қадим як масали омиёнае буд, мардум фикр мекарданд — ман намедонам то чӣ андоза дуруст аст — ки одамҳои кутула (қадпаст) хеле заранг ва боҳуш ҳастанд; мегуфтанд, ин одами кутула, ки мебинӣ қаддаш ин қадр аст, даҳ баробари ин миқдор зери замин аст.

Ин як ҳарфи омиёнае буд, (аммо) баъд маълум шуд, ки ҳамаи мардум ин тавранд, ҳамаи мардум кутулаанд, вале аз назари равонӣ як миқдор аз равонаш ҳамон аст, ки худаш ҳис мекунад ва ба вуҷуди он огоҳ аст — ки қисмати каме аз равони ӯст — ва қисматҳои бештараш ҳамон аст, ки худаш ҳам аз вуҷуди онҳо огоҳ нест.

## “Пинҳонҳои равони инсон” дар Қуръон ва дуои Кумайл

Дар ин замина нукоте дар Қуръони Маҷид ва калимоти Алӣ (а) ва калимоти ҳукамои илоҳӣ ва урафое мисли Мавлавӣ вуҷуд дорад, яъне то ҳудуди зиёде ҳукамо ва урафо ҳам ба ин нукта таваҷҷӯҳ кардаанд. Ҳол матлаберо, ки онҳо гуфтаанд аҷолатан матраҳ намекунам, фақат як маврид аз Қуръони Карим ва як фароз аз калимоти амирулмӯъминин (на аз “*Наҳҷул-балоға*”, балки аз дуои Кумайл) нақл мекунам ва феълан аз ин қисмати матлаб рад мешавам.

Дар Қуръони Маҷид дар сураи муборакаи Тоҳо мефармояд:

فَإِنَّهُ يَعْلَمُ السِّرَّ وَأَخْفَ

(*Сураи Тоҳо, ояти 7*) Худо огоҳ ба роз аст; огоҳ ба пинҳон аст ва огоҳ ба пинҳонтар аз пинҳон аст. Ин "пинҳонтар аз пинҳон" чист? Барои инсон чизе пинҳонтар аз ин нест, ки амреро дар дили худ пинҳон кунад. Агар инсон чизеро дар дили хок ё ҳар ҷойи дигар пинҳон кунад, мумкин аст касе пайдо кунад, вале агар чизе ба сурати сиррӣ бошад, яъне аслан аз даруни дил берун наёяд, чизе махфитар аз он барои инсон нест. Аз имом суол шуд: чаро Қуръон мегӯяд, Худо розро медонад ва "рози пинҳонтар"-ро ҳам медонад? "Рози махфитар" чист? Имом фармуд: "Рози пинҳонтар" он чизе аст, ки дар равони ту вуҷуд дорад ва худат намедонӣ ва фаромӯш кардаӣ.

Алӣ (а) дар дуои Кумайл мефармояд:

الّذين وكّلتهم بحفظ ما يكون منّي

Ту малоикаеро бар ман муваккал кардӣ; онҳоро маъмури ман кардӣ, ки тамоми аъмоли маро забту сабт мекунанд.

Баъд, барои ин, ки мардум чунин хаёлу таваҳҳуме накунанд, ки Худо, ки малоикаро фиристода алаёзу биллоҳ мисли касе аст, ки ба маъмур эҳтиёҷ дорад ва худаш ба танҳоӣ наметавонад, ё шарик дар мулк дорад, мефармояд:

وكنت أنت الرقيب عليّ من ورائهم

Ту худат (эй Худо!) бар фариштагон нозиру шоҳид ҳастӣ; на фақат шоҳид бар онҳо –

والشّاهد لما خفي عنهم

чизҳое дар ҳавзаи вуҷуди ман аст, ки ҳатто бар малоика, ки ҷунуди ғайбӣ ҳастанд махфӣ мемонд — яъне вуҷуди ман ғайб ва пинҳонҳое дорад, ки малоика ҳам аз онҳо огоҳ нестанд ва наметавонанд огоҳ бошанд — вале ту худат он гувоҳе ҳастӣ, ки он чиро, ки бар онҳо ҳам пинҳон аст шоҳидӣ.

Аз инҷо инсон мефаҳмад, ки қазияи руҳу равони инсон чӣ қадр аҷиб аст, ки Қуръон мегӯяд "сирр ва пинҳонтар аз сирр" ва Алӣ (а) мефармояд, чизҳое (дар руҳу равони инсон) ҳаст, ки аз малоика ҳам пинҳон мемонад ва танҳо Худост, ки бар онҳо огоҳ аст.

Ин равони нохудогоҳ аз куҷо ва чӣ гуна эҷод мешавад? Назарияи уламои равонков дар ин ҷиҳат мухталиф аст.

## Назарияи Фрейд

*Фрейд* (*Sigmund Freud*) — ки қаҳрамони равонковӣ аст — мӯътақид буд, ки тамоми аносури равони нохудогоҳи инсон аз равони худогоҳ гурехтаанд ва дар онҷо ҷоеро барои худашон ташкил додаанд, яъне аносури равони нохудогоҳ ибтидо дар равони худогоҳ будаанд, вале ин аносур аз марзе, ки миёни равони худогоҳ ва равони нохудогоҳ вуҷуд дорад, ба таври пинҳон гурехтаанд ва ба қисмати равони нохудогоҳ рафтаанд. Онҳо тадриҷан дар онҷо дунёе ташкил додаанд, ки аз равони худогоҳ бисёр муфассалтар ва васеътар ва густурдатар аст.

Аз назари Фрейд, махсусан пасрондагиҳои равон (боиси ин гурез мешавад). “Пасрондагиҳо” яъне он ҷо, ки ғароиз ва тамоюлоти инсон майл ба бурузу зуҳур доранд, вале инсон монеъи бурузу зуҳури онҳо мешавад (ба қавли ӯ сонсур мекунад), одот ва урфи иҷтимоӣ иҷоза намедиҳад, ки қисмате аз равони худогоҳи инсон буруз кунад. Масалан, инсон бар як амре хашм гирад (вале натавонад хашми худро ирзо кунад). Албатта бештар такяи Фрейд рӯи тамоюлоти ҷинсӣ аст: инсон аз назари ҷинсӣ тамоюле пайдо мекунад, вале шароит ва муҳити иҷтимоӣ иҷозаи буруз намедиҳад; чорае намебинад магар ин ки ин майл ва ба истилоҳ ин ишқро фаромӯш кунад. Масалан, ба хиёбон меравад, чашмаш ба як сурат меафтад, дилаш ба дунболи чашм меравад, вале инсон ҳис мекунад, ки намешавад дунболашро гирифт, роҳ бастааст, чорае намебинад ҷуз ин ки фаромӯш кунад, фаромӯш ҳам мекунад, вале дар воқеъ фаромӯш накардааст; қазия фаромӯшшуданӣ нест. Вақте он майл дид, ки ба ӯ иҷозаи берун омадан аз ин тараф намедиҳанд, аз он дарвозаи дигар, ки дар равони инсон вуҷуд дорад мегурезад ва ба равони нохудогоҳ меравад. Ин эҳсос ва тамоюл ҳамеша медонад, ки агар бихоҳад берун биёяд, фавран мегӯянд: бирав гум шав! Ва иҷозаи берун омадан ба ӯ намедиҳанд.

Аммо ӯ, ки наметавонад барои ҳамеша (дар равони нохудогоҳ) бимонад. Чӣ мекунад? Тағйири чеҳра ва қиёфа медиҳад, моск ба чеҳраи худаш мезанад. Мисли касе, ки дар кишваре тахти таъқиб аст, аз марзҳо фирор мекунад ва ба хориҷ аз кишвар меравад; медонад, ки агар бо он чеҳра ва қиёфа ва бо он шиноснома ва гузарнома аз марз дохил шавад, фавран тавқиф мешавад ва аз тарафе мехоҳад ба кишвар биёяд. Чӣ мекунад?

Шиноснома ва гузарномаашро иваз мекунад, моск мезанад ва бо номи дигар аз марз ворид мешавад.

Фрейд мӯътақид аст, ки бисёре аз таҷаллиёти равони нохудогоҳи инсон, аносури рондашуда аз равони худогоҳ аст, ки ибтидо ҷанбаи паст ва ҳайвонӣ доштаанд, баъд гурехтаанд ва ба равони нохудогоҳ рафтаанд; чорае надидаанд ҷуз ин ки дар як либос ва бо моск ва чеҳраи дигаре берун биёянд. Масалан, ба сурати як хайрхоҳии ахлоқӣ буруз мекунанд. Вақте инсон мебинад отифае дар дилаш буруз карда ва масалан муддате аст ин майл дар ӯ пайдо шуда, ки дар муассисоти некӯкорӣ хидмат кунад, он вақт ба он иҷозаи берун омадан медиҳад. Чаро? Чун шиноснома ва гузарномааш иваз шуда, чеҳра ва либос ва қиёфааш тағйир кардааст.

Фрейд аслан ба инсонияти асил эътиқод надорад; мегӯяд: он чи, ки шумо онро “инсоният” ва “таолии инсоният” меномед, зоташ ҳайвоният аст, ҳайвонияти рондашуда аз равони нохудогоҳ ва “рафта дар дарун” бидуни ин ки моҳият ва зоташ тағйир карда бошад, (фақат) чеҳра ва шиноснома ва гузарнома ва либос иваз карда ва (берун) омадааст. Назарияи Фрейд яке аз он назарияҳои ғарбӣ аст, ки дар он, зери пойи тавҷеҳу тафсири “инсоният” ба куллӣ рӯбида мегардад ва фотеҳаи инсоният хонда мешавад.

Ин назарияи ҷаноби Фрейд аст. Шумо ҳар коре кунед ва бигӯед, оқои Фрейд! Мо Абӯзар дорем, Муовия ҳам дорем, Лумумба дорем, Мӯсо Чумбӣ ҳам дорем; мегӯяд, аз назари моҳият ҳеч фарқе миёни Абӯзар ва Муовия, миёни Лумумба ва Чумбӣ ва миёни Мӯсо ва Фиръавн — алаёзу биллоҳ – нест. Чаро? Ҳама як чиз аст; чизеро, ки Муовия мехоҳад, Абӯзар ҳам мехоҳад, онро, ки Чумбӣ мехоҳад, Лумумба ҳам мехоҳад. Лумумба ҳамон Чумбие аст, ки тамоюлоти ҳайвонии ӯ иҷозаи зуҳуру буруз пайдо накарда ва аз равони нохудогоҳ дар либоси озодихоҳӣ, адолатхоҳӣ, инсондӯстӣ, озодагӣ ва инсоф берун наёмадааст. Абӯзар ҳам нисбат ба Муовия як чунин одаме аст.

Вале ин навъ тафсиру тавҷеҳ барои равони нохудогоҳро соири равонковон напазируфтаанд.

## Назарияи Юнг

Фрейд шогирде дорад ба номи *Юнг* (*Carl Jung*). Ӯ ба равони нохудогоҳ мӯътақид аст, вале он тавҷеҳеро, ки ҷаноби Фрейд кардааст — ки тамоми аносури равони нохудогоҳро аносури рондашуда аз равони худогоҳ бахусус аносури ҷинсӣ ташкил медиҳад — қабул надорад. Юнг мегӯяд, қисматҳое аз равони нохудогоҳи мо фитрӣ аст ва пояи инсонияти инсонро

ташкил медиҳад, яъне эҳсоси ахлоқӣ, эҳсоси ибодат ва парастиш, эҳсоси илмдӯстӣ ва ҳақиқатхоҳӣ, эҳсоси зебоидӯстӣ ва (ба таври куллӣ) ҳамаи эҳсосҳои инсонии инсон, арконе дар фитрат ва сиришти ӯ ҳастанд ва дар равони нохудогоҳи инсон вуҷуд доранд, вале ин аносури равони нохудогоҳ қабл аз он ки аз равони худогоҳи мо чизе ронда шавад, вуҷуд доштаанд. Пас равони нохудогоҳи мо аз ду қисмат ташкил мешавад: қисмати аносури асосии фитрии худододии мутаолии инсонӣ — ки инҳо бояд бошад ва парвариш дода шавад — ва қисмати аносури рондашуда аз равони худогоҳи инсон.

Вале имрӯз дар асли ин матлаб, ки инсон дорои ду равон аст: равони худогоҳ ва равони нохудогоҳ ва ин ки равони нохудогоҳ ҳоким ва мусаххари равони худогоҳ аст ва низ ҳавзаи бисёр азимтаре аст, шакку тардиде нест.

## Масъалаи талқин

Инсон чӣ гуна равонаш талқин мепазирад?! Инсон дар бедорӣ ҳам талқинпазир аст, вале чун дар бедорӣ руҳ муқовимат мекунад (наметавон асари онро монанди ҳангоми хоб мулоҳиза кард.) Агар битавонанд касеро ба василаи гипноз ба хоб (магнитный сон) бибаранд, ҳар чи ба ӯ талқин кунанд, дар равони нохудогоҳаш ворид мешавад (чун дар ҳоли хоб, равони худогоҳ муқовимат намекунад) ва вақте бедор шавад, ҳис намекунад, ки чизе ба ӯ гуфта ё ёд додаанд.

*Гюстав Лебон* (*Gustave Le Bon*) мегӯяд: мехостам ин қазияро таҷриба кунам, ки оё масъалаи талқин ва равони нохудогоҳ дар ин ҳадд дуруст аст ё на? Духтари ҷавонеро оварданд ва ба хоб (магнитный сон) burданд. Дар ин ҳол он чиро, ки ман дилам мехост, ба ӯ талқин карданд. Мехостам бигӯям, ки ин духтар дар фалон рӯз, фалон соат, сари фалон чаҳорроҳ барои як суоли илмӣ бо ман ваъдаи мулоқот бигузорад.

Чанд рӯз гузашт, як вақт дидам, ҳамон духтар телефон мекунад ё нома навиштааст: устод! Ман дучори як мушкиле ҳастам, фикр кардам ин мушкилро ғайр аз ту касе ҳал намекунад, агар вақт доред фалон рӯз, фалон соат, сари фалон чаҳорроҳ ташриф биёваред; ман як суолм кучаке дорам.

Яъне ҳамон, ки дар равони нохудогоҳм ӯ рафта буд, дар равони худогоҳаш буруз кард бидуни он ки худаш бифаҳмад, ки ин талқине аст, ки дигарон кардаанд ва онҳо ин фикрро ба равони нохудогоҳи ӯ фурӯ кардаанд.

Имрӯз масъалаи муолиҷаи ҷисмии бисёре аз бемориҳо бо васоили руҳӣ мисли талқин, як масъалаи бисёр ҷолиби таваҷҷӯҳ ва ба расмият шинохта шудааст. Агар китоби “*Тадовии руҳӣ*”-и *Ҳусайни Козимзода*-ро бихонед, мебинед дар ин замина баҳсҳои хеле хубе овардааст.

## Равони нохудогоҳ ва исботи асолати руҳ

Чунонки гуфта шуд, вуҷуди равони нохудогоҳ дар инсон мусаллам аст. Масъалаи кашфи равони нохудогоҳ ду натиҷаи илмӣ барои илоҳиюн дарбар дошт. Яке аз он натоиҷ дар худи масъалаи руҳ буд. Равони нохудогоҳ асолати руҳро беш аз пеш собит кард, зеро мусаллам шуд, ки аворизе, ки дар равони нохудогоҳ пайдо мешавад, аслан ба олами аъсоби инсон марбут нест. Ҳатто худи Фрейд мӯътақид аст, ки бисёре аз девонгиҳо, ки пайдо мешавад, маълули бемориҳои асабӣ нест, маълули фармони равони нохудогоҳ аст.

Гоҳе мегӯянд, фалон кас аз ғусса девона шуд ва воқеан ҳам ҳастанд афроде, ки аз ғусса девона мешаванд. Албатта, девона ба ин маъно, ки як ҳолати “хулгирӣ” (девонагӣ) пайдо мекунанд ва дигар он ғуссае, ки бояд бихӯранд аслан намехӯранд. Вақте ин афродро муойинаи пизишкӣ мекунанд, ҳеҷ оризае дар аъсобашон мушоҳида намекунанд, вале дар айни ҳол дар амал мебинанд, ки корҳои хулгирӣ мекунанд.

Чаро ин тавр мешаванд? Ин навъ афрод гоҳе дучори мусибатҳои бисёр бузурги ғайриқобили таҳаммул мешаванд. Ин ҷост, ки равони нохудогоҳ даст ба кор мешавад, яъне коре мекунад, ки дар дастгоҳи шуъури худогоҳ ихтилол эҷод шавад. Дар олами хаёлот ва тахайюлот ва авҳом, оламе барои худаш пайдо мекунад ва ҳангоме, ки дар олами хаёлот ва авҳом рафт, аслан ҳеҷ фикр намекунад, ки масалан бачааш мурдааст, чӣ басо фикр мекунад, ки ӯ зиндааст. Ман ба баъзе аз ин ашхос бархӯрд кардаам, ки дар баъзе аз корҳояшон фавқулъодаанд, яъне мисли як одами оддӣ боҳушу бофаҳму зирак ҳастанд, вале бо вуҷуди ин, дар як силсила масоил ин ҳолати хулгириро доранд. Баъд аз таҳқиқ равшан шуда, ки инҳо чунин ашхосе ҳастанд.

Маълум мешавад, ки шеъри ин шоир, ки мегӯяд:

*Зи ҳушёрони олам ҳар киро дидам ғаме дорад,*

*Дило! Девона шав, девонагӣ ҳам оламе дорад.*

— фақат шеър нест, андаке ҳам ҳақиқат аст. Гоҳе “Дило! Девона шав, девонагӣ ҳам олами дорад” фармоне аст, ки шуъури ботин ба инсон медиҳад; мегӯяд, ин шуъур асбоби заҳмат

аст, падари одамро дармеоварад, бизан ба бешуурӣ! (На ба ин маъно, ки амдан ин корро бикун, яъне ман коре мекунам, ки ту аслан ба бешуурӣ бизанӣ дар ҳоле, ки худат ҳам намефаҳмӣ). Яке аз афроде, ки дучори ин навъ бемориҳо буд ва ба тахайюлоту авҳом гирифтор буд, аз ҷумлаи тахайюлоташ ин буд, ки ҳар вақт касолат пайдо мекард, барои беҳбуди худаш, назр мекард як чилукабоб бихӯрад.

Пас, натиҷаи аввали кашфи равони нохудогоҳ ин буд, ки масъалаи асолати рухро бисёр равшан кард; маълум шуд равони инсон хеле амиқтар аз ин ҳарфи соддаи баччагонае аст, ки чаҳорто материалист мегӯянд: (ҳолоти равонии инсони маълул), феълу инфиъоли химиявии силсилаи аъсоб аст.

## Кашфи равони нохудогоҳ ва "шинохти оятӣ"

Натиҷаи дуввум, дар "шинохтшиносӣ" аст. Равони нохудогоҳ — ки имрӯз аз назари илм як ҳақиқати мусаллам шинохта мешавад — нисбат ба равони худогоҳ яъне "ғайб" нисбат ба "шаҳодат". Равони нохудогоҳ, ғайби вуҷуди инсон аст.[30] Қаблан ҳам ғайбу шаҳодат мегуфтем (вале ин тавр маъно мекардем): шаҳодат яъне ин бадан ва ғайб яъне равон (ҳамин равони худогоҳ). Имрӯз собит шуда, ки на танҳо шаҳодате дорем (яъне бадан) ва ғайбе дорем (яъне равон), балки як ғайби ғайбе ҳам дорем, ки ҳамон равони нохудогоҳ аст.

Бадани худро бо ҳавосси зоҳирӣ ҳис мекунем, равонро бо ҳисси ботин шуҳуд мекунем, аммо равони нохудогоҳро аз куҷо дарк мекунем? Оё Фрейд ва амсоли Фрейд равони нохудогоҳро дар лабаратория кашф карданд? Агар дар лабаратория бибинанд, ки ҷисмонӣ аст ва равон нест. Равонро касе дар лабаратория намебинад (ҳеч кас ҳам чунин иддаое накардааст.) Ва агар бигӯед, худашон инро дар худашон эҳсос мекарданд, он вақт мешавад равони худогоҳ.

Оре, **аз маҷмӯи алоим ва нишонаҳое, ки дар равони худогоҳ диданд, кам-кам онро кашф карданд. Аз ин алоим ва бурузот ва зуҳурот, махсусан аз он чи, ки дар олами руъё барои инсон рух медиҳад, (ба вуҷуди равони нохудогоҳ пай бурданд).** Олами руъё барои Фрейд як калиди ҳалли муаммои равони нохудогоҳ шуд, яъне аз вуҷуди руъёҳо тавонист пай бибарад, ки инсон равони нохудогоҳе дорад, ки наметавон онро дар зери

---

[30] *Ин ки Худо инсонро ба гунае офаридааст, ки бузургтарин ояти илоҳӣ аст — ки хеле далоил дорад — яке аз далоилаш ҳамин аст.*

заррабинҳо дид ва ё шуҳуди ботин кард (масалан, огоҳии равоншиносӣ аз он пайдо кард). Алоим дар маҷмӯъ нишон дод, ки мо як чунин ғайб ва пинҳоне дорем.

Ин чӣ навъ шинохте аст? Ин ҳамон шинохти оятӣ аст, ки ҷаласаи гузашта арз кардам, яъне Худои Мутаъол ба зеҳни инсон хоссияте додааст, ки аз он чи мебинад ва ҳис мекунад, ба унвони аломат ва нишона (истифода мекунад, то) дарун ва ботинеро, ки пушти он аст кашф кунад. Равони нохудогоҳро башар кашф кард (на ин ки эҳсос кард, кашф кард), ғайберо аз шаҳодат кашф кард.

Оё сайёра Нептун барои аввалин бор ба василаи дурбин кашф шуд? Хайр. Марде риёзидон ва ситорашинос вақте ҳамаи манзумаи шамсиро зери назар гирифт, гуфт, бояд дар он қисмат аз фазо ҳам мадоре бошад ва сайёрае дар он мадор ҳаракат кунад, намешавад ин манзума фақат аз ин сайёраҳо ташкил шуда бошад, яъне рӯи сафҳаи коғаз вуҷуди Нептунро кашф кард; баъдҳо — ки дурбинҳои қавитар ихтиро шуд — дигарон он чиро, ки ӯ қаблан бо нерӯи тафаккур ва таъаққул аз рӯи алоим ва нишонаҳо кашф карда буд, таъйид карданд.

## Муқоисаи шинохти Иброҳим (а) ва шинохти равонковон

Фарқи Иброҳими Халил бо Фрейд ва ҳамаи равонковони олам чист? Фарқи Иброҳими Халил бо касе, ки сайёраи Нептунро кашф кард чист? Фарқаш ин аст, ки кори инҳо марбут ба ҷузъе аз олам аст; оқои Фрейд аз вуҷуди инсон, ҷузъи дигаре ва он оқои ситорашинос аз ҷузъе аз манзумаи шамсӣ ҷузъи дигареро кашф кард, вале Иброҳими Халил чӣ кард? Иброҳим (а) савдоро яксара кард, танҳо ба равони инсон нигоҳ накард, танҳо ба хуршеду моҳу замин нигоҳ накард; олами табиат ва ҳаракат ва олами аҷсомро яксара зери назар гирифт ва гуфт, ин (ҷаҳон) ғайб ва ботине дорад. Ӯ аввал худашро мавзӯи мутолеа қарор дод. Худашро як мавҷуди парваришшаванда ва мутағайир ва мақҳур ва як мавҷуде, ки чӣ бихоҳад ва чӣ нахоҳад қувва ва қудрате ҳаст, ки ӯро гардиш ва ҳаракат медиҳад (кучак буда, бузургаш кардааст ва дорад пираш мекунад) ҳис кард. Дар тамоми вуҷуди худаш тағйир ва ҳаракатро эҳсос кард. Ин дағдаға дар вуҷудаш пайдо шуд, ки бояд тағйирдиҳанда ва ҳаракатдиҳанда ва моторе дар олам, мавҷуд бошад. Иброҳим, ки дар ғори зиндагӣ кардааст, дар тақия зиндагӣ кардааст ва солҳо дар ҷое буда, ки осмонро наметавониста бибинад, барои аввалин бор чашмаш ба як ситора меафтад, мегӯяд:

**هذا رَبِّي**

(Вақте, ки чизеро мисли худаш мебинад, мефаҳмад, ки инсон аст ва наметавонад рабби ӯ бошад) оё он ки маро тарбият мекунад, тағйир ва ҳаракат медиҳад, он нерӯи ҳоким бар вуҷуди ман ҳамин аст?

**فَلَمَّا أَفَلَ قَالَ لَا أُحِبُّ الْآفِلِينَ**

(*Сураи Анъом, ояти 76*) то уфул ва тағйир кард, гуфт: ин ҳам, ки мисли ман мутағайир ва нособит аст, мақҳур ва марбуб аст, маълум аст ихтиёраш дасти худаш нест. Чашмаш ба моҳ, ки афтод, дид дурахшонтар аст, гуфт: (рабби ман) ҳамин аст. Лаҳазоте баъд моҳ ҷояшро иваз кард, гуфт: ин ҳам мисли ман ҷузъӣ аст, гӯё дорад вазифаеро анҷом медиҳад, ин ҳам таҳти таъсири қудрат ва қувваи дигаре аст. Баъд, ки хуршед тулӯъ кард, гуфт: (парвардигори ман) ҳамин аст. Вале баъд дид, ки найиртарин ва равшантарини ситорагон ҳам мақҳур аст. Якмартиба гуфт: (савдо чунин хуш аст, ки якҷо кунад касе): пас, тамоми он чи аз ин ҷинс аст, мисли худам ҳастанд, тамоми мо шаҳодатем, тамоми ин олам зоҳир аст, ба манзилаи қисмати пайдои он ҳидувона аст; қисмати аъзами ин ҳидувона қисмати нопайдои он аст:

**إِنِّي وَجَّهْتُ وَجْهِيَ لِلَّذِي فَطَرَ السَّمَاوَاتِ وَالْأَرْضَ حَنِيفًا وَمَا أَنَا مِنَ الْمُشْرِكِينَ**

(*Сураи Анъом, ояти 79*) ман чеҳраи худамро мутаваҷҷеҳи он ҳақиқате кардам, ки тамоми ин оламро мечархонад, он ғайбе, ки дар мовароӣ инҳост.

Аз назари моҳияти шинохтшиносӣ, миёни шинохти фрейдӣ ва шинохти иброҳимӣ ҳеч фарқе нест, аз назари мавзӯъ фарқ аст. Шинохтшиносии Иброҳим бо шинохтшиносии он ситорашинос ва бо шинохтшиносии шумо (дар мисоле, ки дар ҷаласаи гузашта роҷеъ ба Оятуллоҳ Буруҷердӣ ва ё Саъдӣ арз кардам) аз назари моҳияти шинохтшиносӣ фарқ намекунад. Моҳияти шинохтшиносӣ дар ҳар ду яке аст, мунтаҳо мавзӯаш дутост. Шумо бо осори Саъдӣ ва Оятуллоҳ Буруҷердӣ онҳоро мешиносед, аз манзумаи шамсӣ ба вуҷуди он сайёра ва аз равони худогоҳи инсон ба равони нохудогоҳи инсон (пай мебаред), вале паёмбарон омадаанд ба шинохти инсон жарфо бидиҳанд.

Фарқи илму дин дар ҳамин ҷост: илм омадааст барои ин ки ба шиносоии инсон густариш бидиҳад, шинохтро афзоиш диҳад. Адён ҳам омадаанд, ки ба шинохти инсон афзоиш

диҳанд, аммо афзоиш дар ҷиҳати жарфои шинохт; омадаанд бигӯянд, тамоми ин ҷаҳон, ки мебинӣ, дар муқобили ҷаҳони ғайбе, ки бар ин ҷаҳон иҳота дорад, мисли як ҳалқа аст дар саҳро (як ҳалқа дар муқобили як саҳро чӣ қадр ҳақорат дорад! Ин ҷаҳон ҳам нисбат ба ҷаҳони ғайб ин қадр ҳақир аст); аз ин олам чизе кам накардаанд, балки азамати он оламро ба мо ироа ва нишон додаанд.

Баҳси мо дар бораи “мароҳили шинохт” дар инҷо поён мепазирад.

## Шинохти ҳақиқӣ

Вориди мабҳаси “милок ва меъёри шинохт” мешавем, ки худи ин масъала ду баҳс аст: баҳси милоки шинохт ва баҳси меъёри шинохт.

Қаблан арз кардем, ки инсон дар шинохтҳояш ба мавориде бармехӯрад, ки хатои онҳоро кашф мекунад; мебинад шинохти ӯ ғалат, хато ва иштибоҳ будааст.

Мисоле аз умури ҷузъӣ зикр мекунанд: шумо бо як нафар дӯст мешавед, муддате бо ӯ муошират мекунед ва мӯътақид мешавед, ки ӯ одами хубе аст, инсони содиқ ва бовафо ва беҳилаву найранге аст. Ҳар кас ҳам, ки аз шумо дар бораи ӯ мепурсад, ин тавр роҷеъ ба ӯ гувоҳӣ медиҳед. Баъд аз муддате, ки як мусофират бо ӯ меравед ё як васлат бо ӯ мекунед ва ё як ширкати муомилотӣ бо ӯ ташкил медиҳед, якмартиба ақидаи шумо тағйир мекунад ва шак намекунед, ки дар мавриди ӯ иштибоҳ карда будед; ба мардум мегӯед, ман қаблан ӯро одами хубе мешинохтам, ҳоло фаҳмидам, ки иштибоҳ кардам, ӯ одами баде аст. Ин як мисоли ҷузъӣ аст.

Дар масоили илмӣ фаровон ёфт мешавад, ки уламои як фанн қонунеро дар табиат ба ҳисоби худ кашф мекунанд ва даҳҳо ва гоҳе садҳо сол эътиқодашон бар он тааллуқ мегирад, вале муддате баъд дигарон мутанаббеҳ мешаванд, ки шинохте, ки гузаштагон дар фалон масъалаи табиат доштаанд иштибоҳ буда ва ҳақиқат чизи дигаре аст. Инҷост, ки масъалаи “ҳақиқат” дар боби “шинохт” матраҳ мешавад; маълум мешавад шинохтҳо ду гуна аст: шинохте, ки ҳақиқат аст ва шинохте, ки хатост.[31]

Ҳол, ки матлаб ба инҷо расид, ду суол матраҳ мешавад:

---

[31] *Гоҳе ба ҷои ҳақиқат ва хато саҳеҳ ва ғалат ба кор бурда мешавад; мегӯянд: “шинохти саҳеҳ” ва “шинохти ғалат” ва гоҳе ба ҷои ин ду сидқу кизб ба кор меравад: “шинохти ростин” ва “шинохти дурӯғин”.*

1) Таърифи “ҳақиқат” ва қаҳран нуқтаи муқобилаш “хато” чист? Вақте мегӯем, як шинохт ҳақиқат аст, ҳақиқатро чӣ гуна бояд таъриф кунем?
2) Баъд аз он ки ҳақиқатро таъриф кардем — ба ҳар наҳв, ки таъриф карда бошем — меъёр ва маҳак барои ташхиси ҳақиқат будани шинохт аз ғалат будани он ва барои ташхиси шинохтҳои ҳақиқӣ аз шинохтҳои ғалат чист? Бо чӣ меъёре метавон ба даст овард, ки ин шинохт ҳақиқат аст ё ғалат?

## Таърифи “ҳақиқат” аз назари уламои қадим ва ишколоти матраҳшуда

Мепардозем ба масъалаи аввал яъне таърифи “ҳақиқат”. Уламо ва файласуфони қадим ҳақиқӣ будани як шинохтро инчунин таъриф мекарданд: шинохт ё мутобиқ бо воқеъ ва нафсуламр аст ва ё мухолиф ва ба таъбири дигар, зеҳн ва фикри мо ё мунтабиқ бо айн аст ё мунтабиқ нест; шинохти ҳақиқӣ яъне он шинохте, ки бо воқеъ мутобиқ аст ва ба баёни дигар, он зеҳнияте, ки бо айният мунтабиқ аст, он фикре, ки бо вуҷуди хориҷӣ мутатобиқ аст.
Уламо ва фалосифаи қадим дар ин таъриф тардиде надоштанд ва ишколотеро, ки бар ин таъриф ворид мешуд, худашон матраҳ мекарданд ва ҷавоб медоданд.
Аз ҷумлаи андешаҳое, ки дар асри ҷадид пайдо шуд, масъалаи таърифи ҳақиқат аст, ки оё ҳақиқат — яъне шинохти ростин ва саҳеҳ — он аст, ки мутобиқ бо воқеъ бошад, зеҳн мутобиқ бо айн бошад? Гуфтанд: на, ин таъриф ғалат аст; дар баъзе аз маворид метавонад дуруст бошад, вале барои ҳамаи мавориД дуруст нест. Масалан, дар масоили ҳиссӣ ва табиӣ ва таҷрибӣ каму беш метавон гуфт, ин таъриф мутобиқ аст. Ба унвони мисол, вақте дар пизишкӣ мегӯянд, фалон шайъ иллати саратон аст, метавонем бигӯем ин фикр ё мутобиқ бо воқеъ аст ва ё нест, яъне агар он шайъ дар олами айн эҷоди саратон мекунад, ин андеша мутобиқ бо воқеъ аст ва агар намекунад, ин андеша андешаи дурӯғин аст. Аммо ҳамаи шинохтҳо, ки ин гуна нест.
Гуфтаанд, ин таъриф дар мавриди риёзиёт сидқ намекунад. Шумо дар ин илм як силсила аҳком баён мекунед, масалан: нисбати муҳити доира ба қутри он, фалон адад аст; ё хатти мустақим чунин хоссияте дорад. Аслан дар табиат доира ба шакле, ки як нафар риёзидон дар зеҳни худ фарз мекунад вуҷуд надорад, яъне дар табиат, як мунҳании масдуд, ки фосилаи тамоми нуқоти он бо як нуқтаи марказӣ мусовӣ бошад вуҷуд надорад; ин фақат

фарзи зеҳни мост. Пас агар бигӯем дониши ростин, шинохти ростин ва шинохти ҳақиқӣ он аст, ки бо воқеъ мунтабиқ бошад, зеҳние аст, ки бо айн мунтабиқ бошад, шомили риёзиёт намешавад, зеро аҳкоми риёзӣ айният надорад, умуре зеҳнӣ аст, ки бо худи зеҳн мунтабиқ аст.

Ҳамчунин аст дар масоиле, ки марбут ба худи зеҳн аст, мисли қазоёи мантиқӣ ё қазоёи равонӣ ва равоншиносӣ. Агар шумо дар равоншиносӣ бигӯед, ҳар идроке ҳамроҳи худ як отифа дорад, чунин чизе дар берун аз зеҳни мо ва дар берун аз даруни мо вуҷуд надорад; он чи вуҷуд дорад, дар даруни мо вуҷуд дорад. Пас боз мутобиқ будан бо олами айн дар инҷо маънӣ надорад.

Ҳамчунин гуфтаанд, дар масоили таърихӣ низ мутобиқ бо айн будан маънӣ надорад. Чаро? Чун масоили таърихӣ яъне масоили марбут ба гузашта ва гузашта вуҷуд надорад ва асосан маъдум аст. Вақте мегӯед, як шайъ бо шайъи дигар мутобиқ аст, масалан ин дасти ман бо дасти дигари ман мутобиқ аст, бояд ҳар ду вуҷуд дошта бошанд, то бар якдигар интибоқ пайдо кунанд. Қазоёи таърихӣ дар бораи масоиле аст, ки он масоил маъдум аст. Вақте мегӯем, Нодиршоҳ дар фалон сол сипоҳ ташкил дод ва ба тарафи Исфаҳон, ки афғонҳо онро ишғол карда буданд омад ва дар Мӯрчахӯрти Исфаҳон бо афғонҳо ҷангид ва онҳоро шикаст дод, ҳама сухан аз вақоеъе аст, ки дар гузашта мавҷуд буда ва акнун маъдуми мутлақ аст. Ҳол, ки маъдум аст, ман бигӯям ин сухан рост аст ё дурӯғ? Мегӯед, рост аст, чун мутобиқ бо воқеъ аст. Мегӯям, воқее вуҷуд надорад, “воқеъ” алъон маъдум аст.

Аз ҳамаи инҳо болотар ин аст, ки гуфтаанд, ин масъала, ки ҳақиқат амре аст, ки бо воқеъ мунтабиқ бошад, ношӣ аз фикри субот дар ҷаҳон аст, яъне инро касоне гуфтаанд, ки фикр мекарданд ҷаҳон собит ва беҳаракат аст, вале ҳол, ки маълум шуда ҷаҳон мутағайир аст ва дар ду лаҳза ба як ҳол нест ва ҳеч ҳолатеро дар ду “он” надорад, пас шинохти худро бо чӣ чизе мунтабиқ мекунед? То як шайъ собит набошад, намешавад чизеро бар он мунтабиқ кард. Чун ҷаҳон субот надорад, мунтабиқ будани зеҳн бо айн ва воқеъ, бемаънӣ аст.

Инҳо як силсила эродҳост, ки бар таърифе, ки уламои қадим ва қудамои мо дар мавриди ҳақиқат ироа додаанд ворид кардаанд ва баъд гуфтаанд, ба хотири вуҷуди ин ишколот бояд аз ин таъриф даст бардошт. Оё ин эродҳо ворид аст ё ворид нест? Оё уламои қадим мутаваҷҷеҳи ин эродҳо будаанд ё набудаанд? Матлабе аст, ки агар фурсат кардам, дар ҳамин мабоҳис арз мекунам. Албатта ҳеч кадом аз ин эродҳо ворид ва дуруст нест.

# Таорифи дигари “ҳақиқат”

Чун ин эродҳоро ворид медонистанд, гуфтанд, бояд барои шинохти ростин, ростин будан ва ҳақиқат будан, таърифи дигаре ироа диҳем. Ҳол, таърифи “ҳақиқат” чист? Иддае гуфтанд, агар як фарди танҳоро дар назар бигирем, ҳақиқат иборат аст аз андешае, ки дар зеҳни он фард вуҷуд дорад ва бо андешаҳои дигари ӯ созгор аст. Яъне андешае, ки дар зеҳни шумо пайдо мешавад агар бо соири андешаҳои шумо созгор дарояд ва танокуз надошта бошад, ҳақиқат аст, вале агар андешаҳои дигари шуморо нафй кунад ва бо онҳо созгор набошад ғалат аст. Ва агар ҷомеаро дар назар бигирем, ҳар андешае, ки дар як замон азҳони донишмандон бар он тавофуқ дошта бошанд ҳақиқат аст; агар мардуми як замон ҳарчанд барои муддати як насл ва ҳатто барои чанд сол андешаеро бипазиранд ва ҳама рӯи он тавофуқ кунанд, он андеша ҳақиқат аст. Пас, аз назари инҳо таърифи ҳақиқат чунин аст: “Андешае, ки мардуми як замон бар он тавофуқ доранд”. Мегӯем, агар мардуми замони дигар омаданд ва андешае хилофи он пайдо карданд, дар ин сурат кадом як ҳақиқат аст? Мегӯянд: дар замони инҳо ҳақиқат чизи дигар аст; дар он замон чун мардум рӯи он масъала ба он шакл тавофуқ доштанд, ҳамон ҳақиқат будааст, ҳол, ки мардум ба сурати дигаре фикр мекунанд, ин ҳақиқат аст, на ин ки он хато буда ва ин ҳақиқат аст, ё ин хатост ва он ҳақиқат. Масалан, то ду ҳазор сол баъд аз *Батламюс* (*Ptolemy*) уламои нуҷум ва ҳайат эътиқодашон бар ин буд, ки замин маркази олам аст[32] ва афлок нӯҳгона ба даври замин мечарханд ва хуршед ба табаи фалаке, ки аз ҳамаи афлок бузургтар аст (фалакулафлок) ва фалакҳои дигарро бо худ мечархонад — ва ҳар фалаке низ худаш ҷудогона гардише дорад — ҳар бисту чаҳор соат як бор даври замин мечархад ва аз он, шабонарӯз падид меояд. Ақаллан, ду ҳазор сол уламои нуҷум ва ғайри нуҷум эътиқодашон бар ин буд. Бинобар ин, ду ҳазор сол ҳақиқат ин буда, ки хуршед ба даври замин мечархад. Аз замони *Коперник* (*Nicolaus Copernicus*) ва *Галилей* (*Galileo Galilei*) гуфтанд: “Хайр, замин ба даври хуршед мечархад”, пас ҳоло ҳақиқат ин аст, зеро мардуми олам инро қабул кардаанд. Он замон он ҳақиқат буда

---

[32] *Албатта ба нудрат афроде — ҳам дар Юнони қадим ва ҳам дар миёни уламои исломӣ — пайдо шудаанд, ки лоақал ба сурати эҳтимол гуфтаанд, ки ин матлаб собит нест; мисли Абӯрайҳони Берунӣ. Шайх Баҳоӣ низ дар яке аз навиштаҳояш мегӯяд, ин ҳарф собит нест. Вале ин афрод нодиранд, дар ҳар чанд сад сол як олим пайдо шудааст; басо сад сол, дивист сол, сесад соли гузашта ва ҳама иттифоқи назар доштаанд.*

ва акнун ин ҳақиқат аст. *Огюст Конт* (*Auguste Comte*)-и фаронсавӣ шинохти ростинро инчунин таъриф мекунад.

Возеҳ аст, ки ин, таърифи ғалате аст, ки бигӯем он рӯз он ҳақиқат буд ва имрӯз ин ҳақиқат аст ва фардо — агар ба гунаи дигаре фикр кунанд — он ҳақиқат хоҳад буд.

Баъзе дигар шинохти ростинро ба гунаи дигар таъриф карданд; гуфтанд: шинохти ростин он шинохте аст, ки асари муфид ба ҳоли башар дошта бошад.

Уламои қадим (уламои исломӣ) миёни "ҳаққ" ва "нофеъ" тафкик мекарданд; мегуфтанд: ҳақ будан — яъне мутобиқ бо воқеъ будан — ба худии худ як масъала аст ва нофеъ ва муфид будан масъалаи дигаре аст; ин ки як шайъ ҳақ аст як чиз аст ва ин ки муфид аст чизи дигаре аст; ҳол оё ин ду талозум доранд ё надоранд, оё ҳар чи ҳақ аст муфид аст ва ҳар чи муфид аст ҳақ аст ё хайр, масъалаи дигаре аст.

## Робитаи "ҳаққ" ва "муфид" дар умури ҷузъӣ ва куллӣ

Мумкин аст андешае ғалат бошад, вале ҳамон андешаи ғалат ба ҳоли башар муфид бошад. Масалан, падари пири бемореро, ки писари ҷавони мавриди алоқае дорад дар назар бигиред. Писарашро барои таҳсил ба як кишвари дурдаст фиристода ва аз ӯ хабаре надорад ва писараш мурдааст. Инҷо агар ҳақиқатро ба ӯ бигӯянд, ба ҳолаш зиён дорад; ҳақиқат аст, аммо ба ҳоли ӯ музир аст. Вале агар ба ӯ бигӯянд, бачааш зинда ва машғули таҳсил аст, ба ҳоли ӯ муфид аст.

Пас дар инҷо ҳақ будан ва муфид будан, аз якдигар ҷудо мешаванд. Гӯ ин ки дар масоили куллӣ ҳақ будан ва муфид будан ду масъалаанд, ки аз якдигар инфикок намепазиранд, аммо дар масоили ҷузъӣ, ҳақ ва муфид, ҳақиқат ва маслиҳат аз якдигар инфикок мепазиранд.

Саъдӣ дар "*Гулистон*" ҳикояти маъруфе дорад:

"*Подшоҳеро шунидам, ба куштани асире ишорат кард. Бечора дар ҳолати навмедӣ маликро дашном додан гирифт ва сақат гуфтан... Малик пурсид: чӣ мегӯяд? Яке аз вузарои некмаҳзар гуфт: эй худованд, ҳамегӯяд: "Вал-козиминал-ғайзи вал-офина ъанин-носи" (тарҷумааш: "Пӯшандагони ғазаб ва бахшояндагони гуноҳи мардум"). Маликро раҳмат омад ва аз сари хуни ӯ даргузашт. Вазири дигар, ки бар зидди ӯ буд, гуфт: абнои ҷинси моро нашояд дар ҳазрати подшоҳон ҷуз ба ростӣ сухан гуфтан. Ин маликро дашном дод ва носазо гуфт. Малик аз ин сухан рӯй дарҳам овард ва гуфт: маро он дурӯғ писандидатар*

*омад аз ин рост, ки ту гуфтӣ, ки рӯи он дар маслиҳате буд ва бинои ин бар хабосате ва хирадмандон гуфтаанд: “Дурӯғе маслиҳатомез беҳ, ки аз росте фитнаангез.*”

Чунонки арз кардам, дар умури ҷузъӣ гоҳе як амр ҳақиқат аст, вале хайр нест, муфид ва маслиҳат нест; ҳамчунон ки гоҳе як амр ҳақиқат нест, аммо муфид аст: хун бегуноҳе мехоҳад рехта шавад, агар шумо ҳақиқатро бигӯед хунаш рехта мешавад, аммо агар ҳақиқатро кетмон кунед, ҷонеро ҳифз кардаед.

Пас дар масоили ҷузъӣ, ҳақиқат будан ва муфид будан, ду амри ҷудо ҳастанд. Дар масоили куллӣ ҳам ҳақиқат будан ва муфид будан ду масъала ҳастанд, бо ин тафовут, ки дар масоили куллӣ ҳамеша миёни ҳақиқат будан ва муфид будан талозум аст.

## Назари Қуръон дар бораи талозуми “муфид” ва “ҳақиқат” дар умури куллӣ

Ояте, ки дар сураи муборакаи Раъд аст ин матлабро баён мекунад, ки миёни “ҳақиқат будан” ва “муфид будан” дар масоили куллӣ талозум аст ва талозумро аз ин тараф баён мекунад, ки ҳар чи ҳақиқат аст муфид ҳам ҳаст. Қуръон дар онҷо масале меоварад:

**أَنْزَلَ مِنَ السَّمَاءِ مَاءً فَسَالَتْ أَوْدِيَةٌ بِقَدَرِهَا فَاحْتَمَلَ السَّيْلُ زَبَدًا رَابِيًا وَمِمَّا يُوقِدُونَ عَلَيْهِ فِي النَّارِ ابْتِغَاءَ حِلْيَةٍ أَوْ مَتَاعٍ زَبَدٌ مِثْلُهُ كَذَلِكَ يَضْرِبُ اللَّهُ الْحَقَّ وَالْبَاطِلَ فَأَمَّا الزَّبَدُ فَيَذْهَبُ جُفَاءً وَأَمَّا مَا يَنْفَعُ النَّاسَ فَيَمْكُثُ فِي الْأَرْضِ كَذَلِكَ يَضْرِبُ اللَّهُ الْأَمْثَالَ**

(*Сураи Раъд, ояти 17*) Оби борон меояд, сел ҷорӣ мешавад ва дар кӯҳҳо ва доманаҳо мерезад. Сел, ки ҳаракат мекунад, дар хилоли ҳаракаташ тадриҷан кафе ба вуҷуд меоварад. Каф он қадр зиёд мешавад, ки рӯи обро мегирад ба тавре, ки инсон фақат кафро мебинад ва обро намебинад ва ҳол он ки он нерӯе, ки селро ҳаракат медиҳад нерӯи об аст ва каф агар ҳаракат мекунад бо нерӯи об ҳаракат мекунад на бо нерӯи худаш.

Қуръон мегӯяд: каф ба суръат аз байн меравад, аммо об ба далели ин ки нофеъ аст боқӣ мемонад. Мегӯяд, ҳаққу ботил масалаш ин аст. Ботил амре аст, ки ба табаи ҳақ ва дар партави он пайдо мешавад ва аз нерӯи ҳақ истифода мекунад мисли он кафе, ки бо нерӯи об ҳаракат мекунад. Аммо каф фоидае надорад, об аст, ки ба дарди зироат ва умури зиёди дигаре мехӯрад. Каф зуд аз байн меравад ва ҳаво мешавад, вале об дар замин макс мекунад.

Масали ҳаққу ботил ин аст. **Ҳақиқат ба далели ин ки муфид аст, боқӣ мемонд**. Қуръон ҳақро қобили бақо медонад ва барои он, ҳаққи бақо қоил аст, вале барои ботил, ҳаққи бақои ҷовидона қоил нест, бақои бисёр муваққат ва зудгузар қоил аст.

Иддае гуфтаанд, миёни "ҳаққ" ва "муфид" набояд тафкик кард, аслан ҳақ будан яъне муфид будан. Шумо мегӯед, ҳақ будан яъне мутобиқ бо воқеъ будан ва он чи дар (умури куллӣ) мутобиқ бо воқеъ аст, муфид ҳам ҳаст; мегӯянд аслан "мутобиқ бо воқеъ"-ро раҳо кун, бигӯ ҳақ будан яъне муфид будан.

*Уилям Ҷеймс* (*William James*), файласуф ва равоншиноси бисёр маъруфи омрикоӣ ва ҷаҳонӣ назараш дар ин боб ин аст.

## Таърифи севвуми ҳақиқат

Баъзе дигар ҳақиқатро ба шакли дигаре таъриф кардаанд, ки ин назар ва назари чаҳоруме, ки зикр мекунам имрӯз матраҳ аст. Гуфтаанд: аслан ҳақиқат ва хато ба он шакл, ки шумо мегӯед маънӣ надорад. Ҳақиқат чизе аст, ки дар натиҷаи бархӯрди қувваҳои идрокии мо бо олами хориҷ пайдо шуда бошад (тез, антитез, синтез). Агар ҳавосси мо дар муқобили айнияти хориҷӣ қарор гирад, он айнияти хориҷӣ рӯи (ҳавосс мо) асар мегузорад ва ҳавос ҳам аксуламале аз худ нишон медиҳад. Масалан, ба инсоне, ки рӯбарӯи мост нигоҳ мекунем. Агар он инсон набошад, ки мо наметавонем бибинем. Вақте, ки ҳаво равшан аст ё чароғе вуҷуд дорад, нуре, ки ба ӯ метобад дар чашми мо мунъакис мешавад ва тасвире дар шабакияи чашми мо ба вуҷуд меоварад. Вале чашми мо фақат асарпазир нест, асарбахш ҳам ҳаст, яъне аз худаш аксуламал нишон медиҳад. Он тасвире, ки дар шабакияи чашми ман қарор мегирад, вазъи хоссе ба худаш мегирад. Ҳақиқат яъне он чи, ки маълули бархӯрди олами айн ва олами зеҳн бошад. Ҳар чи, ки маълули ин (бархӯрд) бошад, исмаш ҳақиқат аст, на ҳар чиз, ки мутобиқ бо воқеъ бошад.

Мегӯем, гоҳе ду нафар дар они воҳид як чизро ду гуна ҳис мекунанд ва ҳатто як нафар дар они воҳид як чизро ду ҷур ҳис мекунад. Масалан, касе, ки бемории зарда (желтуха) дорад ва тухми чашмаш зардӣ гирифтааст вақте ба як шайъ нигоҳ мекунад, онро зард мебинад. Ман, ки чашмам солим аст онро ба ранге, ки ӯ мебинад намебинам, ба ранги дигаре мебинам, ки аксари мардум мебинанд. Кадом як ҳақиқат аст? Мегӯянд, ҳар ду ҳақиқат аст ва ҳеч кадом хато нест. Аъсоби ту дар муқобили он як навъ аксуламал нишон дода, аксуламали аъсоби худат аст, пас ҳақиқат аст; аъсоби ӯ ба гунае дигар аксуламал нишон

дода, он ҳам боз ҳақиқат аст, чун билохира маълули аъсоби худи ӯст. Агар сад нафар як шайъро сад шакл бибинанд, дар инҷо сад ҳақиқат мавҷуд аст.

Мегӯянд, ин афкор (мутобиқат бо воқеъ ва ин ҳарфҳо) аз онҷо пайдо шудааст, ки шумо ҳақиқатро мутлақ андешидаед, ҳақиқат нисбӣ аст… Нисбат ба ман ин ҳақиқат аст, нисбат ба шумо он ҳақиқат аст ва нисбат ба дигаре чизи дигаре ҳақиқат аст ва ҳеч кадом ҳам хато нест.

Ҳатто барои як нафар, дар они воҳид мумкин аст ду ҳақиқати нисбӣ вуҷуд дошта бошад: дасти росттро даруни оби 60 дараҷа бигузор ва дасти чапатро даруни об сифр дараҷае, ки ях набастааст. Дасти ростат гарм мешавад ва дасти чапат сард. Баъд ҳар ду дастатро ҳамзамон даруни оби 20 дараҷа бибар, бо дасти ростат эҳсоси сардӣ ва бо дасти чапат эҳсоси гармӣ мекунӣ. Алъон нисбат ба ту дар они воҳид ду ҳақиқат вуҷуд дорад. Аслан ҳақиқат ҷуз ин чизе нест. Пас ҳақиқат нисбӣ аст. Шинохти ростин, мутлақ нест, ки бигӯем шинохти ростини фалон чиз чӣ гуна аст? Агар бигӯям дар бораи он рафиқи ман, ки дар собиқ ӯро одами хубе медонистам ва акнун одами баде (чӣ мегӯед,) мегӯянд ҳар ду ҳақиқат аст; дар он замон, яъне дар маҷмӯи шароите, ки дар он мавқеъ дар он шароит зиндагӣ мекардӣ ва шароите, ки рафиқат дошт, ҳақиқат ин буд, ки ӯ одами хубе аст ва ҳоло дар ин шароит, ҳақиқат барои ту ин аст, ки ӯ одами баде аст.

Ҳам он ҳақиқат аст ва ҳам ин. Ҳақиқат нисбӣ аст, мутлақандеширо дар шинохтҳо бояд канор гузошт.

Имрӯз мебинед чӣ қадр ин ҷумла роиҷ аст, ки “мутлақандешӣ маънӣ надорад”, “ҳар андешаеро ба сурати нисбӣ бояд талаққӣ кард”; андешаи Батламюсро нисбат ба замони худаш (бояд санҷид), нисбат ба Батламюс ва ҳамаи батламюсиҳо ҳақиқат он буд, яъне дар маҷмӯи он шароит наметавонистанд ғайр аз он биандешанд ва барои онҳо ҳақиқат ҳамон буд, ки худашон меандешиданд; аз замони Коперник ба ин тараф шароит иваз шуд ва ҳақиқат барои донишмандони муосир чизи дигаре гардид. Агар рӯзе мегуфтанд, аносур чаҳортост, нисбат ба онҳо ҳақиқат ҳамон буд, имрӯз ҳам, ки мегӯянд, аносур саду чандтост, барои инҳо ва нисбат ба инҳо ҳақиқат ин аст. Агар мардуме дар як замон ё дар як макон мегӯянд, Худо ҳаст, барои онҳо ҳақиқат ҳамин аст, ки Худо ҳаст ва агар иддае дигар дар замон ва шароити дигаре мегӯянд Худо нест, барои инҳо ҳақиқат ҳамин аст, ки Худо нест. Аслан ҳақиқат ҳамин аст, ки мегӯем.

Ин назария, назарияе аст, ки материалистҳои замони мо ғолибан гуфтаанд ва мегӯянд.

## Назарияи чаҳорум

(Дар хусуси таърифи ҳақиқат ва ин ки ҳақиқат ба чӣ маъност) назарияи чаҳоруме ҳаст, ки аз назарияи севвум дақиқтар ва беҳтар аст ва бисёре аз авқот материалистҳо ин назарияро иброз медоранд. Ин назария на танҳо назарияе аст, ки материалистҳо мегӯянд, балки назарияе аст, ки баъзе ғайри материалистҳо — мисли бисёре аз илоҳиюн — низ онро қабул доранд ва ҳанӯз ҳам бисёре аз илоҳиюн назарашон ҳамин аст… Мо ин назарияро қабул надорем, ки иллаташро арз хоҳам кард.

Бисёре аз материалистҳо ба ин назария часпиданд ва гуфтанд, таърифи ҳақиқат ҳеч кадом аз инҳо нест; таърифи ҳақиқат ин аст: “**Ҳар андешае, ки таҷриба ва амал онро таъйид кунад, ҳақиқат аст ва ҳар андешае, ки таҷриба ва амал онро таъйид накунад, ҳақиқат нест.**”[33]

Ҳар фарзияе, ки як донишманд иброз медорад агар дар мақоми амал, хуб ҷавоб дод, ҳақиқат аст, чун дар амал хуб ҷавоб додааст. Замоне *Нютон* (*Isaac Newton*) фарзияе иброз дошт ба номи фарзияи “ҷозибаи умумӣ”. Ӯ механизми ҳаракати курраҳо ва ҳамаи ҷисмҳоро бар асоси як формула, ки исми он “қонуни ҷозибаи умумӣ” аст баён кард; гуфт: аҷсом ба гунае ҳастанд — ва худаш мегуфт, ҳақиқати ин ҳолатро намедонам чист — ки якдигарро ҷазб мекунанд ва миқдори ин ҷазб ба ҳаҷм ва фосилаи онҳо бастагӣ дорад. Таҷорибе, ки бисёре ба муддати сад сол, дивист сол мекарданд, бо асоси қонуни ҷозибае, ки Нютон иброз дошта буд татбиқ мекард, яъне ин қонун роҳнамо буд ва тамоми таҷориб онро таъйид мекард; пас ҳақиқат он буд.

Баъд донишмандони дигаре пайдо шуданд ва назариёти ҷомеътаре пайдо карданд. Назарияи “нисбияти омма” пайдо шуд. Ин қонун дар таҷрибиёти васеътаре қобили интибоқ буд ва қонуни Нютонро (аз умумияташ) нақз кард ва ба ҷойи он нишаст. Он ҳақиқат буд, ин ҳам ҳақиқат аст, чун онро таҷрибаҳои замони худаш таъйид мекард ва инро таҷрибаҳои замони худаш бештар таъйид мекунад; ҳақиқат ҳам ҷуз ин нест, ки таҷриба таъйид кунад. Агар фардо назари дигаре пайдо шавад, ки боз таҷрибаҳои васеътаре онро таъйид кунад ва он

---

[33] *Иштибоҳ нашавад; на ин ки ҳақиқат он аст, ки мутобиқ бо воқеъ аст ва ҳар чи, ки мутобиқ бо воқеъ аст, дар таҷрибаи амалӣ хуб аз об дармеояд. На. Мегӯянд, аслан “мутобиқ бо воқеъ”-ро раҳо кун.*

таҷрибаҳои васеътар натавонад нисбияти оммаро таъйид кунад, он ҳам ҳақиқат аст ва аз ин ҳақиқаттар аст.

Инҳо як силсила таърифҳо дар заминаи шинохти ростин аст. Чаҳор таърифи асосӣ дар инҷо арз кардем, ки бо таърифе, ки уламои қадим мекарданд — ки ҳақиқат яъне андешаи мутобиқ бо воқеъ ва нафсуламр — дар маҷмӯъ панҷ таъриф аҷолатан барои ҳақиқат ба даст овардем. Ҳол, кадом як аз ин таърифҳо дуруст аст ва кадом як ғалат? Иҷоза бидиҳед, ки мо баҳси дуввуми худамонро ҳам матраҳ кунем, баъд агар фурсате буд, онро ҳам бароятон тарҳ мекунем.[34]

---

[34] *Имшаб охири он ҳашт шабе аст, ки бино буд дар инҷо сӯҳбат кунам ва хаёл мекардам, ки шояд битавонам дар ҳашт шаб ҳамаи масоили баҳси шинохтро баён кунам, вале баъд дидам доманаи баҳс густурдатар аст. Мо то ин ҷаласа, ҳашт мабҳас аз мабоҳиси шинохтро гуфтем, ки баъзеро ба ихтисор баён кардем: таърифи шинохт, арзиш ва аҳаммияти шинохт, имкони шинохт, манобеи шинохт, абзори шинохт, мароҳили шинохт ва масъалаи милок ва меъёри шинохт, ки дар ин ҷаласа унвон кардем. Ба андозаи ҳамин миқдор ҳанӯз масъала дорем, ки баъзе аз ин масоил лоақал аз баъзе масоили гузашта аҳаммияташ бештар аст ва камтар нест, мисли масъалаи муҳтавои шинохт, масъалаи ангезаи шинохт, методи шинохт, мавзӯоти шинохт, анвоъи шинохт (шинохти ба истилоҳ статикӣ ва шинохти динамик, шинохти ҷомид ва шинохти пӯё ва мутаҳаррик, ки имрӯз матраҳ кардаанд), сабот ва тағйири шинохт (оё шинохт собит аст ё мутағайир?), такомули шинохт ва муваққат будан ё набудани шинохт. Ин масоил ҳама мемонад ва чун бисёре аз дӯстон ҳам моил буданд, ки ин баҳсҳо ба итмом бирасад, балки ҳамаи инҳо иншоаллоҳ ба сурати як баҳси комиле баъдан чоп шавад, қарор бар ин шуд, ки дар шабҳои шанбе ин баҳсҳо идома пайдо кунад.*

*Бори дигар ба ҳамаи ҷавонон, донишҷӯён — бахусус донишҷӯёни мусалмонзода аъамм аз он ки алъон афкори исломӣ дошта бошанд (ки чӣ беҳтар) ва ё дучори як навъ шакҳо, шубҳаҳо ва ё Худой нохоста инҳирофҳо дар ин масоил ҳастанд — эълом мекунам, ки бо камоли самимият аз онҳо дар инҷо пазироӣ мекунам, яъне омода ҳастам суолоти онҳоро дар инҷо гӯш кунам. Суолот ва масоилашонро — ва дар дараҷаи аввал масоиле, ки феълан ба ин баҳс марбут аст — матраҳ кунанд ва суолотеро, ки ба баҳси мо марбут намешавад бойгонӣ мекунем ва дар фурсати муносиб онҳоро ҳам тарҳ мекунам. Умедворем, ки бо лутфи Худои*

Гуфтем, **масъалаи “таърифи шинохт”, ки ҳамон милоки ҳақиқат аст, як масъала аст ва масъалаи “меъёри шинохт” масъалае дигар**. Суол ин аст: таърифи ҳақиқатро ҳар чи донистем, аз чӣ роҳ ба даст биёварем, ки як шинохт, ростин аст ё ростин нест? Инҷо як ихтилофи назари бисёр асосӣ ва усулӣ миёни уламои исломӣ аз як тараф ва бисёре аз уламои ҷадид — аъамм аз илоҳӣ ва моддӣ — аз ҷониби дигар вуҷуд дорад. Уламои исломӣ мӯътақид буданд, ки ҳамеша меъёри шинохт аз навъи шинохт аст, яъне илм, меъёри илм аст. Инҷо буд, ки илмро тақсим ба илми бадеҳӣ ва илми назарӣ мекарданд ва илми бадеҳиро меъёри илми назарӣ мегирифтанд. **Уламои ҷадид гуфтанд: илм меъёр ва маҳаки илм нест, “амал” меъёр ва маҳаки илм аст**. Яъне ҳар илме, ҳар андешае ва ҳар шинохте, ки дар амал бишавад онро пиёда кард (ҳақиқӣ ва ростин аст ва ин амр) меъёри ҳақиқӣ будан ва ростин будани он аст. Ва агар дар амал пиёда нашавад, ба ду шакл фарз мешавад: як вақт қобили пиёда кардан нест ба ин маъно, ки намешавад башар онро пиёда кунад,[35] дар ин сурат нашинохтанӣ аст; ва як вақт қобили пиёда кардан нест, ба ин маъно, ки дар амал зиддаш собит мешавад, дар ин сурат ботил аст.

Инҷост, ки масъалаи амал ба шакли хоссе матраҳ мешавад: масъалаи ин ки амал меъёри андеша аст, масъалаи ин ки амал калиди андеша аст ва масъалаи ин ки амал омили пешрафти андеша аст, ки бисёре аз ин масоил дуруст аст.

## Иттиҳом ба уламои исломӣ

Умда ин масъала аст, ки **оё амал меъёри андеша аст**? Инҷо баъзе мағлата карда ва гуфтаанд: касоне, ки илмро меъёри илм медонанд, ҳатто ба ин ки амал калиди андеша аст — яъне аз роҳи амал, андешаро метавон ба даст овард — эътиқод надоранд (чун ду масъала

---

*Мутаъол ин мабоҳис барои ҳамаи мо муфид воқеъ шавад ва сабаби равшании афкор ва ошноии бештар бо маорифи исломӣ гардад.*

[35] *Мисли ин ки оё ҷаҳон азалӣ аст? Ё на, аз умри ҷаҳон миллионҳо ё миллиардҳо сол мегузарад, вале билохира азалӣ нест? Барои ниҳояти ҷаҳон ва абадӣ будани он низ (назири ин суолро метавон матраҳ кард). Инҳоро, ки наметавон таҳти таҷриба ва озмоиш даровард, қобили озмоиш нест ва он чи қобили озмоиш нест, нашинохтӣ аст. Ин қабил масоил ва ҳамчунин масоили марбут ба илоҳиёт аз назари ин донишмандон масоили нашинохтанӣ аст.*

аст: яке ин ки бо амал мешавад андешаро касб кард ва дигар он ки амал меъёри сиҳҳати андеша аст). Уламои қадимро муттаҳам карданд, ки ҳатто инро ҳам қабул надоштаанд, ки андешаро бо амал метавон ба даст овард. Албатта ман қабул дорам, ки фалсафаи Юнон чунин нақси бузурге дорад, вале имрӯз худи фарангиҳо ҳам қабул доранд, ки дар тамаддуни исломӣ ва ҷаҳони ислом — ки реша, худи Қуръон аст — улум аз он ҷанбаи илмии маҳз хориҷ шуд ва ҷанбаи амалӣ ба худ гирифт ва дар улуми таҷрибӣ, ҷаҳони ислом нисбат ба тамаддуни Юнон басе тақаддум ва пешравӣ дорад. Иқболи Лоҳурӣ яке аз касоне аст, ки ин масъаларо ба хубӣ тавзеҳ додааст.[36] Ҳатто Бертран Рассел дар китоби "*Ҷаҳонбинии илмӣ*" иқрор мекунад, ки "*тамаддун ва фарҳанги исломӣ бештар аз тамаддун ва фарҳанги юнонӣ ба илм ҷанбаи амалӣ дод ва боби улуми таҷрибиро боз кард*", ки ин худаш достоне дорад.
Бо ин ки Бӯалиро яке аз шогирдони маҳзи Арасту ва аз шогирдони мактаби Арасту мешуморанд, агар касе табииёти "*Шифо*"-ро дуруст мутолеа кунад[37] мавоеидеро мебинад, ки Бӯалӣ мегӯяд: ман ба ин ҳақиқат бо таҷрибаи шахсии худам расидам, ман бо таҷрибаи худам ин матлабро дарк кардам.

## Оё амал калиди андеша аст ё меъёри он?

([38]) Масъалаи ин ки амал барои инсон калиди андеша аст, ҳарфи бисёр дурусте аст, аммо маънояш ин нест, ки калиди мунҳасир аст (дар ин бора феълан намехоҳам баҳс кунам). Дар ин ки яке аз калидҳои бисёр бузурги андешаи инсон, амал аст ҷойи шакку шубҳа нест, вале оё маҳаки сиҳҳати андешаи инсон ҳам амал аст? Инҷост, ки иддае рӯи ин масъала пофишорӣ доранд, ки бале, аслан меъёри дурустӣ ва нодурустии андешаи инсон фақат ва фақат амал аст. Масалан, мегӯянд: ту, ки мегӯӣ фалон кас рафиқи худашро одами хубе медонист, баъд, ки бо ӯ васлат кард ё сафар кард ва ё як ширкат ташкил дод, якмартиба ақидааш ба куллӣ иваз шуд ва гуфт, аҷаб одами баде буда ва мо намедонистем, магар ғайр

---

[36] *Чун китобаш дар дастрас аст исми ӯро мебарам. Дар китоби "Эҳёи фикри динӣ дар ислом" ин мавзӯъро зикр мекунад ва таъйиди уламоеро, ки ин матлабро тасдиқ кардаанд меоварад.*

[37] *Ман худам шахсан қисматҳои зиёде аз китоби "Шифо"-ро истихроҷ кардаам.*

[38] *Дар бораи ин масъала, ки оё амал калиди андеша аст ё меъёри он, устод дар ду ҷаласаи баъд ба тафсил баҳс мекунанд.*

аз ин аст, ки таҷриба ва амал ба ӯ собит кардааст? Пас, бо амал аст, ки инсон метавонад шинохти худро маҳак бизанад, ки оё ин шинохт дуруст аст ё нодуруст.

Вале бисёре аз масоил, қобили маҳаки амалӣ нест. Қаблан арз кардам, ки тамоми уламои олам имрӯз қабул доранд, ки “давр” маҳол аст, яъне агар ду амрро дар назар бигирем, ки вуҷуд пайдо кардани яке аз он ду мутаваққиф бар ин бошад, ки аввал дигарӣ вуҷуд пайдо кунад, чунин амре маҳол аст, ҳеч кадом аз инҳо вуҷуд пайдо намекунанд. Агар шумо ду нафарро даъват ба ҳамкорӣ кунед ва оқои “А” бигӯяд, агар аввал оқои “Б” он чизеро, ки ту мегӯӣ имзо кунад, ман баъд аз ӯ имзо мекунам ва оқои “Б” ҳам бигӯяд, агар аввал оқои “А” имзо кунад, баъд ман имзо хоҳам кард, то абад ин имзо муҳаққақ нахоҳад шуд, чун аввалӣ имзояшро мутаваққиф бар имзои дуввумӣ карда ва дуввумӣ ҳам имзояшро мутаваққиф бар имзои аввалӣ кардааст ва ин маҳол аст. Мо мегӯем, давр маҳол аст, яъне давр “ношуданӣ” аст, на ин ки феълан вуҷуд надорад ва шояд дар оянда вуҷуд дошта бошад, (балки ба ин маъно, ки) дар гузашта ҳаргиз вуҷуд пайдо накарда, имрӯз ҳам вуҷуд надорад ва дар оянда ҳам вуҷуд нахоҳад дошт ва ношуданӣ аст. Амри ношуданиро магар мешавад ба лабаратория бурд ва дар мақоми амал таҷриба кард? Бисёре масоили дигар вуҷуд дорад, ки барои башар матраҳ аст ва тардиду шакке дар он нест, вале илми маҳз аст, қобили ин, ки дар як лабаратория таҷриба шавад ва дар мақоми амал таъйид гардад нест ва ҳол он ки ҳақиқат аст ва аз ҳар ҳақиқате барои инсон равшантар аст.

Робитаи илм ва амал масъалае аст, ки шуъбаҳои зиёде дорад ва дар дунёи Урупо ва бахусус дар марксизм (арзиши зиёде барои он қоил шудаанд). Аз мавориде, ки инсофан бояд барои марксизм имтиёз қоил шуд ин аст, ки барои “амал” арзиши зиёд қоил шудааст, ки иншоаллоҳ агар муваффақ шудам, онро бо арзишҳое, ки фарҳанги ислом барои “амал” дар калиди андеша будан — махсусан дар маорифи маънавӣ — қоил аст муқоиса мекунам; он вақт мебинед, ки матлаб чӣ қадр ҷолиб (аз кор) дармеояд.

Ислом инро қабул надорад, ки танҳо маҳак ва танҳо меъёр барои санҷиши сиҳҳати андеша, амал аст. Инҷост, ки роҳи ду мактаб — дар айни ин ки дар қисматҳое аз боби амал хеле ба якдигар наздик мешаванд — якмартиба дар масъалаи меъёр (-и шинохт) аз якдигар дур мешавад он ҳам ба фосилаи замин то осмон. Ҳол кадом як дуруст аст? Иншоаллоҳ дар ҷаласоти оянда ин матлабро бароятон матраҳ мекунам.

# Баррасӣ таърифҳои ҳақиқат

Расидем ба масъалаи меъёри шинохт ва масъалаи милоки шинохт. Чун дар ҷаласаи пеш миқдоре фишурда сӯҳбат кардем, то ба натиҷа бирасем, вале нарасидем, ночор миқдори каме аз он чиро, ки гуфтем такрор мекунем.

Гуфтем, ки шинохт бар ду қисм аст: шинохти саҳеҳ ва ҳақиқӣ ва шинохти ғалат ва хато. Дар ин ҷиҳат иҷмолан баҳсе нест; ҳар гурӯҳеро, ки дар назар бигирем, шинохтҳоро ба ду қисм тақсим мекунад: шинохтҳои саҳеҳ ва шинохтҳои ғалат. Инҷо ду масъала матраҳ аст: як масъала ин аст, ки аслан маънии саҳеҳ будан ва ҳақиқат будан аз як тараф ва ғалат будан ва хато будан аз тарафи дигар чист? Қудамо фақат як гуна таъриф мекарданд, мегуфтанд: шинохти саҳеҳ ё шинохти ҳақиқӣ яъне шинохти мутобиқ бо воқеъ ва шинохти ғалат ё хато яъне шинохти ғайри мутобиқ бо воқеъ. Баъзе аз уламои ҷадид ба назарашон расид, ки тибқи ин таъриф, хеле аз шинохтҳоро наметавон фаҳмид, ки оё саҳеҳ аст ё ғалат, ҳақиқӣ аст ё хато; гуфтанд, бояд таърифро иваз кунем; ба ҷойи ин ки бигӯем шинохти ҳақиқӣ ва саҳеҳ он аст, ки мутобиқ бо воқеъ ва нафсуламр бошад, мегӯем: шинохти саҳеҳ ва ҳақиқӣ яъне шинохте, ки азҳони як замон онро қабул дошта бошанд. Ҳар шинохте, ки дар як замон мавриди қабули уламо воқеъ шуд шинохти ҳақиқӣ аст ва ҳар шинохте, ки дар он замон мавриди қабул набуд, дар он замон шинохти ғалат аст. Лозимаи ин сухан ин аст, ки як шинохт дар бораи як чиз, дар як замон саҳеҳ бошад ва ҳамон шинохт айнан дар бораи ҳамон чиз, дар замони дигар ғалат бошад. Масалан, уламо аз замони Батламюс (то ҳудуди ду ҳазор сол) иттифоқи назар доштанд, ки замин марказ аст ва хуршед ба даври он мегардад ва азҳон низ рӯи ин масъала тавофуқ доштанд. Тибқи таърифи мазкур, дар он ду ҳазор сол, ҳақиқат ва саҳеҳ ҳамин будааст. Дар ҳудуди сесад сол аст, ки азҳон бар ин тавофуқ кардаанд — ва ин тавофуқ рӯз ба рӯз бештар мешавад — ки хуршед марказ аст ва замин ва чанд сайёраи дигар ба даври он мечарханд. Пас дар ин замон ин (шинохт) ҳақиқат аст.

Аммо бино бар таърифе, ки қудамо мекарданд ин тавр нест, аз ин ду яке ҳақиқат буда ва ҳаст ва хоҳад буд ва дигаре ғалат буда ва ҳаст ва хоҳад буд. Инчунин нест, ки ҳайати Батламюс дар замони худаш ҳақиқат буда ва ҳайати Коперник аз он ба баъд ҳақиқат шудааст. На. Бар асоси сухани қудамо касе, ки имрӯз барои ӯ марказияти хуршед ва ҳаракати замин ба даври он бо далоили мутқан собит шудааст ин тавр бояд бигӯяд: дар он ду ҳазор сол ҳамаи уламо иштибоҳ карда буданд, он чи, ки онҳо мегуфтанд, ҳақиқат набуд, хатои маҳз буд.

# Монандии “иҷмоъ аз назари аҳли суннат” ва назарияи Огюст Конт

Назарияи Огюст Конт дар таърифи ҳақиқат — ки Фелисен Шалли низ он назарияро интихоб мекунад — дар дунёи ислом назири назарияе аст, ки фуқаҳои аҳли тасаннун дар мавриди “иҷмоъ” доранд. Албатта ин як масъалаи иститродӣ аст, ки дар васати калом зикр мекунам, вале бефоида нест.

Ҳам уламои шиа ва ҳам уламои аҳли тасаннун, иҷмоъро мӯътабар медонанд, вале шиа иҷмоъро ба гунае мӯътабар медонад ва суннӣ ба гунае дигар. Аҳли тасаннун мегӯянд, асосан иттифоқи уламо худаш ба истилоҳ “мавзӯият” дорад, яъне агар дар як замон уламои ислом рӯи як масъалаи фиқҳӣ иттифоқи назар пайдо кунанд, ки масалан фалон чиз ҳалол аст, ҳамин қадр, ки иттифоқи назар пайдо карданд, дигар он чиз ҳалол аст. Гуфтаанд, маънии сухани пайғамбар, ки фармудааст:

لا تجتمع أمّتي على خطاء

(*Сунани Ибни Моҷа*) “Уммати ман бар хато иттифоқ намекунанд” — ки инро худашон нақл кардаанд — ин аст, ки ҳар гоҳ уммати ман бар раъйе иттифоқ пайдо карданд, ҳамон иттифоқашон айни ҳақиқат аст ва агар дар замоне дигар уламои ислом иттифоқ пайдо карданд бар хилофи он чи, ки уламои замони қабл иттифоқ пайдо карда буданд, боз ҳақиқат ин дуввумӣ аст; агар уламои (қарни аввал) рӯи масъалае иттифоқи назар пайдо кунанд ҳарфашон ҳақиқат аст, агар уламои қарни дуввум бар назарияе иттифоқи назар пайдо карданд, ки хилофи он чизе буд, ки уламои қарни пеш иттифоқ пайдо карда буданд ҳарфи инҳо ҳам дар замони худашон ҳақиқат аст; пас ҳукми Худо дар қарни аввал як чиз аст, дар қарни дуввум чизи дигар ва дар қарни баъд чизи дигар.

Ин назарияро уламои “усул” истилоҳан “назарияи тасвиб” мегӯянд ва ин уламоро “мусаввиба” мехонанд. Вале шиа ин назарро қабул надорад. Шиа мегӯяд, уламо фақат метавонанд кошифи ҳукми Худо бошанд ва ҳукми Худо бо иттифоқи уламо дар як замон, иваз намешавад. Агар уламои қарни сездаҳум иттифоқи назар пайдо карданд, ки як чиз ҳалол аст ва уламои қарни чаҳордаҳум он чиро, ки онҳо гуфта буданд ҳалол аст, бигӯянд ҳаром аст, ҳукми Худо яке аз ин ду аст, ё онҳо иштибоҳ кардаанд ё инҳо. Аз ин ҷиҳат аст,

ки шиа асосан барои иттифоқи назари уламои як замон асолат қоил нест, магар он ки ба шакле мунтаҳӣ ба имом шавад. Иҷмоъ то дар ҷойе ба имом нарасад ҳуҷҷат нест.

## Радди назарияи Огюст Конт

Ин назарияи Огюст Конт ва Фелисен Шалли ва иддае дигар дар боби шинохт — ки шинохти ҳақиқӣ чист — шабеҳи назарияи уламои мусаввиба аз аҳли тасаннун аст. Ҳамон тавр, ки назарияи ин (гурӯҳ аз) уламои аҳли тасаннун дар онҷо ба назари мо назари дурусте нест — ва воқеан ҳам дуруст нест — назари Огюст Конт низ дар инҷо дуруст нест. Мумкин аст бипурсед, ки ба чӣ далел мегӯед, назарияи Огюст Конт дуруст нест? Шояд ҳақиқат, ду ҳазор сол ин бошад, ки хуршед даври замин мечархад ва акнун ҳам сесад сол аст, ки ҳақиқат ин аст, ки замин даври хуршед мечархад. Ҷавоб ин аст, ки (ҳақиқат) бо “истилоҳ” иваз намешавад. Оқои Огюст Конт ин ҳисобро накардааст, ки (ҳақиқат) ба “истилоҳ”-и мо бастагӣ надорад. Фикр, андеша ва шинохт, хоссияти зотӣ аст ва он хоссияти зотӣ ин аст, ки аз моварои худаш (яъне) аз воқеият ҳикоят мекунад. Ман агар чунин меандешам, ки алъон масалан деймоҳ аст, на баҳманмоҳ, ин фикр ва андешаи ман аз воқеияте ҳикоят мекунад. Ин суол ҳамеша барои ман матраҳ аст, ки ин андешаҳои ман бо воқеъ мутобиқ ҳаст ё на? Ҳоло шумо исмашро иваз мекунед, вале ин суол боз барои ман матраҳ аст. Мегӯям, воқеият, ки ду ҷур нест; ин тавр нест, ки то сесад сол пеш воқеан замин истода буд ва хуршед мечархид ва дар сесад соли охир хуршед як ҷо истода ва замин мечархад. Ман медонам, ки аз вақте, ки хуршед ва замине буда, ё ҳамеша замин марказ буда ва хуршед даври он мечархида ва ё баръакси ин ҳолат будааст. Ин, ки ман имрӯз мегӯям “замин ба даври хуршед мечархад” як андеша аст ва ин ки касе он рӯз мегуфт “хуршед ба даври замин мечархад” як андеша аст; ҳам андешаи ӯ мехост аз воқеъ ҳикоят кунад ва ҳам андешаи ман мехоҳад аз воқеъ ҳикоят кунад. Бинобар ин аз ин ду яке мутобиқ аст ва дигаре мутобиқ нест. Бо истилоҳ, ки намешавад (ҳақиқатро тағйир дод ва гуфт): “ман ҳақиқатро ин тавр таъриф мекунам”. Магар ихтиёрӣ аст, ки битавонӣ таъриф кунӣ?! Ба ҳар шакл, ки ту ҳақиқатро таъриф кунӣ, суол ба ҷойи худ ҳаст.

Ин суханро дар мавриди эҳсосот ва дар мавриди ҳуқуқ метавон гуфт, на дар мавриди илм ва ҳақиқат (як иштибоҳ ҳам инҷо кардаанд). Бисёре аз масоили ҳуқуқӣ мумкин аст, ки бо эҳсосот ва хостаҳои мардум бастагӣ дошта бошад яъне ба мардуми замон бастагӣ пайдо кунад. Яъне чӣ? Масалан, аксарияти қариб ба иттифоқи мардуми як замон, хостае дар

масоили ичтимоӣ доранд; ин хоста, ҳуқуқе барояшон эҷод мекунад. Ҳол агар сад сол гузашт ва хостаи мардум иваз шуд, яъне ба ҷойи ин ки онро бихоҳанд, чизи дигаре хостанд (боз ҳаққашон ҳамон хостаи ҷадид аст). Масалан, фарз кунед як рӯз мардум худашон як режими ҳукуматӣ аз навъи истибдодӣ мехоҳанд, чун худи мардум инро мехоҳанд, пас ҳаққи мардум ин аст, ки хостаашонро ба онҳо бидиҳанд. Як қарн мегузарад ва фикри ҳамаи мардум иваз мешавад, яъне ба ҷойи истибдод, машрутият мехоҳанд. Ин, масъалаи ҳуқуқ аст ва тобеъи хостаи мардум аст. Хостаи мардум аз як ҳақиқати берунӣ ҳикоят намекунад, (лизо иваз шудани он) монее надорад, вале андеша аз як воқеияти берунӣ ҳикоят мекунад. Асосан ин ки инсон реалист аст ба ин далел аст, ки андешааш ҳикоятгари воқеъ аст. Бинобар ин боз бояд дунболи ҳақиқат ва воқеъ биравем. Пас ин таъриф ғалат аст.

## Радди назарияи нисбӣ будани ҳақиқат

Афроде гуфтанд, ҳақиқат будан ва хато будан, ҳар ду нисбӣ аст. Мумкин аст чанд нафар дар бораи як ҳақиқат мухталиф биандешанд ва дар айни ҳол ҳама ҳақиқат бошад. Мумкин аст ин фазо ба назари ман бузург биёяд, вале ба назари шумо кучак. Агар аз инҷо ба салони дигаре биравем ва аз ман бипурсанд ин салон бузургтар аст ё салони “конуни тавҳид”, ман мегӯям салони конуни тавҳид бузургтар аст, вале шумо, ки инҷо ба назаратон кучак омада, мегӯед, ин салон бузургтар аст. Инҷо ба назари ман бузург омада ва ба назари шумо кучак. Инсон ин тавр аст: агар аз ҷойи кучак ба ҷойи бузург биравад, онҷо ба назараш бузургтар меояд ва агар аз ҷойи бузург ба ҷойи кучак биравад, онҷо ба назараш кучактар меояд. Ё масалан вақте як нафар касеро мебинад, ки ҳамроҳи инсони кӯтоҳқадде роҳ меравад, ба назараш меояд, ки ин фард одами баландқадде аст; як рӯзи дигар ҳамин одамро бо як нафари баландқад мебинад, ба назараш меояд кӯтоҳқад аст. Мегӯяд он рӯз ба назарам одами баландқадде буд, вале имрӯз ба назарам одами кӯтоҳқадде меояд.

Мегӯянд, ҳар ду ҳақиқат аст. Дар он шароит, ҳақиқат ин буд, ки ӯ баландқад аст, дар ин шароит ҳақиқат ин аст, ки ӯ кӯтоҳқад аст. Агар дастат доғ бошад ва даруни оби нимагарм бигузорӣ, оби нимагарм ба назари ту сард аст, ин ҳақиқат аст; ва агар дастат сард бошад ва дохили ҳамон об бибарӣ, он об ба назари ту гарм аст. Як об нисбат ба ту дар они воҳид ҳам гарм аст ва ҳам сард; ичтимои зиддайн ҳам монее надорад; ҳақиқат нисбӣ аст, ҳам ин ҳақиқат аст ва ҳам он.

Ин ҳам таърифи ғалате аст. Чаро? Зеро — ҳамон тавр, ки арз кардам — агар мақсуд ин аст, ки ин ду андеша, дар ҳикояташон аз воқеият, ҳар ду ҳақиқатанд ғалат аст, зеро воқеият ба як шакл бештар нест, ё ин ҳақиқат аст ё он ва ё ҳеч кадом ҳақиқат нест; ҳар ду наметавонад ҳақиқат бошад. Бо "истилоҳ" ҳам наметавонем, авзоъро тағйир диҳем ва бигӯем, вақте ман мегӯям "ҳақиқат" мақсудам чунон чизе аст. Гирам шумо бигӯӣ мақсуди ман аз "ҳақиқат" чунон чизе аст, вале ҳар инсоне биззот реалист халқ шудааст, воқеъбин, воқеъҷӯ ва воқеиятталаб халқ шудааст, мехоҳад бибинад арзиши ин эҳсосҳо аз назари ироаи воқеият чист.

## Маншаи ин иштибоҳ

Бибинем иштибоҳ аз куҷо пайдо шудааст. Обе дорем, ки 20 дараҷа ҳарорат дорад, яъне мизонулҳарорае (термометре), ки гузоштаем, 20 дараҷаро нишон медиҳад. Ман дасти ростамро дохили оби 80 дараҷа ва дасти чапамро даруни оби сифр дараҷа қарор додаам. Баъд, ки он дастам доғ шуд ва ин дастам ях кард, ҳар дуро дар они воҳид даруни ҳамон обе, ки мизонулҳарора дамои онро 20 дараҷа нишон медиҳад, мегузорам. Дасти ростам эҳсос мекунад, ки ин об сард аст ва дасти чапам эҳсос мекунад гарм аст; инҳо мегӯянд ҳар ду ҳақиқат аст.
Як одами "воқеъгаро" мегӯяд, на, ин тавр нест, ҳарорати об ҳадди муайяне дорад, ки мизонулҳарора нишон медиҳад. Ман вақте дасти доғамро мегузорам, бо савобиқи зеҳнии худам фикр мекунам, ки дамои ин об масалан 10 дараҷа аст ва бо гузордани дасти дигарам фикр мекунам 30 дараҷа ҳарорат дорад. Ҳар ду иштибоҳ аст, воқеият ҳамон 20 дараҷа аст.
Рози матлаб ин аст: иштибоҳи ман дар ин аст, ки ман фикр мекунам, ки обро дорам эҳсос мекунам; ман обро аслан эҳсос намекунам, он асареро, ки рӯи асаби ман воқеъ шуда эҳсос мекунам. Асаби ман баъд аз он ки дар оби доғ қарор гирифт, як ҳолате пайдо кард, баъд ин об рӯи он асар мегузорад ва як таассури хоссе дар як дараҷаи муайян пайдо мекунад. Он дасти дигари ман (ки дар оби сард буд, дар оби 20 дараҷа) ба шакли дигаре таассур пайдо мекунад. Ҳисси ман ё қувваи идроки ман обро дарк намекунад, он кайфияти инфиъолиеро, ки дар даруни ман аст дарк мекунад. (Қувваи идроки ман) рост мегӯяд, на аз ин назар, ки обро ироа медиҳад, балки аз ин назар, ки мегӯяд ман дар ин ҳолат ҳастам; рост мегӯяд ӯ дар ин ҳолат аст, ман иштибоҳ кардаам, ки хаёл мекунам инҳо мегӯянд об дар ин ҳолат аст. Инҳо намегӯянд об дар ин ҳолат аст, мегӯянд ман дар ин ҳолатам. Ӯ, ки мегӯяд ман эҳсоси

гармо мекунам, рост мегӯяд, яъне эҳсоси гармо дар худам мекунам. Иштибоҳи ман ин аст, ки хаёл мекунам инҳо мегӯянд об ин тавр аст ва баъд мегӯям ҳар ду рост мегӯяд, об ҳам дар ин дараҷа аст ва ҳам дар он дараҷа. На. Об як ҳолат бештар надорад.

Аз ин назарияҳо дар боби милоки шинохт — яъне дар боби ҳақиқӣ будан ва саҳеҳ будани шинохт аз як тараф ва ғалат будан ва хато будани он аз тарафи дигар — мегузарем, яъне беш аз ин арзиши баҳс надорад, вагарна беш аз ин ҳам мешавад баҳс кард.

## Фарқи "милоки шинохт" ва "меъёри шинохт"

Вориди масъалаи дуввум, ки муҳимтар аст мешавем: масъалаи меъёри шинохт. Фарқи ин масъала бо масъалаи милоки шинохт чист? Дар масъалаи милоки шинохт, дар воқеъ мехостем таърифи шинохти ҳақиқиро ба даст оварем, бибинем шинохти ҳақиқӣ чист? Яке мегуфт, шинохти ҳақиқӣ он аст, ки мутобиқ бо воқеъ бошад, дигаре мегуфт, шинохти ҳақиқӣ он аст, ки азҳон рӯи он тавофуқ пайдо кунанд, севвуме мегуфт, шинохти ҳақиқӣ амре нисбӣ аст. Ва таърифҳои дигаре низ ироа мешуд.

**Баъд аз ин ки қабул кардем шинохти ҳақиқӣ яъне шинохте, ки воқеиятро ба мо ироа медиҳад, меравем суроғи меъёри он, яъне ба чӣ васила бифаҳмем, ки шинохти мо ҳақиқӣ аст?** Баҳси аввал ин буд, ки шинохти ҳақиқӣ чист ва баҳси дуввум ин аст, ки мо аз чӣ роҳ бифаҳмем, ки як шинохт ҳақиқӣ аст (бо ин фарз, ки медонем "ҳақиқӣ" чист). Масалан, мепурсем тилло чист? Тиллоро барои мо таъриф мекунанд, мегӯянд: тилло филизе аст, ки дорои фалон ранг ва фалон хоссиятҳост. Аммо як вақт мепурсем: агар ман филизе ба ҳамон ранге, ки ту мегӯӣ бибинам ва надонам, ки тиллои холис аст ё нохолис ва аслан оё тиллост ё ба ранги тилло, бо чӣ василае бифаҳмам, ки ин тиллост? Оё чунин василае ҳаст? Мегӯем, бале, меъёрҳое ҳаст, ки бо он меъёрҳо метавонӣ бифаҳмӣ, ки ин тиллост ё тилло нест. Пас, **ин ки тиллои ҳақиқӣ чист як масъала аст ва ин ки меъёри шинохтани тилло чист — ки ин тиллои ҳақиқӣ аст ё ғайри ҳақиқӣ — масъалаи дигаре аст**.

Шумо мегӯед, шинохти ҳақиқӣ яъне шинохти мутобиқ бо воқеъ. Ман аз куҷо бифаҳмам, ки шинохти ман мутобиқ бо воқеъ аст? Мумкин аст ман аз як масъалае як шинохт дошта бошам ва шумо шинохти дигаре дошта бошед, бо чӣ меъёре метавонем бисанҷем, ки шинохти ман ҳақиқӣ аст ва шинохти шумо ғайри ҳақиқӣ ё баръакс? Ин аз муҳимтарин масоили мантиқӣ аст, ки метавонам бигӯям дар ҳудуди ду ҳазор соле, ки бар он гузашта як назария дар

мавриди он матраҳ будааст, вале баъд назарияи дигаре пайдо шуда ва имрӯза назарияи дуввум ба бонбаст расидааст (ва майл ба бозгашт ба назарияи аввал пайдо шудааст).

## Шинохти “худмеъёр”

Инҷо маҷбурам микдоре аз истилоҳоти хосси илми мантиқро баён кунам. Мо як мантиқе дорем, ки гоҳе “мантиқи ақлӣ”, гоҳе “мантиқи қиёсӣ” ва гоҳе “мантиқи арастуӣ” гуфта мешавад. Ин мантиқ дар қадим бар асосе ниҳода шуда буд, ки лозимаи он асос ин буд, ки меъёри шинохт, шинохт аст; худи шинохт меъёри шинохт аст, яъне шинохте меъёри шинохти дигар воқеъ мешавад. Агар мепурсидем, вақте шинохте меъёри шинохти дигар воқеъ мешавад, худи он “шинохти меъёр”-ро ба чӣ васила мешавад ба даст овард, мегуфтанд: он шинохти меъёр ҳам мумкин аст бо шинохти дигар ба даст ояд, вале инсон ба шинохтҳое мерасад, ки ниёзе ба меъёр надорад, бидуни меъёр сиҳҳати онҳо тазмин шудааст. Он мантиқе, ки исмашро “мантиқи арастуӣ”, “мантиқи ақлӣ” ва ё “мантиқи қиёсӣ” мегузоранд, яке аз муҳимтарин масоилаш, ҳамин аст. Ин мантиқ бо ин баён оғоз мешавад: андеша (шинохт) бар ду навъ аст: ё “тасаввур” аст ё “тасдиқ”.[39] Ҳар як аз тасаввур ва тасдиқ яъне ҳар як аз ин ду шинохт низ бар ду қисм аст: ё “бадеҳӣ” аст ё “назарӣ”. Шинохти бадеҳӣ яъне шинохте, ки ниёз ба меъёр надорад, бидуни меъёр тазмин шудааст. “Шинохти бадеҳии тасдиқӣ” яъне шинохте, ки аз навъи ҳукм аст ва сиҳҳати он бидуни меъёр тазмин шудааст. Ин мантиқ, назар яъне “андеша”-ро бо “андеша” меъёр мегирифт.

Қаҳран инҷо лоақал як суол барои ҳама матраҳ аст, ки чӣ тавр мешавад баъзе аз андешаҳо ва шинохтҳо ниёз ба меъёр дошта бошанд ва баъзе ниёзе ба меъёр надошта бошанд, яъне ба онҷо, ки бирасем, бигӯем: дигар ин шинохт эҳтиёҷе ба меъёр надорад ва далел намехоҳад. Дар ин сурат маъноаш тақрибан ин тавр мешавад: баъзе шинохтҳо ниёз ба далел дорад ва чун худи далел ҳам як навъ шинохт аст, мумкин аст эҳтиёҷ ба як далели дигар дошта бошад, он далел ҳам худаш як навъ шинохт аст ва мумкин аст ниёз ба далели дигаре дошта бошад; мумкин аст чандин пилла бихӯрад, вале дар ниҳояти амр ба ҷойе мерасад, ки вақте ба он далели ниҳоӣ расид, худи он як шинохти бемеъёр аст.

---

[39] *Ба шинохтҳое, ки дар он “ҳукм” вуҷуд дорад, “тасдиқ” мегуфтанд. Масалан, шинохт ба ин ки “Зайд истодааст” тасдиқ аст, чун ҳукм дар он аст. Аммо агар сирфи худи Зайдро тасаввур кунед, ин тасаввур аст. Албатта инҳо таъсире дар баҳси мо надорад.*

Масалан, риёзиёт — ҳисоб ё ҳандаса — аз як аслҳое шурӯъ мешавад, ки баъзеро “асли мутаъораф” мегуфтанд. **Мақсуд аз “асли мутаъораф” шинохте аст, ки ниёзе ба меъёр надорад, худаш меъёри худаш аст, “худмеъёр” аст**. “асли мутаъораф” яъне шинохти худмеъёр. Баъзе аслҳоро “асли мавзӯъ” мегуфтанд, яъне эҳтиёҷ ба меъёр дорад, вале феълан бояд донишомӯз онро қабул кунад, то дар мавқеи худаш меъёри онро ба ӯ ироа диҳанд.

Масалан, инро як асли мутаъораф медонистанд: “ду шайъи мусовӣ бо шайъи севвум, худ бо якдигар мусовӣ ҳастанд”. Масалан, шумо мехоҳед бидонед зовияи “А” бо зовияи “Б” мусовӣ аст ё хайр. Меравед дунболи ин ки бибинед зовияи “А” бо чӣ зовияҳои мусовӣ аст. Мутаваҷҷеҳ мешавед, ки зовияи алиф бо зовияи “В” мусовӣ аст. Ҳамчунин мебинед зовия “Б” бо зовияи “Г” мусовӣ аст. То ин дуро ба даст меоваред, мегӯед: “ду шайъи мутасовӣ бо шайъи севвум, худашон бо якдигар мусовӣ ҳастанд” ва ин як асли мутаъораф аст, бадеҳӣ аст, бурҳон намехоҳад… Ин дигар исбот намехоҳад, “худмеъёр” аст, бадеҳӣ аст, қобили шак кардан нест. Он мантиқ, ки мантиқи таъаққулӣ ва қиёсӣ буд, мӯътақид буд, ки ҳамаи улуми олам, ҳамаи шинохтҳои олам, бояд ниҳоятан ба шинохтҳои худмеъёр мунтаҳӣ шавад, ҳатто мӯътақид буданд “шинохти таҷрибӣ” ҳам муттакӣ ба шинохтҳои худмеъёр аст.

## Назари мантиқи Арасту дар боби таҷриба

Баъзе хаёл кардаанд, мантиқи Арасту мантиқи таҷрибӣ нест. Ин як иштибоҳи бузург аст. Далелаш ин ҳама китобҳои мантиқии арастуӣ ва аз ҷумла китобҳои Бӯалӣ Синост (ки мантиқаш мантиқи арастуӣ аст; гӯ ин ки мантиқи арастуиро хеле ҷилав бурда, вале асос, мантиқи арастуӣ аст). Мантиқи Арасту як мантиқи таҷрибӣ аст, яъне барои таҷриба арзиши фавқулъодаи яқинӣ қоил аст. Тафовути мантиқи ғайри арастуӣ бо мантиқи арастуӣ ин нест, ки ӯ ба таҷриба қоил аст ва арастуиҳо ба таҷриба қоил нестанд, балки тафовут ин аст, ки мантиқи арастуӣ мӯътақид аст, ки таҷрибаро ҳам бо меъёрҳои шинохтӣ таъйид мекунем, ки ба ин масъала хоҳем расид.

Пас, асоси он мантиқ, ки номаш “мантиқи таъаққулӣ” аст ин аст, ки шинохт меъёри шинохт аст ва мо дар миёни шинохтҳои худ, дар ниҳояти амр ба шинохтҳое мерасем, ки “худмеъёр” ҳастанд ва ниёзе ба меъёр надоранд.

Мегуфтанд, агар ҳар шинохте ниёз ба меъёр дошта бошад, суроғи он меъёр меравем, он меъёр ҳам ниёз ба меъёр дорад, меъёр севвум ҳам ниёз ба меъёри дигаре дорад, пас дар

ниҳояти амр ҳеч чиз шинохта намешавад, яъне ба дунболи маслаки шаккокон рафтаем ва шаккоки мутлақ шудаем, пас илме набояд дар дунё мавҷуд бошад.

Ҳудуди сесаду панҷоҳ сол аст — яъне аз замони *Бэкон* (*Francis Bacon*) ба баъд — ки назарияи дигаре пайдо шудааст, ки дар муқобили мантиқи арастуӣ қарор мегирад. Ин назария мегӯяд, ҳар шинохте меъёр мехоҳад, мо “шинохти худмеъёр” надорем. Мепурсем, аз назари шумо меъёри шинохт чист? Мегӯянд, меъёри баъзе аз шинохтҳо, шинохт аст, вале охири амр, меъёри шинохт, дигар шинохт нест, амал аст, яъне меъёри ниҳоии шинохтҳо амал аст. Пас, ин асоси мантиқи арастуӣ, аз назари инҳо ғалат аст. Он зарбаи бузурге, ки фикр карданд дар сесад сол пеш ба мантиқи таъаққулӣ, мантиқи қиёсӣ ё арастуӣ ворид кардаанд, ҳамин аст, вагарна ин ғалат аст, ки бигӯем мантиқи арастуӣ қиёсӣ буда ва таҷрибӣ набуда ва мантиқ аз Бэкон ба баъд мантиқи таҷрибӣ аст ва қиёсӣ нест. Дуруст аст, ки мантиқҳои баъд бештар ба таҷриба рӯй оварданд, вале ин ҳарф ба ин шакл дуруст нест, ки мантиқи арастуӣ қиёсро мӯътабар медонад ва мантиқи таҷрибӣ таҷрибаро мӯътабар медонад. На. Мантиқи арастуӣ, ҳам қиёсро мӯътабар медонад ва ҳам таҷрибаро ва мантиқҳое, ки мегӯянд, таҷрибаро мӯътабар медонанд, наметавонанд қиёсро мӯътабар надонанд, инҳо ҳам боз дар охир қиёсро мӯътабар медонанд.

## Меъёри шинохт аз назари мантиқи ҷадид

Ихтилофи асосии мантиқи қадими арастуӣ бо мантиқи ҷадиди Фрэнсис Бэкон — ва аз Фрэнсис Бэкон ба ин тараф — ки то имрӯз ҳам идома дорад, дар масъалаи меъёри шинохт аст.

Ин ҳарф дар дунё мавриди қабул воқеъ шуд, гуфтанд: ин ҳарфҳо чист, ки шинохтро бо шинохт мешиносем? Мантиқи арастуӣ мегуфт, шинохтҳо бар ду қисм аст: назарӣ ва бадеҳӣ; “назарӣ аст” яъне маҷҳул аст, бояд рӯи он фикр кард, эҳтиёҷ ба меъёр дорад, ниёз ба далел дорад; ва “бадеҳӣ аст” яъне “худмеъёр” аст. Шинохтҳои назариро, ки ниёз ба меъёр доранд, бо шинохтҳои бадеҳии худмеъёр месанҷем. Гуфтанд, ин ҳарфи мантиқи Арасту ғалат аст; тамоми шинохтҳои мо назарӣ аст, тамоман ниёз ба меъёр ва маҳак дорад, мо ба он маъно шинохти бадеҳӣ надорем. Маҳак “амал” аст.

Инҷост, ки барои аввалин бор дар забони фалосифа, “амал” аз назари меъёр будан арзиши фавқулъодае пайдо мекунад. Албатта амал арзишҳои дигаре ҳам дорад, ки арз мекунам.

Мегӯянд, инсон вақте мехоҳад ба як андешаи воқеӣ ва ҳақиқӣ бирасад ва бо маҳаки амал, саҳеҳ будан ва ҳақиқӣ будани онро кашф кунад, бояд ин корро бикунад: аввал бояд ба баррасиҳои истиқроӣ бипардозад (чун агар баррасӣ накунад, ҳеч илҳоме ба зеҳнаш намешавад), бояд биравад рӯи як мавзӯъ — масалан мавзӯи иҷтимоӣ ё зистшиносӣ ва ё пизишкӣ — аз наздик мутолеа кунад. Агар касе мехоҳад бифаҳмад, “сил” чӣ гуна ба вуҷуд меояд ва чӣ гуна муолиҷа мешавад, бояд рӯи бемории сил мутолеа кунад, омор бигирад, иллатҳоро ба даст оварад. Дар асари баррасиҳои истиқроӣ, зеҳнаш барои пайдоиши як фарзия омодагӣ пайдо мекунад. Дар зеҳни олим фарзияе пайдо мешавад, ки маншаи сил фалон чиз аст, мисли ин ки дар боби саратон ба сурати фарзия мегӯянд, духонёте мисли сигор маншаи саратон аст. Ин як андеша аст ва ҳар андешае ниёз ба меъёр дорад; меъёраш амал аст. Баъд (фарзияро) дар амал имтиҳон мекунанд. Агар омили бемориро рӯи инсонҳо имтиҳон накунанд, масалан рӯи мушҳо имтиҳон мекунанд. Агар дар амал дуруст аз об даромад, ин андеша дуруст аст ва агар дуруст аз об дарнаёмад, ғалат аст. Мисли тарҳҳои иҷтимоӣ: мушкиле дорем дар ҷомеа ба номи “трофик” (дорожное движение). Фарз кунед иддаеро даъват мекунанд ва аз онҳо мепурсанд, мушкил трофикро чӣ гуна бояд ҳал кунем? Ҳар кас тарҳе медиҳад. Кадом тарҳ дуруст аст? Мо намедонем кадом тарҳ дуруст аст. Роҳи ин ки бифаҳмем кадом як аз ин тарҳҳо дуруст аст ва кадом як ғалат, чист? Амал. Ҳар тарҳро муддате амал мекунем, агар дидем, натиҷа дод дуруст аст ва агар дидем натиҷа надод ғалат аст.

Инҷост, ки он назария (яъне назарияи мантиқи таъаққулӣ, ки қоил ба шинохтҳои “худмеъёр” буд) барои лоақал сесад сол дар дунё мардуд шинохта шуд.

## Таъсири “мантиқи амал” дар ақоиди мазҳабӣ

Яке аз мушкилоте, ки ин мантиқ ба вуҷуд овард, дар масоили маънавӣ ва масоили мазҳабӣ буд, яъне дар масоиле, ки наметавон онҳоро дар амал озмуд. Масалан, агар бихоҳем сухани касеро, ки фарзияи руҳро матраҳ мекунад ва мегӯяд “инсон илова бар ин ҷисм ва абъоди ҷисмонӣ дорои як ҳақиқате аст, ки ба мӯҷиби он “худогоҳ” ва “ҷаҳоногоҳ” аст”, бар асоси мантиқи арастуӣ бисанҷем, мумкин аст бигӯем: ба чӣ далел? Ӯ далеле биёварад, ки он далел ҳам аз навъи шинохт бошад ва агар он далел ҳам эҳтиёҷ ба далеле дошт, барои он ҳам далел биёварад, то ба шинохтҳои худмеъёр бирасад; ва баъд бигӯем қабул аст. Ё касе мегӯяд:

“Олам Худое дорад”. Ин худаш як андешаи назарӣ аст, як шинохти ниёзманд ба меъёр аст. Аз ӯ мепурсем: ба чӣ далел олам Худое дорад? Далел меоварад.

Барои ин далел, далели дигаре меоварад, то дар ниҳояти амр ба андешаҳои худмеъёр мерасад ва матлаб хатм мешавад.

Аммо агар гуфтем, фақат бо меъёри амал метавонем ҳақиқӣ будани як андешаро бисанҷем, дар бораи ин навъ андешаҳо чӣ бояд бигӯем? Мо наметавонем ин навъ андешаҳоро дар амал — масалан дар лабаратория — биёзмоем, биравем бибинем дар онҷо Худоро пайдо мекунем ё пайдо намекунем! Агар дар лабаратория чизеро пайдо кунем ва бигӯем, ин Худост, ҳамон вақт аст, ки дигар Худо, Худо нест, чун агар чизе дар лабаратория бошад, махлуқи маҳдуде мисли ҳамаи махлуқоти дигар аст.[40]

Иддае, ки боинсофтар буданд, гуфтанд: вақте, ки танҳо меъёри шинохт амал аст ва шинохтҳое дорем, ки дар амал наметавонем бифаҳмем дуруст аст ё нодуруст (чун қобили озмоиш нест) пас дар инҷо мегӯем: “намедонем”. Ин буд, ки ин фикр дар Урупо пайдо шуд, ки илми башар дар масоили маънавӣ ва мазҳабӣ посухе надорад, мегӯяд: “намедонам”. Илми имрӯз мегӯяд, меъёри шинохти ҳақиқӣ ва шинохти ғалат, ҳар ду, амал аст, яъне агар дар амал мутобиқ даромад дуруст аст ва агар мухолиф даромад ғалат аст; пас, дар мавриди он навъ фарзияе, ки дар амал намешавад онро пиёда кард ва наметавон фаҳмид, ки ин тавр ҳаст ё нест — яъне амал наметавонад меъёри он бошад — мегӯем: “намедонам”.

Иддае дигар поро аз ин ҳам фаротар гузоштанд, гуфтанд: ҳар чи, ки дар амал битавон онро маҳак зад, бо маҳаки амал битавон онро таъйин кард, ҳақиқӣ аст ва ҳар чи, ки бо маҳаки амал таъйин нашавад — ҳарчанд амал онро нафй ҳам накунад — дурӯғ аст. Моддийин ҳарфашон ин аст, ки ҳамин қадр, ки амал (андешаеро) таъйид накард, мегӯем дурӯғ аст; ва таъйид накардани амал гоҳе ба ин сурат аст, ки амал хилофашро таъйид мекунад ва гоҳе ба ин шакл аст, ки на таъйид мекунад ва на инкор.

---

[40] *Шахсе гуфтааст: ман руҳро он вақт қабул мекунам, ки дар зери чоқуи ҷарроҳии худам пайдо кунам, яъне агар баъд аз ду соат аз марги касе, руҳи ӯро дар салон ташреҳ пайдо кардам он вақт вуҷуди руҳро қабул мекунам. Бояд ба ӯ гуфт: аввалан ӯ чанд соат аст, ки мурда ва дигар руҳе надорад ва сониян, агар ту чизе ҳам дар зери чоқу пайдо кунӣ, он дигар руҳ нест, ҷисм аст.*

# Ишколоти ворид бар “мантиқи амал” (1)

Тарафдорони мантиқи таъаққулӣ (қиёсӣ ё арастуӣ) далоиле бар радди назарияи ин афрод доштанд, ки хушбахтона имрӯз баъзе аз ҳамон далоил ва афкор, бо баёне расотар дубора матраҳ шудааст, албатта на ба ҳимоят аз мантиқи арастуӣ, балки ба ин унвон, ки ин мантиқ ҳам дигар қобили қабул нест. Вақте ин мантиқ ҳам қобили қабул набошад, дигар мантиқе барои инсон боқӣ намемонад.

Ин далоил чист? Мегӯянд, ту мегӯӣ, танҳо амал аст, ки маҳак ва меъёри шинохт аст; ман як шинохтро бо амал месанҷам, агар он шинохт, ҳақиқӣ бошад, дар амал натиҷаи мусбат медиҳад ва агар ҳақиқӣ набошад, дар амал натиҷаи мусбат намедиҳад; пас чун дар амал натиҷаи мусбат дод, ҳақиқӣ аст. Мегӯянд, ту фикр накардӣ, ки худи ин ки “амал меъёри андеша аст” як андеша аст, яъне худаш як шинохт аст. Ту худат дорӣ арастуӣ фикр мекунӣ ва намедонӣ.[41]

Ҳамин, ки мегӯӣ: “Амал меъёри андеша аст”, маъноаш ин аст, ки “Агар ин фарзия дуруст бошад, дар амал натиҷа медиҳад. Дар амал натиҷа дод, пас дуруст аст. Дар амал натиҷа надод, пас дуруст нест.” Худи ин як қиёси арастуӣ аст, як шинохт аст. Ту инро меъёр қарор додаӣ…

Мумкин аст касе бигӯяд: ҳамин фикр, ки ту мегӯӣ: “Агар ин фарзия дуруст бошад, дар амал натиҷа медиҳад ва чун дар амал натиҷа медиҳад, пас дуруст аст”, аз куҷо маълум, ки дуруст бошад ва ғалат набошад? Худи ин, як шинохт аст ва меъёр мехоҳад. Ту мегӯӣ, ҳамеша як робита миёни андешаи ҳақиқӣ ва натиҷаи амалӣ додан вуҷуд дорад. Ҳамин, ки “ҳамеша як робита миёни шинохт ва амал вуҷуд дорад”, як шинохт аз ҷаҳон аст. Худи ин шинохт аз куҷо дуруст шуд? Шояд аслан ин шинохт, ки “робитае миёни шинохт ва амал ҳаст” ғалат бошад; як шинохт, ҳақиқӣ бошад ва дар амал натиҷа надиҳад ва як шинохт, ғалат бошад ва дар амал натиҷаи дуруст бидиҳад. Инро бо чӣ меъёре собит мекунӣ? Наметавонӣ бигӯӣ, ки инро ҳам бо амал метавонам собит кунам. Охираш мегӯӣ ин дигар бадеҳӣ аст, яъне боз расидӣ ба “шинохти худмеъёр”; ба ҳамон ҳарфе, ки арастуиҳо расида буданд.

---

[41] *Ман дар уламои ҷадид, танҳо Расселро дидам, ки мутаваҷҷеҳи ин нукта шудааст, албатта ӯ ҳам ба таври комил ба ҳамаи ҷиҳот таваҷҷӯҳ накардааст.*

## Ишколи саввум

Ин ишкол, болотар аст ва Рассел ҳам мутаваҷҷеҳи он аст ва он ин аст, ки аслан он шинохте, ки мегӯяд: “Меъёр амал аст” ғалат аст; ин худ як шинохти худмеъёр дар назар гирифта шуда, ки дохил дар мантиқи Арасту мешавад. Чаро? Зеро ту мегӯӣ, агар шинохт дуруст бошад, дар амал натиҷа медиҳад (Рассел мегӯяд, инро ман қабул дорам), баъд мегӯӣ, чун ин дар амал натиҷа дод, пас дуруст аст. Мегӯяд, ин ҳарф ғалат аст. “Агар шинохт дуруст бошад, дар амал натиҷа медиҳад”, дуруст аст, вале “агар дар амал натиҷа дод, пас шинохти дуруст аст”, дуруст нест. Чӣ тавр? Ба истилоҳи мантиқийин, ба он “лозими аъамм” мегӯянд. Масалан, аз ин сухан, ки: “Агар ин шайъ гирду (чормағз) бошад, гирд (доирашакл) аст”, чаҳор сурат метавон натиҷа гирифт, ба чаҳор шакл метавон рӯи он андешид: агар гирду бошад, гирд аст, лекин гирду аст, натиҷа ин аст: “пас гирд аст”, ки ин натиҷа дуруст аст. Дуввум ин ки бигӯем, лекин гирд аст ва натиҷа бигирем, пас гирду аст, ки ғалат аст. Севвум он ки бигӯем, лекин гирду нест ва натиҷа бигирем, пас гирд нест, ки ғалат аст. Ва чаҳорум ин ки бигӯем, лекин гирд нест ва натиҷа бигирем, пас гирду нест, ки дуруст аст.

Яъне мо ба чаҳор сурат метавонем натиҷа бигирем. Агар як шайъро малзум қарор диҳем ва бигӯем: агар “А” бошад “Б” ҳаст, чаҳор ҳолат пайдо мекунад: “А” аст, натиҷа бигирем “Б” аст, ин ҳолат дуруст аст. “Б” аст, пас “А” аст, ин ҳолат ғалат аст. “А” нест, пас “Б” нест, ғалат аст ва “Б” нест, пас “А” нест, дуруст аст.

Ҳол, ту мегӯӣ, агар як андеша ва як шинохт ҳақиқат бошад, дар амал натиҷа медиҳад, ман феълан инро қабул мекунам. Баъд мегӯӣ, “чун дар амал натиҷа дод, пас дуруст аст”. Ин мисли ин аст, ки бигӯем: “Агар ин шайъ гирду бошад, пас гирд аст” ва баъд бигӯем, “чун гирд аст, пас гирду аст”. На. Ҳар гирдуе гирд аст, вале ҳар гирде гирду нест. Яъне аз исботи аввалӣ исботи дуввумӣ натиҷа мешавад, вале аз исботи дуввумӣ исботи аввалӣ натиҷа намешавад; аз нафйи аввалӣ нафйи дуввумӣ лозим намеояд, вале аз нафйи дуввумӣ нафйи аввалӣ лозим меояд. Инҷост, ки “мантиқи амал” дучори ишкол мешавад.

## Сухани Рассел дар бораи “мантиқи амал”

Рассел дар инҷо хуб ҳарфе мезанад, мегӯяд: шумо мегӯед, “фарзия дуруст аст, ба далели ин ки дар амал натиҷа додааст”. Мегӯяд, ин ҳарф вақте мантиқӣ аст, ки шумо собит кунед, ки дар инҷо фарзия ё фарзияҳои дигаре вуҷуд надорад, ки дар амал дуруст бошад, яъне мумкин

аст чанд фарзия бошад, ки дар миёни он чанд фарзия, фарзияе ғайр аз ин фарзияи мо низ вуҷуд дошта бошад, ки дуруст бошад ва дар амал натиҷа бидиҳад.

Магар фарзияи Батламюс дар боби афлок дар амал натиҷа намедод? Албатта, ки медод. Онҳо бо худ мегуфтанд, агар замин марказ бошад ва хуршед ба даври замин бичархад ва ҳаракати хуршед тобеъи фалакулафлок бошад ва моҳ ҳам масалан дар фалаки қамар бошад ва фалаки қамар ва фалаки шамс ва фалакулафлок чунон ҳаракоте дошта бошанд, дар фалон шаб ва фалон лаҳза хусуф мешавад ва хусуф ҳам мешуд. Магар мунаҷҷимҳои қадим бар асоси ҳамон фарзияҳо ва назарияҳои Батламюс хусуфҳо ва кусуфҳоро ба таври дақиқ пешбинӣ намекарданд? Алъон ҳам бисёре аз уламо дар айни ин ки медонанд фарзияи Батламюс ғалат аст, чун фарзияи Коперникро балад нестанд ё мушкилтар аст, муҳосиботи хусуфу кусуфро бар асоси ҳайати ғалати Батламюс анҷом медиҳанд ва натиҷаи дуруст ҳам мегиранд. Чаро? Чун агар замин марказ бошад ва хуршед ба даври замин бичархад, бояд хусуф дар он соат ва он лаҳза воқеъ шавад ва агар хуршед ҳам марказ бошад ва замин ба даври хуршед бигардад, боз бояд дар ҳамон лаҳза хусуф воқеъ шавад, яъне агар ин фарзия дуруст бошад, дар он лаҳза хусуф воқеъ мешавад ва агар фарзияи дуввум ҳам дуруст бошад хусуф дар ҳамон лаҳза воқеъ мешавад. Пас, агар ман яке аз ин ду фарзияро таҷриба кардам ва дидам натиҷа дод, далел намешавад, ки фарзияи ман дуруст бошад, чун он фарзияи дигар ҳам ба ҳамин натиҷа мерасад.

## Ду мисоли дигар

Тибби қадим бар асоси фарзияи аносури чаҳоргона (об, оташ, ҳаво, хок) ва табойеъи чаҳоргона (рутубат, юбусат, ҳарорат, бурудат) ва ахлоти чаҳоргона (хун, балғам, савдо ва сафро) устувор буд. Пизишкии имрӯз ҳеч кадом аз инҳоро қабул надорад; на аносури чаҳоргонаро қабул дорад, на табойеъи чаҳоргонаро ва на ахлоти чаҳоргонаро. Аз назари илми имрӯз собит шудааст, ки ҳеч кадом аз инҳо дуруст нест. Оё тибби дирӯз бар асоси фарзияҳои ғалати худаш муолиҷа намекард?! Воқеан табибҳои қадим ҳеч маризеро муолиҷа намекарданд?! Ҳасба (брюшной тиф)-ро муолиҷа намекарданд?! Оё Бӯалӣ Сино маризҳоро муолиҷа намекард?! Балки метавон гуфт, дар баъзе аз беморихо, ки доруяш ахиран кашф шуда, мисли дифтерия, тибби қадим дар амал муваффақтар аз тибби ҷадид будааст, яъне бар асоси ҳамон фарзияи ғалат ба натиҷаи дуруст мерасид. Пас ин ки “агар фарзияе дуруст бошад, ба натиҷаи дуруст мерасад”, дуруст аст, аммо ин ки “агар фарзияе ба натиҷаи дуруст

расид, ҳатман худи фарзия дуруст аст", ғалат аст. Шояд фарзияи ғалате ба натиҷае бирасад, ки фарзияи саҳеҳ ба ҳамон натиҷа мерасад.

Мисоли дигар арз мекунам: қаторе бо суръати 50 километр дар соат аз Теҳрон ба сӯи Машҳад ҳаракат мекунад ва қатори дигаре бо суръати 100 километр дар соат аз Машҳад ба самти Теҳрон ҳаракат мекунад. Фарде назди худ чунин пешбинӣ мекунад: инҳо, ки рӯи як хатт ҳаракат мекунанд ва аз вуҷуди якдигар иттилоъ надоранд, сари фалон соат ва фалон сония бо якдигар тасодуф мекунанд. Иттифоқан, қазия баръакс бошад: қаторе, ки аз Теҳрон ба Машҳад меравад, бо суръати 100 километр дар соат ва қаторе, ки аз Машҳад ба Теҳрон меояд, бо суръати 50 километр дар соат ҳаракат кунад. Ҳол, ин фард, ки мегӯяд, қатори Теҳрон бо суръати 50 километр ва қатори Машҳад бо суръати 100 километр ҳаракат мекунад ва масалан дар соати 8 шаб бо якдигар тасодуф мекунанд, фарзияаш ғалат аст, (вале пешбинии ӯ, ки) сари фалон дақиқа бо ҳам тасодуф мекунанд дуруст аст. Чаро? Чун мумкин аст дар они воҳид ду фарзия, яке ғалат ва яке дуруст, ба як натиҷа бирасанд.

Пас, "фарзияи дуруст ба натиҷаи дуруст мерасад"-ро қабул мекунем — ки албатта худи ин ҳам дар бархе мавορид умумият надорад — вале ин ки "ҳар чи ба натиҷаи дуруст расид, пас фарзияаш дуруст аст", далеле барояш нест. Инҷост, ки ба қавли маъруф: "*Сари гов туи хумра гир мекунад*".[42] Рассел ба инҷо, ки мерасад, мегӯяд: ман мегӯям: ин фарзияи ман агар дуруст бошад, ба натиҷа мерасад ва баъд мегӯям, ба натиҷа расид, пас фарзияи ман дуруст аст. Ин ҳарфи ман вақте дуруст аст, ки фарзияи дигаре ғайр аз фарзияи ман дар кор набошад, бидонам, ки ҷуз як фарзия дар инҷо бештар намешиносам ва ман ҳаргиз наметавонам бифаҳмам, ки ҷуз як фарзия дар кор нест. Инҷост, ки ин мантиқ аз ин назар ба бонбаст мерасад.[43]

Дар мавриди робитаи шинохт ва амал, чанд масъалаи дигар ҳам ҳаст, ки чун ба инҷо расидаем, ҳайф аст дар ҷаласоти баъд ба онҳо напардозем. Як масъала ин ки: оё амал калиди

---

[42] *"Сари гов туи хумра гир мекунад". Корбурди ин зарбулмасал бурузи масъалаи пешбининашудаи бисёр душвор ва ҳалнашуданӣ аст. Мисол: аз шумо чӣ пинҳон, сари гов туи хумра гир карда ва роҳи ҳалле ҳам ба ақли ҳеч кадомамон намерасад, ба тавре, ки тақрибан ба бунбаст расидаем.*

[43] *Илова бар ин, як силсила ишколоти дигаре дар "мантиқи амал" — ба истилоҳ — вуҷуд дорад, ки чун намерсем ҳамаи онҳоро арз кунем, ба ҷаласаи баъд мавкул мекунем.*

шинохт аст? (Меъёри шинохт як масъала аст ва калиди шинохт, масъалаи дигар). Масъалаи хеле олии дигаре, ки дар инҷо ҳаст, ки ин масъала аз мухтассоти фалсафаи ҳегелӣ ба баъд аст ва бахусус дар марксизм матраҳ аст ин аст, ки мегӯянд: танҳо касоне ҳаққи изҳори назар дар масоил — бахусус дар масоили иҷтимоӣ — ро доранд, ки даргирии амалии иҷтимоӣ дошта бошанд, касоне, ки дар канор ҳастанд, ҳаққи изҳори назар надоранд. Онҳое, ки дар "бурҷи оҷ" (истилоҳи маъруф шудааст) нишастаанд, ҳақ надоранд дар бораи масоили иҷтимоӣ изҳори назар кунанд, фақат афроде, ки аз бурҷҳо поин омада ва дар ҷамъ рафтаанд ва бо мардум ҳастанд, ҳаққи изҳори назар доранд. Аз назари марксизм, масалан як коргари ворид дар иҷтимоъ ва фаъолиятҳои иҷтимоӣ, шинохти беҳтаре аз як файласуфи хеле бузург дар ҳадди Бертран Рассел дорад, агар ӯ дар кохи худаш нишаста бошад ва биёяд пушти трибуни донишгоҳ изҳори назар кунад. Он вақт ин масъаларо бо масъалаи муҳимми "робитаи илм ва амал дар ислом"[44] — ки илм ба инсон амал медиҳад ва дар мавориде ҷуз аз роҳи амал инсон ба илм даст намеёбад — (муқоиса мекунем), ки хаёл мекунам масъалаи бисёр ҷолибе бошад. Яъне — чунонки дар ҷаласаи гузашта арз кардам — инҷост, ки бо ҳамаи ихтилофи шадиде, ки миёни марксизм ва ислом дар ин навъ масоил вуҷуд дорад, дар як ҷо хеле ба якдигар наздик мешаванд, вале дубора аз ҳам дур мешаванд. Иншоаллоҳ онро ҳам дар ҷаласаи оянда бароятон матраҳ мекунам.

## Ишколоти ворид бар "мантиқи амал" (2)

Баҳси мо дар бораи меъёри шинохт буд ва ин назарияро баррасӣ ва нақд кардем, ки гуфта буданд, ягона меъёри шинохт амал аст. Дар муқобил, он назарияи қадимӣ мӯътақид буд, ки шинохт меъёри шинохт аст ва шинохтҳоро ба шинохтҳои худмеъёр ва шинохтҳои ғайри худмеъёр тақсим мекард. Роҷеъ ба қисмати каме аз ин баҳс, ки аз ҷаласаи пеш боқӣ мондааст тавзеҳ медиҳам ва баъд вориди баҳси дигаре мешавам.

## Хулосаи ишколоти мантиқи амал

Хулосаи назарияе, ки мегӯяд, амалро наметавон меъёри шинохт қарор дод ин аст: аввалан, ба фарзи ин ки ин назарияро бипазирем, онро ба таври куллӣ наметавонем бипазирем, зеро мавориде аз шинохтҳо ва огоҳиҳо ва илмҳо ва иттилоъҳо дорем, ки бо ин ки яқинӣ будани

[44] *Дар "ислом" мегӯям, на дар "мантиқи исломӣ", он як масъалаи дигаре аст.*

онҳо барои мо аз ҳар шинохте равшантар аст — ба тавре, ки агар фарзан дар нури хуршед тардид кунем, дар онҳо наметавонем тардид кунем — вале қобили ин ки дар амал мавриди озмоиш қарор гиранд нестанд. Мисли ҳамон асле, ки дар тамоми илмҳо ва фалсафаҳо мавриди қабул аст: “давр маҳол аст”.

Дар ҷаласоти пеш филҷумла тавзеҳ додам, ки инро наметавон аввал ба сурати як фарзия талаққӣ кард ва баъд онро ба лабаратория ва озмоишгоҳ бурд ва дид, ки маҳол аст ё нест, чун маҳол будан яъне вуҷуд надоштан ва низ имкони вуҷуд надоштан. Агар чизе вуҷуд надошта бошад ва имкони вуҷуд ҳам надошта бошад, ба он “маҳол” ё “мумтанеъ” мегӯем. Аз ин оқоёне, ки ба фалсафаи амал ба ин маъно мӯътақиданд, суол мекунем: оё шумо ба маҳол будани чизе дар олам — ҳар чи мехоҳад бошад — мӯътақид ҳастед? Дар ҷаҳон чизе ҳаст, ки аз назари шумо маҳол бошад? Мусалламан, зеро китобҳояшон пур аст аз ин ки фалон чиз “маҳол аст”, “нашуданӣ аст”. Масалан, дар масъалаи “ҷабри таърих” мегӯянд, дар шароити муайяни таърих, фалон ҳодиса ҷабран ва заруратан ба вуҷуд меояд ва агар он шароити хосс вуҷуд надошта бошад, маҳол аст вуҷуд пайдо кунад. Худи фалсафаи моддӣ садҳо амри маҳол ба мо арза медорад. Маҳол яъне чизе, ки ду “на” дорад, яъне ду “на воқеият” дорад; маҳол яъне пуч, он ҳам ду пучӣ: ҳам пуч аз назари воқеият ва ҳам пуч аз назари имкон. Мумкин аст чизе вуҷуд надошта бошад, вале имкони вуҷуд дошта бошад, аммо ин чизе аст, ки ду пучӣ дорад. Мегӯем: ту худат ба як силсила умури маҳол мӯътақидӣ, оё метавон маҳолҳоро аввал ба сурати як фарзия пазируфт ва баъд ин фарзияҳоро дар олами воқеият ва дар лабаратория озмоиш кард?! Аслан “озмоиш мекунем”, яъне онро ба вуҷуд меоварем, то битавонем озмоиш кунем, пас он маҳол нест.

Пас, **хулосаи ишколи аввали назарияе, ки мегӯяд: “меъёри шинохт амал аст” ин аст, ки ба фарзи ин ки дуруст бошад, дар ҳама ҷо дуруст нест; шинохтҳое дорем, ки барои ҳамаи мо равшан аст ва ҷузъи равшантарини шинохтҳост ва ҳол он ки бо меъёри амал қобили таъйин нест, яъне бо маҳаки амал намешавад онҳоро маҳак зад**.

**Ишколи дуввум**

Фарз кунед касе мегӯяд, фалон шайъ дар асари ҳарорат фалон ҳолатро пайдо мекунад. Баъд мо ҳарорат медиҳем ва мебинем айнан ҳамон ҳолатро пайдо кард. Ин далел бар дурустии он аст. Агар касе суол кунад, ин ки “агар чизе дар амал ҷавоби дуруст дод, далели дурустии он аст”, ба чӣ далел (дуруст аст)? Масалан, агар фарзияи мо ин бошад: “оҳан аслан дар ҳарорат мунбасит намешавад”, вале дар амал бибинем мунбасит мешавад, аз куҷо, ки ин,

далел бошад бар ин ки ин фарзия нодуруст аст? Ё вақте гуфтем, мунбасит мешавад ва дар амал мунбасит шуд, аз куҷо маълум, ки ин фарзия дуруст аст? Мегӯяд, ин ки дигар бадеҳӣ аст, қобили мунокиша нест. Ба маҳзи ин ки гуфт, “бадеҳӣ аст”, мегӯем пас ту ҳам ҳарфи дигаронро қабул кардӣ, ту ҳам рӯи як шинохти худмеъёр даст гузоштӣ. Алъон ҳам, ки ин ҳарфро мезанӣ иштибоҳ мекунӣ, ки хаёл мекунӣ амалро меъёр қарор додаӣ, боз шинохтеро меъёр қарор додаӣ, яъне худи ин барои ту як шинохт аст.

Ба баёни дигар: амал он аст, ки вуҷуди айнӣ дорад. Ту як фарзия дар зеҳнат дорӣ ва ба он вуҷуди айнӣ медиҳӣ; дар вуҷуди айнӣ мунтабиқ бо он фарзия дармеояд, пас мегӯӣ, ин амал, ки вуҷуди айнӣ дорад, меъёри он шинохти ман аст, ки вуҷуди зеҳнӣ дорад. Ман мегӯям: ин ки “амал меъёри шинохт аст” худ як навъ шинохт аст; “агар амал мутобиқи фарзия даромад пас фарзия дуруст аст”, худ як андеша ва фикр аст, як шинохт аст. Оё худи ин андеша ва шинохтро боз бо амали дигаре ба даст овардӣ? Ё на, бадеҳӣ аст? Мегӯяд, ин дигар возеҳ аст, бадеҳӣ аст. Пас ҷаноби олӣ ҳам иштибоҳ мекунӣ, ту аз ҳамон касоне ҳастӣ, ки шинохтро меъёри шинохт медонанд ва дар миёни шинохтҳои олам ба як шинохти худмеъёр қоил ҳастӣ ва он ин шинохт аст, яъне ба як бадеҳӣ қоил шудаӣ.

## Ишколи севвум

Эроде, ки (гуфтем) Рассел гирифтааст, ин эрод аст: тоза вақте мӯшикофӣ мекунем, мебинем иттифоқан ту дар миёни шинохтҳои худмеъёр (ки онро қабул надорӣ), чизеро ба унвони шинохти худмеъёр қабул кардаӣ, ки шинохти худмеъёр ҳам нест. Хаёл кардаӣ агар фарзияеро мавриди озмоиши амалӣ қарор додем ва натиҷаи мусбат дод (далели сиҳҳати он аст). Ба қавли Рассел, ин вақте дуруст аст, ки эҳтимоли вуҷуди фарзияи дигареро дар канори ин фарзия надиҳем, вале агар ин эҳтимол вуҷуд дорад, ки як ё чанд фарзияи дигар ҳам инҷо мавҷуд аст, аз кучо метавон фаҳмид, ки натиҷаи дурусте, ки ба даст омада, ношӣ аз ин фарзия аст? Шояд як фарзияи дигар ҳам дар инҷо вуҷуд дошта бошад (ки ҳамин натиҷаро медиҳад; ва медонем, ки фақат яке аз ин ду фарзия метавонад ҳақиқӣ ва саҳеҳ бошад).

## “Муваффақият дар амал” дар “Наҳҷул-балоға”

Мисоле бароятон арз мекунам: дар “*Наҳҷул-балоға*” дар бораи “муваффақият дар амал” ё “пирӯзӣ дар амал” матлабе омадааст. Алӣ (алайҳис салом) ва Муовия, ду ҳизб, ду гурӯҳ, ду ҷамъият бо ду тарзи тафаккур ва бо ду фалсафаи иҷтимоӣ, дар муқобили якдигар истода ва

бо ҳам мубориза мекунанд. Тарафдорони Муовия барои худашон як теория ва як тарҳ доранд ва мегӯянд, пешвои мо Муовия аст ва Муовия ҳам барои худаш фарзияҳое дуруст карда ва исломе сохтааст. Алӣ (алайҳис салом) вақте бо асҳоби худаш сӯҳбат мекунад, онҳоро мавриди тааррuз қарор медиҳад ва ба сурати як пешбинӣ ба онҳо мегӯяд: “Муовия ва асҳобаш бар шумо пирӯз хоҳанд шуд” яъне бо ин ки теорияи шумо ҳақ аст ва шумо дунболи як имом ва раҳбари ҳаққе ҳастед ва Худои Мутаъол ҳам дар Қуръон фармудааст, “ҳақ бар ботил пирӯз аст” ва бо ин ки онҳо дунболи раҳбари ботиле ҳастанд ва Худо ҳам дар Қуръон фармуда, ки ботил дар ниҳояти амр шикаст мехӯрад, (бо ин ҳол) ба шумо мегӯям, бо ин вазъияте, ки аз шумо мебинам, онҳо бар шумо пирӯз мешаванд:

وَإِنِّي وَاللَّهِ لَأَظُنُّ أَنَّ هؤُلاءِ الْقَوْمَ سَيُدالُونَ مِنْكُمْ

(*“Ба Худо савганд, гумон дорам инон қудратро аз шумо бигиранд…”* (*Наҳҷул-балоға, хутбаи 24)*) Иллат чист? Вақте ба иддае дар дунёи имрӯз гуфта мешавад, Алӣ (алайҳис салом) бар ҳақ буд ё Муовия? Тибқи фалсафаи амал — ки як фарзия ҳаққонияти худро дар амал собит мекунад — мегӯянд: мо мебинем Муовия дар мубориза пирӯз шуд ва Алӣ шикаст хӯрд. Алӣ пас аз чаҳор солу чанд моҳи хилофат кушта шуд, вале Муовия бар саросари кишвари исломӣ мусаллат гардид, пас ин далел бар ҳаққонияти Муовия ва адами ҳаққоният Алӣ аст. Магар иддае ҳамин ҳарфро нагуфтанд? Магар ҳанӯз дар дунё афроде нестанд, ки ҳамин ҳарфро мезананд? Инҳо тибқи “фалсафаи амал” пеш меоянд, мегӯянд, аз назари фалсафаи амал набояд дунболи ин ҳарфҳо биравем, ки Алӣ чӣ мегуфт ва Муовия чӣ мегуфт, оё Алӣ тобеъи Қуръон буд, тобеъи суннати пайғамбар буд, Муовия чӣ гуна одаме буд; мо ба натиҷаи амалӣ нигоҳ мекунем, мебинем, Муовия дар амал бар Алӣ пирӯз шуд. Далел бар ҳаққонияти як теория, як мактаб ва як тарҳ, пирӯзии амалӣ аст. Аммо ҷавоби масъаларо худи Алӣ (алайҳис салом) медиҳад:

Шумо (дар инҷо) басит фикр мекунед ва мегӯед, пайравони Муовия аз як тарҳ пайравӣ мекунанд ва ӯро пешво қарор додаанд ва Муовия барои зиндагӣ ва иҷтимоъ як тарҳ ва як мактаб дорад ва Алӣ ҳам як тарҳ ва як мактаб дорад ва чун мактаби Муовия бар мактаби Алӣ пирӯз шуд, ин далел бар ҳаққонияти мактаби Муовия аст. Агар инҷо фақат ҳамин ду фарзия вуҷуд медошт, яъне масъала ба ҳамин соддагӣ матраҳ буд, ки “Муовия аст ва як мактаб ва ин мактаб сад дар сад пиёда мешавад ва Алӣ аст ва як мактаб ва ин мактаб ҳам сад дар сад пиёда мешавад ва Муовия пирӯз мешавад”, матлаб дуруст буд, чун ду фарзия

бештар вуҷуд надошт: мактаби Алӣ ва мактаби Муовия, мактаби ҳақ ва мактаб ботил. Воқеан вақте беш аз ду фарзия вуҷуд надошта бошад, матлаб аз ҳамин қабил аст: агар Алӣ бар ҳақ аст, ҳатман пирӯз мешавад ва агар Муовия пирӯз шавад, далел бар ин аст, ки ӯ бар ҳақ аст.

Алӣ (алайҳис салом) мегӯяд, матлаб ин тавр нест, фарзияҳои дигаре дар инҷо вуҷуд дорад, ки ин пирӯзӣ рабте ба мактаби Алӣ ва мактаби Муовия надорад, рози пирӯзии Муовия ва шикасти шумо дар амре аст, ки на ба мактаби Муовия марбут аст ва на ба мактаби Алӣ; амре аст марбут ба руҳияи шумо. Таъбири имом ин аст:

بِاجْتِماعِهِمْ عَلى باطِلِهِمْ وتَفَرُّقِكُمْ عَنْ حَقِّكُمْ

(*“Ба далели он ки онон бар ботили хеш ваҳдат доранд ва шумо дар ҳаққи худ парокандаед…” (Ҳамон хутба)*) Агар касоне аз дур қазоёро нигоҳ кунанд ва ҳамин тавр (сатҳӣ) қазоёро бисанҷанд, мегӯянд: ин мактаби Алӣ аст, ки дорад шикаст мехӯрад ва он ҳам мактаби Муовия аст, ки дорад пирӯз мешавад, пас ҳақ бо Муовия аст. Аммо ин истидлол ғалат аст. Ин мактаби Алӣ нест, ки шикаст мехӯрад, ин мардуми Ироқанд, ки шикаст мехӯранд, ба далели ин ки исман дунболи мактаби Алӣ ҳастанд, вале амалан дунболи мактаби Алӣ нестанд.

Имрӯз дар дунё бисёре аз афрод назири ин ҳарфҳоро бар асоси маслаки “фалсафаи амал” мегӯянд, вале бо соддаандешӣ, ки Рассел ва амсоли ӯ ба ин соддаандешиҳо таваҷҷӯҳ кардаанд.

## Оё пешрафти масеҳият далели ҳаққонияти он аст?

Масеҳиҳо ин ҳарфро задаанд ва алъон ҳам дар афвоҳ ҳаст, ки ислом як мактаб ва масеҳият ҳам як мактаб; ин дигар маъно надорад, ки биравем дунболи имтиёзҳои ислом ва нақоиси масеҳият бигардем ва бигӯем: ислом дини тавҳид аст ва масеҳият дини таслис, ислом дини мусовот аст ва масеҳият дини табъиз ва амсоли инҳо. Ин ҳарфҳо яъне чӣ?! Аслан дунболи ин ҳарфҳо наравед. Мегӯянд, ин матлаб дар Инҷил ҳам омадааст, ки ҳар дарахтеро аз рӯи меваааш бояд шинохт. Мо чӣ кор дорем, ки дар матн ва муҳтавои мактаби ислом таҳқиқ кунем ва бибинем чист ва дар матн ва муҳтавои мактаби масеҳият таҳқиқ кунем ва бибинем чист? Дунболи меваҳои ин ду меравем. Суроғи меваи масеҳият меравем; кишварҳои масеҳӣ кишварҳои мутамаддин ва пешрафта ҳастанд, ҳам дар тамаддуни моддӣ ҷилавтар ҳастанд

ва ҳам дар фарҳанг ва умури маънавӣ. Вақте суроғи мусалмонон меравем, мебинем, мардуми ақибмонда ҳастанд. Аз назари фалсафаи амал — яъне фалсафае, ки меъёри ҳақиқатро натиҷаи амалӣ медонад ва рӯи ҳеч масъалае ғайр аз меъёри амал фикр намекунад — ин кофӣ аст барои он ки исломро дар муқобили масеҳият маҳкум кунад.

Вале ин сухан ҷавоби бисёр возеҳ ва равшане дорад. Шумо як ҷомеаи исломӣ ва як ҷомеаи масеҳиро мебинед. Чунин фикр мекунед, ки дар ҷомеаи масеҳӣ масеҳият сад дар сад пиёда шуда ва ин масеҳияти "пиёдашуда" аст, ки ба ин натиҷа расида ва дар ҷомеаи исломӣ низ ислом пиёда шуда ва ин исломи "пиёдашуда" аст, ки ба ин натиҷа расидааст. Иттифоқан қазия ба шакли дигаре аст; чашмҳоятро боз кун, андаке нигоҳ кун!

Шайх Муҳаммад Абду дар ҷавоби як кашиши масеҳӣ, ки ба ҳамин шакл истидлол карда буд, гуфта буд: бисёр истидлоли саҳеҳе аст, ки мегӯед, ҳар дарахтеро аз рӯи меваааш бояд шинохт, мо ҳам ин матлабро қабул дорем, вале ба шарти ин ки бидонем ин мева моли ҳамин дарахт аст. Пас, асли матлаб ин аст: бояд меваеро бибинем, ки сад дар сад моли ин дарахт аст, на ин ки мо хаёл мекунем моли ин дарахт аст ва (дар воқеъ) моли ҷои дигаре аст. Мо ҳам дар инҷо мегӯем, далели имтиёзи ислом бар масеҳият ин аст, ки мо то он рӯзе, ки ба ислом ҳарчанд ба таври нисбӣ амал мекардем, пешрафтатарини миллатҳои дунё будем. Ба иттифоқи тамоми аҳли таҳқиқ, аз ибтидои зуҳури ислом то қарни панҷум ва балки қарни шашуми ҳиҷрӣ, машъалдори тамаддун ва фарҳанги ҷаҳон, ҷаҳони ислом будааст; ҷаҳони ислом буд, ки аз қитъаҳо ва тиккапораҳо ва аз маводди муталошишудаи тамаддунҳои мухталиф мояе сохт ва аз ин моя ҳақиқатеро ба номи "тамаддун ва фарҳанги исломӣ" ба вуҷуд овард ва дар он вақт дунёи масеҳият дар ниҳояти таваҳҳуш ва барбарият зиндагӣ мекард. Дар он замон дунёи масеҳият ба дини Масеҳ часпида буд ва дунёи ислом ба таври нисбӣ ба дини ислом. Аз вақте, ки мо исломро раҳо кардем ва шумо масеҳиятро раҳо кардед, (мо рӯ ба инҳитот гузоштем ва шумо рӯ ба пешрафт). Баъд аз ҷангҳои салибӣ ва рафту омадҳое миёни шарқ ва ғарб ва интишори сафарномаҳо ва робитае, ки бо тамаддуни Андалус (тамаддуни Испания) пайдо кардед ва донишҷӯёне ба онҷо фиристодед ва иқтибосҳое кардед ва баъд аз он ки меъёрҳои масеҳиятро шикастед ва ба меъёрҳои ислом рӯй овардед, (дунёи шумо ба самар нишаст). Аслан пайдоиши мазҳаби протестант маълули бархӯрди шумо бо дунёи ислом буд. Аз он рӯзе, ки шумо масеҳиятро раҳо кардед ва меъёрҳои дигареро — ки моли беруни дунёи масеҳият буд ва беш аз панҷоҳ дарсади онро аз дунёи ислом гирифта будед — ба кор гирифтед, дунёи шумо ба самароти самарбахше

расид ва аз он рӯзе, ки мо воқеият ва ҳақиқати исломро раҳо кардем ва фақат як қишр ва пӯстае аз он барои мо боқӣ монд, бадбахт шудем; ба хаёли худамон ислом дар миёни мо амал мешавад, вале ислом дар миёни мо амал намешавад.

Бинобар ин, сиҳҳати фарзияро амал нишон медиҳад, вале ба шарти ин ки равшан шавад фарзияи дигаре дар канори он вуҷуд надорад. Ҳамеша дар масоили иҷтимоӣ ин тавр аст. Бисёр соддаандешӣ аст, ки вақте дар дунё мебинем мардуми вобаста ба як мактаб пирӯзиҳое касб мекунанд, фавран он пирӯзиҳоро сад дар сад барои он мактаб бидонем; басо ҳаст, ки иллатҳо ва омилҳо ва ҷараёнҳои дигаре вуҷуд дорад, ки онҳо бештар дар муваффақият таъсир доранд.

Пас **ин ки мегӯянд, “агар фарзияе дар амал натиҷа дод, далел бар сиҳҳати он аст”, дар ҷойе дуруст аст, ки мо бидонем фарзияи дигаре дар ин мавриҷ намешавад ироа дод ва роҳ, мунҳасир ба ин фарзия аст**.

Бинобар ин, ба ин се далел наметавон ин матлабро қабул кард, ки “амал меъёри шинохт аст”. Боз бояд дунболи ҳамон асл биравем: ду гуна шинохт дорем: шинохтҳои худмеъёр ва шинохтҳои ғайри худмеъёр. Тоза агар амалро ҳам ба унвони меъёри шинохт қабул кунем, дар ҳақиқат ва воқеъ, як навъ шинохтро меъёри шинохт қарор додаем, на чизи дигар.

## Ҷараёни “амалгароӣ” ва “фоидагароӣ”

Ҷараёне аз се-чаҳор қарн пеш ба вуҷуд омад, ки мо бояд моҳияти онро бишносем ва иштибоҳ накунем. Аз қарни шонздаҳум баъзе аз донишмандон як ҷараёни амалгароӣ ва фоидагароиро дар дунё ба вуҷуд оварданд, ки шояд бишавад поягузори онро Фрэнсис Бэкон донист. Иддае омаданд гуфтанд: мо чаро вақти худамонро сарфи ин қазоё кунем, ки оё шинохти мо ҳақиқӣ аст ё ғайри ҳақиқӣ? (Ин ҳамон илм барои илм аст). Илм арзиши зотӣ, ки барои инсон надорад, абзоре аст дар дасти инсон, василае аст барои касби нерӯ. Фрэнсис Бэкон аз илм таъбире аз навъи қудрат кард, яъне илмро вориди мақулаи қудрат кард, гуфт: (чаро) уламои гузашта ин ҳама барои шинохт арзиш қоил ҳастанд ва кӯшиш мекунанд, ки даркашон аз олами воқеъ дарки ҳақиқӣ бошад? Ман намехоҳам дарки ман дарки ҳақиқӣ бошад — мехоҳад бошад, мехоҳад набошад — барои инсон илм як абзор бештар нест, ки ба ӯ қудрат медиҳад. Илм барои инсон мисли дандон аст барои шер, мисли хартум аст барои фил ва мисли шох аст барои гов. Ман мехоҳам аз илм дар зиндагӣ ва амал баҳра бибарам. Агар фарзияе сад дар сад ғалат бошад, вале дар зиндагӣ барои ман натиҷа бидиҳад, онро

тарҷеҳ медиҳам бар як назарияи сад дар сад дуруст, ки дар амал барои ман натиҷа надиҳад. Инҳо нагуфтанд амал меъёри шинохт аст, гуфтанд, аслан мо ба шинохт коре надорем. Эй башар! Ту чаро ин қадр васвасаи инро пайдо кардаӣ, ки ман мехоҳам иштибоҳ накунам, мехоҳам ҷаҳонроончунон, ки ҳаст бишносам ва мехоҳам андешаи ботил ва хилоф дар зеҳнам роҳ пайдо накунад? Ин васвос чист, ки пайдо кардаӣ? Агар инсон зеҳнаш пур аз хурофот ва иштибоҳот бошад, вале ҳамон хурофот ва иштибоҳот ӯро ба як натиҷаи амалӣ бирасонад, тарҷеҳ дорад бар ин ки зеҳнаш пур аз ҳақоиқ бошад, вале ин ҳақоиқ дар амал натиҷа надиҳад. Ин буд, ки ба арзиши амалии улум часпиданд, на ба арзишии назарии он.

Мумкин аст афроде имрӯз ҳарфашон ин бошад: мо дар мактабҳои фалсафӣ ҳам ба ҳақиқӣ будан ва дурустӣ ва нодурустӣ коре надорем, мо мақосид ва аҳдофе дорем, мехоҳем ба ҳадафҳои худамон бирасем, ҳар василае, ки моро ба ҳадафамон бирасонад, онро ихтиёр мекунем, мехоҳад дуруст бошад ё нодуруст, ҳақ бошад ё ноҳақ, ҳақиқат бошад ё хато.

Инро дар забони равшанфикрӣ ба ин шакл пиёда мекунанд, мегӯянд: як равшанфикр дар ҷомеаи худаш чӣ вазифае дорад? Мегӯянд, вазифааш ин аст, ки ҷомеаи худашро наҷот диҳад; агар дучори истеъмор аст, аз истеъмор раҳоӣ бахшад, аз зулм наҷот диҳад. Ин равшанфикр мумкин аст ду роҳро дар назар бигирад. Як роҳ ин аст, ки аввал кӯшиш кунад афкори ҷомеаашро ислоҳ кунад,[45] масалан ин тавр бигӯяд: эй мардум! Шумо дар бораи фалон мавзӯъ чунин ақида доред, эътиқод доред "чашмзахм" (сглаз) ҳам як чизе дар дунёст, ман мехоҳам барои шумо собит кунам, ки чашмзахм бемаънӣ аст; шумо ба фоли бад ва фоли нек эътиқод доред, ман мехоҳам собит кунам, ки фоли нек ва фоли баде вуҷуд надорад. Мегӯяд: ман бояд зеҳни ҷомеаи худамро аз афкори ботил, аз афкоре, ки равшанфикрӣ иҷоза намедиҳад, пок кунам, он гоҳ он чиро, ки ба назари худам ҳақиқат меояд, ба онҳо бигӯям ва баъд барои наҷот додани инҳо аз зулму истеъмору истисмор шурӯъ ба кор кунам.

Мегӯянд, ин равшанфикр ҳеч вақт муваффақ намешавад. Оқои равшанфикр! Ту мехоҳӣ ҷомеаатро наҷот диҳӣ, ту мехоҳӣ шикамҳои гуруснаро сер кунӣ, ту мехоҳӣ табъизро дар миёни ҷомеа аз байн бибарӣ, мехоҳӣ дар бораи ин ки молу сарват ва ҳама чизи ҷомеаро як идда аз хориҷ омадаанд ва мебаранд, чораҷӯӣ кунӣ, чӣ кор дорӣ, ки афкори инҳо дуруст аст ё нодуруст? Басо ҳаст аз ҳамин афкори нодурусти инҳо метавонӣ барои ҳадаф ва мақсади

---

[45] *Фарз бар ин аст, ки ҷомеааш як ҷомеаи ақибмонда аст, як ҷомеаи хурофӣ аст, як ҷомеае аст, ки гирифтори анвоъи афкор ва андешаҳо ва одатҳои ғалат аст.*

худат истифода кунӣ. Чӣ басо битавонӣ бо такя бар ҳамин афкори хурофӣ, нерӯе қавӣ ба вуҷуд оварӣ ва бо он бо истеъмору зулм мубориза кунӣ.

Кадом як аз ин ду роҳро бояд интихоб кард? Мегӯянд, ту агар бихоҳӣ аз он роҳи равшанфикрии худат биравӣ, ки аввал фикри онҳоро мисли худат дуруст кунӣ, ҳамон тавр, ки ба хаёли худат ба ҳақоиқе эътиқод дорӣ ва авҳому хурофотро дур рехтаӣ, аввал зеҳни онҳоро аз авҳому хурофот холӣ кунӣ, баъд инҳоро раҳоӣ бидиҳӣ, ҳеч вақт муваффақ намешавӣ. Вале чӣ басо агар бар ҳамон хурофот такя кунӣ, бо такя бар хурофот беҳтар битавонӣ онҳоро наҷот диҳӣ. Агар ҳақиқатро ба онҳо бигӯӣ, онҳоро душмани худат кардаӣ; аслан ҳақиқатро ба онон нагӯ, бар хурофоти онҳо такя кун. Масалан, мумкин аст ин оқои равшанфикр бо эҳсосоти натсионалистӣ миёнаи хубе надошта бошад, аз он одамҳои ба истилоҳ интернатсионалист бошад, бигӯяд: “тамоми хонадони башарӣ як ҷомеа ҳастанд, ҳамагӣ инсон ҳастанд, эҳсосоти натсионалистӣ яъне чӣ?!“ Агарчӣ миллате дорад миллати ӯро мечопад, вале ӯ мегӯяд: ман аввал бояд афкори натсионалистии ин миллатро, ки хурофа медонам, аз каллаашон берун кунам ва рӯи меъёрҳои инсонгароӣ ва интернатсионалистӣ такя кунам. Мегӯянд, ин равшанфикр ҳеч гоҳ муваффақ намешавад; вале агар бар меъёрҳои натсионалистӣ такя кунад — ки худи оқои равшанфикр онро қабул надорад — ва фавран як нерӯ ба вуҷуд оварад, бо ин нерӯ ба ҳадафи худаш, ки раҳоии ин мардум аз зулм аст мерасад, яъне бо як андешаи ғалат, як теорияи ғалат ва як фарзияи хурофӣ, ба ҳадафи худ ноил мешавад.

Ҳатто дар ҷомеае, ки андешаҳои мазҳабии сад дар сад хурофӣ дорад, равшанфикр имрӯз чӣ фикре мекунад? (Худаш ё мазҳабӣ нест ё лоақал мазҳабаш мисли мазҳаби онҳо нест). Оё ин равшанфикр барои наҷот ва раҳоии ҷомеаи худаш, аввал барои зудудани хурофот (иқдом мекунад)? На. Аз ҳамин нерӯҳои хурофӣ истифода мекунад ва ҷомеаашро наҷот медиҳад. Мегӯянд: ин далел бар он аст, ки барои муваффақият дар амал зарурат надорад, ки ҳамеша он теория, он фарзия ва он тарҳе, ки мардум онро ба марҳилаи иҷро мегузоранд, саҳеҳ ва дуруст ва ҳақиқӣ ва воқеӣ бошад.

Пас, касоне, ки ба фалсафаи амал часпиданд, ҳарфашон ин буд, ки аслан мо набояд васвоси ҳақиқатро дошта бошем ва ин аз гузашта ҳам иштибоҳ будааст, ки ин ҳама васвоси ҳаққу ботилро доштаанд; мо бояд дунболи натиҷа биравем.

Ин як тарзи фикре аст (албатта ман инро қабул надорам) ғайр аз он тарзи тафаккуре, ки мегӯяд, амал меъёри андеша аст. Он ки мегӯяд, амал меъёри андеша аст, мехоҳад бигӯяд,

ин ду бо якдигар тавъам аст, ҳар чи аз он дар амал натиҷа гирифтем, ҳақиқат аст ва агар аз чизе дар амал натиҷа нагирифтем, ҳақиқат нест. Ин аст он чизе, ки ман дорам дар инҷо онро рад мекунам. Дар масъалаи “робитаи амал ва андеша” чанд матлаби дигар низ ҳаст, ки чун дар ҷаласаи пеш ваъда додем, ба таври ишора ҳам, ки шуда, бароятон арз мекунам.

## Оё амал танҳо калиди шинохт аст?

Мегӯянд, амал калиди шинохт аст. Оё ин ҳарф дуруст аст ё дуруст нест? Ин ҳарф албатта дуруст аст, аммо эҳтиёҷ ба тавзеҳу тафсир дорад. “Амал калиди шинохт аст” яъне агар инсон вориди ҳеч гуна амале нашавад, дар хонаи худ биншинад ва дарҳоро ба рӯи хеш бибандад, баъд бихоҳад ҷаҳонро бишносад, абадан наметавонад ҷаҳонро бишносад, имкон надорад. Ояте аз Қуръонро дар ҷаласоти аввал хондам, ки мефармояд:

وَاللَّهُ أَخْرَجَكُمْ مِنْ بُطُونِ أُمَّهَاتِكُمْ لَا تَعْلَمُونَ شَيْئًا وَجَعَلَ لَكُمُ السَّمْعَ وَالْأَبْصَارَ وَالْأَفْئِدَةَ

(*Сураи Наҳл, ояти 78*) Аввал такя рӯи ҳавос мекунад. Аслан ҳавос амал аст, истиқро аст. Қуръон фақат намегӯяд Худо ба шумо гӯшу чашм дод, балки баъд аз он мегӯяд:

لَعَلَّكُمْ تَشْكُرُونَ

Яъне ин дуруст нест, ки ман бигӯям: чашм, ки дорам, гӯш ҳам, ки дорам, вале ба утоқе меравам ва дари утоқро ба рӯи худам мебандам, чашму гӯш дорам пас (худ ба худ) шинохт пайдо мекунам. На.

لَعَلَّكُمْ تَشْكُرُونَ

Яъне ҳавосро бояд дар амал ворид кунӣ, ки ҳамон истиқро ва таҷассус мешавад.

Пас, бидуни шак ин матлаб то ин андоза ҳарфи бисёр дурусте аст, ки амал (калиди шинохт аст)[46].

Аммо оё амал танҳо калиди шинохт аст? На. Амал калиди аввали шинохт аст; бо амал, мо як дар аз дарҳои шинохтро ба рӯи худамон боз мекунем ва ба як силсила масоил даст

---

[46] *Ин ки дар инҷо аз ҳавос ба “амал” таъбир мекунем, барои ин аст, ки бо амал метавон аз ҳавос истифода кард; бояд рафт, гардиш кард, нигоҳ кард, дид, шунид, бӯид, ламс кард; ин худаш амал аст.*

меёбем. Баъд навбати дари дуввум мерасад, дари дуввумро бояд бо калиди дигаре боз кунем. Бо калиди дуввум, ба шинохти болотар мерасем. Он чи дар ҷаласоти пеш арз кардам, ки шинохти сатҳӣ ва шинохти мантиқӣ ду марҳилаи асосӣ аз шинохт ҳастанд — балки мо шинохти мантиқиро низ ду марҳила кардем — ҳамин аст; амал (ҳавос) калиди шинохти сатҳии ибтидоӣ аст, яъне калиди ҷамъоварии маводди аввали шинохт дар зеҳн аст. Агар нахоҳем бо ин калид кор кунем, аслан навбат ба калиди дуввум намерасад; мисли ин аст, ки мехоҳем вориди утоқе шавем, ки дар пушти утоқи дигаре аст. То вақте, ки дари аввалро боз накунем, ба он утоқи дуввум намерсем. Оё вақте дари аввалро боз кардем, ҷаҳонро мутолеа кардем, он чиро, ки аз тариқи ҳавос ва истикро барои мо ба даст омаданӣ аст, ба даст овардем, ба ҳамаи шинохтҳо даст ёфтаем?

На. Калиди дуввум он аст, ки Қуръон аз он ба “фуод” ва файласуфон аз он ба “ақл” таъбир мекунанд. Он ҳам –

لَعَلَّكُمْ تَشْكُرُونَ

— дорад, яъне он ҳам бояд амал кунад, бояд ба кор биафтад. Пас, агар амалро шомили тафаккуру таъаққул ҳам бидонем, амал ҳамеша калиди шинохт аст. Вале иштибоҳ ин аст, ки вақте мегӯянд “амал калиди шинохт аст”, амалро мунҳасир ба “амали айнӣ” мекунанд, ки ҳамон мушоҳида ва баррасӣ бошад. На. Амали айнӣ (мушоҳида ва баррасӣ) калиди аввали шинохт аст.

Амали дуввум — ки агар исмашро амал бигузорем монее надорад — як навъ амали зеҳнӣ аст, ки марҳилаи дуввуми шинохт яъне марҳилаи мантиқии шинохтро бо он анҷом медиҳем. Вале оқоёне, ки мегӯянд “амал калиди шинохт аст”, фақат ба амали айнӣ таваҷҷӯҳ доранд ва ҳеч таваҷҷӯҳе ба амали зеҳнӣ надоранд, дар сурате, ки амали айнӣ яъне “мушоҳида”-ро ҳайвонот ҳам анҷом медиҳанд: мурғҳое, ки дар ҳаво парвоз мекунанд, доиман мушоҳида мекунанд, аспҳо ва гӯсфандҳо ҳам мушоҳида мекунанд. Ин ҳам як масъала буд, ки ба ҳамин ихтисор қаноат мекунам.

Масъалаи дигар ин аст: кадом амал аст, ки калиди шинохт аст, “амали фардӣ” ё “амали иҷтимоӣ”? Дар масоили марбут ба ҷомеа ин масъала матраҳ аст. Ин масъала аз замони Фейербах (*Ludwig Feuerbach*) матраҳ шуд. Фейербах вақте масъалаи праксис *(praxis (process)*)-ро матраҳ кард ва амалро меъёри шинохт донист гуфт: “Амали иҷтимоӣ меъёри

шинохт аст”,[47] яъне дар боби шинохт ҷомеа ва шинохт таърих, танҳо амал иҷтимоӣ меъёри шинохт аст.

## “Инсони фитрӣ” ва “инсони муктасиб”

Як масъалаи дигар ҳам ҳаст, ки инро ҳам тарҳ мекунам… Мегӯянд: амал (яъне кор) на танҳо меъёри шинохт аст, на танҳо калиди шинохт аст ва на танҳо амал бояд амали иҷтимоӣ бошад, балки асосан “кор” офаринанда аст, халлоқ аст; кор аст, ки инсонро месозад ва сохтааст ва кор аст, ки таърихро сохта ва ба вуҷуд овардааст. Мақсуди инҳо аз “кор” кори амалӣ ва кори иҷтимоии айнӣ аст. Чӣ чиз инсонро инсон кардааст? Мегӯянд: “кор”. Инсон бо кори худаш инсон шуд, на бо чизи дигар. Таърихро чӣ чиз ба вуҷуд овардааст? Кор. Абзори тавлидро (чӣ чиз ба вуҷуд овардааст?) Абзори тавлид ҳамон кор аст, ки таҷассум ёфтааст.

Ин дар муқобили чӣ андешае аст? Дигарон дар инҷо чӣ фикре доранд? Дигарон мегӯянд, ин матлаб, ки кор созандаи инсон аст, дар ҳадди зиёде дуруст аст, вале ин ки инсон ҳама чизи худашро аз кор дорад ва ҳатто тамоми “виҷдони инсон” сохтаи кор аст, дуруст нест. Масъалаи “фитрат” аз назари ислом дар инҷо матраҳ аст.

Як ихтилофи назари асосӣ, ки миёни ислом ва мактабҳои моддӣ дар масъалаи омилҳои созандаи таърих вуҷуд дорад, дар ҳамин ҷост. Ислом барои инсон, яъне барои инсони навъӣ, барои навъияти инсон, барои ҳар мавҷуде, ки ба сурати инсон офарида мешавад, ҳар мавҷуде, ки аз назари зистшиносӣ инсон аст, фитрат қоил аст; виҷдоне, ки лозимаи хилқати ӯст ва таърихашро ҳамон виҷдони ӯ яъне ҳамон фитраташ ҷилав бурдааст; кораш маълули ҳамон виҷдон аст; такомулашро ҳамон виҷдон ба вуҷуд овардааст. Ислом мегӯяд: кори инсон зоидаи виҷдони ӯст. Вале мактаби моддӣ мегӯяд: виҷдони инсон зоидаи кори ӯст. Ислом мегӯяд: мо ду инсон дорем: як инсони фитрӣ, ки ҳар касе билфитра инсон мутаваллид мешавад, ҳамроҳи як силсила арзишҳои олӣ ва мутаолии билқувва. Вақте инсон мутаваллид мешавад, билқувва ахлоқӣ аст, билқувва мутадайин аст, билқувва ҳақиқатҷӯст,

---

[47] *Албатта ин марбут ба шинохти таърих ва ҷомеа мешавад. Мусалламан Фейербах ҳам намехоҳад бигӯяд, ки дар масоили физика ва химия низ ҳатман бояд амали иҷтимоӣ бошад ва агар як донишманд ба таври фардӣ машғули таҳқиқ бошад, ба натиҷа намерасад. Ҳамеша афроди бахусусе ҳастанд, ки ин навъ таҳқиқотро анҷом медиҳанд.*

билқувва зебоидӯст аст, билқувва озод аст; тамоми арзишҳоро билқувва дар худаш дорад; мисли дарахте аст, ки бояд ба ӯ обу нур ва лавозими дигар расонд, то рушд кунад ва инҳо дар ӯ ба вуҷуд ояд. Ин “инсони фитрӣ” аст.

“Инсони муктасиб” ҳам дорем (ин аз усули маорифи ислом аст). Инсони муктасиб чист? Инсони сохташуда бо амали худаш. Инсон баъд аз он арзишҳои аввалии хилқатӣ, ки дорад, дар марҳилаи дуввум бо амали худаш сохта мешавад; мунтаҳо ду навъ сохта мешавад: як вақт ончунон сохта мешавад, ки ҳамоҳанг бо арзишҳои фитрӣ аст, ин мешавад инсони ростин. Ва як вақт сохта мешавад бар зидди арзишҳои фитрӣ, ин мешавад инсони масхшуда. Мо дар инҷо ду мактаби моддӣ дар муқобили худ дорем, яке мактаби материализми диалектикӣ ва дигар мактаби *экзистентсиализм* (*existentialism*). Инҳо ҳар ду дар ин назар бо ислом мухолифанд яъне ба инсони фитрӣ қоил нестанд. Экзистентсиализм ба ҳукми ин ки аслан фитратро мухолифи “озодӣ” медонад, бо ҳар навъ амри сириштӣ мухолиф аст ва фикр мекунад ҳар навъ амри сириштӣ бар зидди озодии инсон аст, пас инсон фоқиди табиат ва моҳият аст, инсон фоқиди фитрат аст; пас инсон вуҷуд дорад ва ҳеч сиришт ва моҳияте ва ҳатто ҳеч фитрате надорад; ҳар чи, ки инсон анҷом медиҳад, ба ҳукми интихоби худаш анҷом медиҳад.

Марксизм ин тавр намегӯяд. Ӯ ба чунин озодие эътиқод надорад. Марксизм ҳарфи дигаре мезанад, мегӯяд: “инсон дар ибтидо ҳеч чиз нест, инсон навъе як инсони интизоъӣ аст”, он инсонеро, ки ислом мегӯяд:

**كلّ مولود يولد على الفطرة**

(“*Ҳар касе, ки аз модар мутаваллид мешавад, як инсони фитрӣ мутаваллид мешавад.*”) қабул надорад, мегӯяд, ҳар касе, ки аз модар мутаваллид мешавад, аз назари инсон будан “ҳеч чиз” аст, ҳама чизро кор ба ӯ медиҳад, виҷдонашро кор ба ӯ медиҳад, ҳар чи ба ӯ дода мешавад, кор ба ӯ медиҳад (масъалаи “зербино” ва “рӯбино” дар инҷо пеш меояд); кор ҳам аъамм аз кори тавлидӣ ва кори ғайри тавлидӣ аст. Бинобар ин кор аст, ки виҷдони инсонро месозад. Инсон дорои виҷдон мешавад, вале виҷдонашро кор ба ӯ медиҳад. Инсон дар ҳар табақае, ки бошад ва ҳар навъ коре, ки дошта бошад, ҷабран виҷдонаш тобеъи вазъи табақотӣ ва навъи кори ӯ мешавад.

Вале ислом инро намегӯяд. Ислом мегӯяд: ҳамаи мардум ба сурати баробар як виҷдони фитрӣ доранд ва як виҷдони сонавӣ, ки ба хотири амал пайдо мешавад. Амал ҳам инсонро месозад, вале инсони сонавиро месозад.

**وصلى الله على محمد وآله الطاهرين**

*Поёни китоб*